Пардохти андозҳо - нишонаи бофарҳангии ҷомеа

# Боҷу хироҷ

№42 (1243)

Панҷшанбе, 22 октябри соли 2020

www. bojukhiroj.tj
E-mail: boju_hiroj@mail.ru

Рӯзнома аз 26 декабри соли 1998 чоп мешавад.

МАҚОМОТИ АНДОЗИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

НАШРИЯИ КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ПРЕЗИДЕНТ



## ГИРОМИДОШТИ ШАХСИЯТҲОИ БАРҶАСТАИ ШЕЪРУ АДАБ

Суханронии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар Симпозиуми байналмилалӣ ба ифтихори 700-солагии Камоли Хуҷандӣ

Саҳ.2

# ТАКМИЛ ДОДАНИ ДОНИШИ КАСБӢ

**Мақсад аз баргузор намудани машғулиятҳо, пеш аз ҳама, такмил додани дониши касбӣ, малакаи корӣ, омӯзонидани кор бо технологияҳои иттилоотӣ ва модулҳои нави барномаи компютерии СМИИА аст**



# БАРРАСИИ МУФАССАЛИ ФАЪОЛИЯТ ДАР ДАВРАИ ПУРМАСЪУЛИЯТ

**Гузориши фишурда аз ҷараёни ҷаласаи Мушовараи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи натиҷаи фаъолияти мақомоти андоз дар нуҳ моҳи соли 2020 ва вазифаҳо барои давраҳои минбаъда**

Ҷаласаи навбатии Мушовараи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯзи 17 октябри соли 2020 дар қолаби видеоконференсия бо иштироки сардорони сарраёсату раёсатҳои дастгоҳи марказӣ, муовинони сардорони сарраёсату раёсатҳо, сардори Раёсати андози андозсупорандагони калон ва сардорони нозиротҳои андози андозсупорандагони калон дар шаҳри Душанбе ва вилоятҳои Суғду Хатлон, сардорони раёсатҳои андоз дар шаҳри Душанбе ва вилоятҳо, сардорони нозиротҳои андоз ва муовинони сардор - сардорони шуъбаҳои хизматрасонӣ ба андозсупорандагони нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ баргузор гардид.

Ҷаласаро Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Давлатзода Нусратулло Муқим ифтитоҳ намуда, барои пешниҳоди ҳисобот «Дар бораи натиҷаи фаъолияти мақомоти андоз дар нуҳ моҳи соли 2020 ва вазифаҳо барои давраҳои минбаъда» суханро ба муовини Раиси Кумитаи андоз - К. Меликзода дод.

(Давомаш дар саҳ.5-6)

НАТИҶАГИРӢ

## ЭҲСОСИ МАСЪУЛИЯТ

Баррасии фаъолияти нозироти андоз дар 9 моҳи соли ҷорӣ

Саҳ.6

ТАҲЛИЛ

## ҲОЛАТИ АНДОЗБАНДИИ ХОҶАГИҲОИ ДЕҲҚОНӢ

Пурра ба қайди давлатӣ гирифтани хоҷагиҳои деҳқонӣ ва ба андозбандӣ ҷалб намудани онҳо - яке аз самтҳои фаъолияти мақомоти андоз

Саҳ.8

НАЗОРАТ

## КОРҲОИ НАЗОРАТӢ – САМТИ МУҲИМИ ФАЪОЛИЯТ

Корҳои назоратӣ яке аз самтҳои муҳими фаъолияти мақомоти андоз буда, бо мақсади роҳ надодан ба қонуншиканиҳои андоз ва пешгирӣ аз ҳолатҳои саркашӣ намудан аз пардохти андозҳо гузаронида мешаванд

Саҳ.9

РУШДИ СОҲИБКОРӢ

## ШУМОРАИ СУБЪЕКТҲОИ ХОҶАГИДОР МЕАФЗОЯД

Афзоиш ёфтани шумораи соҳибкорон ба таъмини нишондиҳандаҳои қисми даромади буҷети давлатӣ мусоидат мекунад

Саҳ.10

# РОҒУН – АРСАИ НОМУСУ НАНГ

## Суханронии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо бунёдкорони Нерӯгоҳи барқи обии Роғун

**Ҳамватанони азиз!**

Чорабинии муҳимми сиёсӣ — интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 11-уми октябри соли ҷорӣ баргузор гардид, дар таърихи навини кишвари мо аз ҷумлаи рӯйдодҳои хотирмоне гардид, ки дар он мардуми шарифи тоҷик пуштибониву садоқати худро ба сулҳу субот, ваҳдати миллӣ ва ояндаи ободу осудаи давлати соҳибистиқлоли хеш бори дигар исбот карданд.

Дар ин рӯз мардуми сарбаланди мо ба хотири рушди ҳарчи бештари Тоҷикистони азиз ва таъмин намудани ҳаёти босаодат барои ҳар як хонадони кишвар бо амри дил ва дар фазои озоду шаффоф барои ҳафт соли оянда Роҳбари давлати худро интихоб карданд.

Бо истифода аз фурсат, ба тамоми мардуми шарифи Тоҷикистон ва ҳамаи ҳамватанони бурунмарзиамон, ки ба ман эътиқоду боварии бузург зоҳир намуда, маро ба мақоми олӣ – Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб карданд, сипосу миннатдории самимии худро баён менамоям.

Дар баробари ин, ба тамоми сокинони Тоҷикистон муроҷиат карда, як масъалаи муҳимро бори дигар хотирнишон месозам, ки ҳамаи мо бояд сарҷамъу аҳлона раванди ободкории сарзамини аҷдодиамонро ба хотири истиқболи арзандаи ҷашни бузургу муқаддаси миллиамон — сисолагии Истиқлоли давлатӣ боз ҳам вусъат бахшида, Ватанамонро обод кунем, давлатамонро нерӯманду пешрафта гардонем ва камбудиву мушкилоти мавҷударо бо заҳмати содиқонаву софдилонаи хурду бузурги мамлакат бартараф намоем.

**Муҳтарам бунёдкорони нерӯгоҳи барқи обии «Роғун»!**

Пеш аз ҳама, мехоҳам хотирнишон созам, ки мардуми шарифи Тоҷикистон лаҳзаҳои фараҳбахшу воқеан таърихии ба кор андохтани агрегатҳои нахустини нерӯгоҳи барқи обии «Роғун»-ро хуб дар хотир доранд.

Ҳарчанд ки аз он рӯзҳо вақти зиёде сипарӣ нашудааст, тавассути ду агрегати он то имрӯз, аллакай 1,7 миллиард киловатт — соат нерӯи барқ истеҳсол ва ба шабакаҳои энергетикии мамлакат интиқол дода шудааст. Аз аввали корҳои барқарорсозии иншооти нерӯгоҳ, яъне аз соли 2008 то ба ҳол 25 миллиарду 340 миллион сомонӣ маблағ равона гардидааст. Танҳо дар соли 2020 барои сохтмони он аз ҳисоби буҷети давлат қариб се миллиард сомонӣ пешбинӣ шудааст.

Аз ҷумла, барои татбиқи корҳои сохтмону васлгарии пешазшартномавӣ, иҷрои корҳо вобаста ба лоти 2 – сохтмони сарбанд ва корҳои бармаҳали лотҳои сеюму чорум, хариди таҷҳизот ва масолеҳи сохтмон, инчунин, хизматрасонии молрасонандагон аз ҳисоби буҷети давлат 1 миллиарду 872 миллион сомонӣ маблағгузорӣ сурат гирифтааст.

Ҳоло дар сохтмон 12707 нафар коргарон ва кормандони муҳандисиву техникӣ, аз ҷумла 1990 нафар кормандони Ширкати “Вибилд” дар ду вахта бо истифода аз 3824 мошину механизмҳо шабонарӯзӣ фаъолият мекунанд.

Ҳарчанд ки иҷрои корҳо зери назорати доимии роҳбарияти Ҳукумат қарор дорад, мо имрӯз бори дигар бо ҷараёни корҳо аз наздик шинос шуда, шоҳиди пешравиҳои назаррас, хусусан, дар сохтмони сарбанд гардидем.

Корҳо, алалхусус, дар маҷмӯи обқабулкунакҳои асосӣ, роҳҳои ба онҳо баранда, нақбҳои обгузари амудӣ, мустаҳкамкунии фарози кӯҳҳо, баромадгоҳи нақби обпартои сеюм, нақбҳои нақлиётӣ, ки роҳи асосиро аз соҳили рост ба шонаи сарбанд пайваст мекунанд, нақбҳои заҳкашӣ ва шахтаи ҳаводиҳӣ қобили таваҷҷуҳ мебошанд.

Дар сохтмони нақби обпартои чорум, ки корҳои лоиҳавии онро ширкатҳои “Тоҷик Кон” ва “Афри”-и Швейтсария анҷом медиҳанд, ширкатҳои ватаниву хориҷӣ бо техникаву механизмҳои муосиру пуриқтидор фаъолият доранд. Корҳои васлу насб дар қисмати толори дарвозаҳои садамавӣ ва асосии чорум идома доранд.

Вобаста ба ин, таъкид месозам, ки нақби чорум бояд дар муҳлатҳои муайянгардида ва бо сифати баланд ба истифода дода шавад, зеро истифодаи он ба баланд бардоштани сатҳи сарбанд ва обгирии обанбор дар нуқтаи 1100 метр имконият медиҳад, ки ин, дар навбати худ, боиси афзоиши истеҳсоли қувваи барқ мегардад. Тибқи натиҷаи озмунҳои байналмилалӣ сохтмони иншооти нерӯгоҳ ба лотҳо тақсим шудааст.

Ин лотҳо аз ҳамдигар вобастагии зич дошта, ақибмонии яке аз онҳо ба суръати корҳо дар самтҳои дигар сабаб мешавад. Бинобар ин, кор бояд дар ин самтҳо муштарак ва бо ҳамоҳангӣ пеш бурда шавад.

Дар бунёди сарбанд, ки тибқи шартнома ба уҳдаи Ширкати “Вибилд” вогузор шудааст, иҷрои корҳо мутобиқи ҷадвали тасдиқгардида амалӣ гардида истодааст. Ширкатро зарур аст, ки иҷрои корҳоро то сатҳи 1110 метр дар муҳлати муайянгардида таъмин намуда, ба масъалаи устувории сарбанд ва пешгирӣ намудани пуршавии обанбор аз обовардҳо аҳаммияти аввалиндараҷа диҳад.

Ман дар вохӯриҳои қаблӣ борҳо таъкид карда будам, ки истифодаи техникаву технологияҳои замонавӣ дар бунёди нерӯгоҳи “Роғун” аз ҷумлаи масъалаҳои асосӣ маҳсуб мешавад. Ҳарчанд ки моҳҳои охир дар сохтмони сарбанд 405 мошину механизмҳо истифода шуда истодаанд, вале ин шумора нокифоя мебошад.

Ҳаҷми кашонидану шибба кардани масолеҳи сарбанд дар як шабонарӯз ба 25-30 ҳазор метри мукааб расонида шудааст, лекин чунин ҳаҷм ҳанӯз кам буда, ҷавобгӯи меъёрҳои дар лоиҳа пешбинигардида нест. Аз ин лиҳоз, шумораи мошину механизмҳо дар сохтмони сарбанд бояд бамаротиб зиёд карда, ҳаҷми рехтану шибба кардани сангу шағал ва масолеҳи дигар ба сарбанд афзоиш дода шавад. Яъне зарур аст, ки бо зиёд кардани шумораи техникаву мошинолот кори бунёди нерӯгоҳ боз ҳам суръат бахшида, муҳлати пурра ба кор андохтани агрегатҳои боқимондаи он ҳарчи камтар карда шавад.

Фармоишгар ва ширкатҳои пудратиро зарур аст, ки истифодаи самараноки автомашинаҳои боркаш ва экскаватору булдозерҳоро дар се баст таъмин намоянд ва барои ба иншоот ворид намудани воситаҳои иловагии техникӣ тадбирҳои мушаххас андешанд.

Истифодаи хатти конвейерӣ низ аз ҷумлаи роҳҳои самаранок истифода бурдани маблағ ва масолеҳи сохтмон дар бунёди сарбанд мебошад ва истифодаи пурраи он ҳарчи зудтар бояд таъмин карда шавад. Масъалаи дигаре, ки барои таъмин намудани бехатарии нерӯгоҳ бисёр муҳим ба ҳисоб меравад, ташкил ва таъмин намудани мониторинги инструменталӣ дар иншоот мебошад.

Зеро дар нерӯгоҳи “Роғун”, ки аз маҷмааи иншооти бузурги зеризаминӣ ва баландтарин сарбанди гидротехникии дунё иборат аст, ташкил ва пешбурди мониторинги техникиву технологии сатҳи байналмилалӣ ҷиҳати таъмини бехатарии он зарур ва ҳатмист. Тибқи маълумот ҳоло дар 53 иншооти нерӯгоҳи “Роғун” қариб 4000 асбоби санҷишу ченкунӣ васлу насб карда шудааст.

Дар атрофи иншоот ва обанбори нерӯгоҳҳои Роғун ва Норак 11 пойгоҳи сейсмикии рақамии моҳворавӣ бо маркази сейсмикии Ҷамъияти саҳҳомии кушодаи “Нерӯгоҳи барқи обии Роғун” васлу насб ва тавассути хатти баландсуръати интернет бо маркази зилзиласанҷии Хадамоти геофизикии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон пайваст карда шудааст.

Борҳо таъкид кардаам, ки нерӯгоҳи “Роғун” барои садсолаҳо бунёд мешавад. Аз ин лиҳоз, бояд ба эътимоднокии корҳои сохтмон ва истифодаи масолеҳу таҷҳизоти босифати ҷавобгӯ ба талаботи меъёрҳои ҷаҳонӣ диққати аввалиндараҷа дода шавад. Бо ин мақсад ҳоло як озмоишгоҳи муҷаҳҳаз бо асбобу таҷҳизоти замонавӣ ташкил карда шудааст.

Кормандони назорати техникии Фармоишгар бояд якҷо бо мутахассисони Хадамоти давлатии назорати меъморӣ ва сохтмони назди Кумитаи меъморӣ ва сохтмон ва Хадамоти назорати давлатии бехатарии корҳо дар саноат ва соҳаи кӯҳкорӣ масъалаи мазкурро бо реҷаи шабонарӯзӣ таҳти назорат қарор диҳанд.

**Ҳамватанони азиз!**

Солҳои охир талабот ба нерӯи барқ дар миқёси ҷаҳон, аз ҷумла кишвари мо низ мунтазам афзоиш ёфта истодааст ва тибқи пешгӯии мутахассисон дар давлатҳои ҷаҳон талабот ба он то соли 2030 нисбат ба ибтидои асри бистуякум қариб чор баробар зиёд мегардад.

Барои ноил шудан ба ҳадафи чоруми стратегӣ, яъне саноатикунонии босуръати кишвар ва баланд бардоштани рақобатнокии маҳсулоти саноатӣ бояд таъминоти кафолатноки нерӯи барқ таъмин карда шавад.

Маҳз бо ҳамин мақсад, яъне таъмин намудани пешрафти босуботи кишвар ва мунтазам баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолии он мо рушди соҳаи энергетикаи обиро самти муҳимтарину афзалиятноки сиёсати иқтисодии худ ва расидан ба истиқлолияти энергетикиро ҳадафи стратегии миллӣ эълон кардаем.

Сохтмони нерӯгоҳҳои барқи обӣ дар дарёҳои Тоҷикистон ба таъмин намудани тавозун байни талабот ба қувваи барқ ва захираҳои об мусоидат карда, барои идоракунии устувори захираҳои об ва коҳиш додани норасоии нерӯи барқ дар минтақа кумак мерасонад.

Тоҷикистон дорои захираҳои бузурги гидроэнергетикӣ мебошад ва яке аз кишварҳои асосии истеҳсолкунандаи “энергияи сабз” дар миқёси сайёра ба шумор меравад. Мо мехоҳем ин имкониятҳои азимро на танҳо ба нафъи худ, балки ба манфиати дигарон, аз ҷумла мардумони минтақаи Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ истифода барем.

Ба ин хотир, мо ҷиҳати зиёд кардани истеҳсоли нерӯи барқи аз лиҳози экологӣ тоза, яъне барқе, ки аз манбаъҳои таҷдидшавандаи энергия истеҳсол мегардад ва тавсеаи шабакаҳои интиқоли он як қатор лоиҳаҳоро таҳия карда, онҳоро бо ҳамкории шарикони байналмилалӣ амалӣ карда истодаем. Дар натиҷаи татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ то имрӯз шабакаи ягонаи энергетикии кишвар таъсис дода, фаъолияти устувори низоми энергетикӣ таъмин карда шуд.

Натиҷаи бисёр муҳимми иқдомоти солҳои охир — истеҳсоли қариб 21 миллиард киловатт — соат нерӯи барқ дар соли 2019 ва пурра бо барқ таъмин гардидани аҳолӣ ва соҳаҳои иқтисодиёти кишвар аст, ки нисбат ба замони сохти гузашта якуним баробар зиёд мебошад.

Ҳоло дар соҳаи энергетика ғайр аз лоиҳаи сохтмони нерӯгоҳи барқи обии “Роғун” татбиқи боз 12 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ ба маблағи умумии беш аз 13 миллиарду 300 миллион сомонӣ идома дорад.

Марҳалаи якуми таҷдиди нерӯгоҳи барқи обии “Норак”, сохтмони нерӯгоҳи барқи обии “Себзор”, сохтмони шабакаҳои барқӣ дар Ромит, ҷорӣ намудани системаи ҳисоби яклухти интиқоли нерӯи барқ ва беҳдошти шабакаҳои интиқоли барқ, таҷдиди нерӯгоҳҳои барқи обии “Сарбанд”, “Қайроққум”, лоиҳаи минтақавии хатти интиқоли барқи CASA-1000, “Электрификатсияи деҳоти Тоҷикистон, азнавпайвастшавӣ ба низоми энергетикии ягонаи Осиёи Марказӣ аз ҷумлаи ҳамин лоиҳаҳо мебошанд.

Инчунин, мувофиқи нақша дарояндаи наздик ба истифода супоридани дигар иншооти нави истеҳсол ва интиқоли нерӯи барқ, ба монанди бунёди хатти интиқоли барқи 500 — киловолтаи “Роғун-Сангтӯда”, инчунин, ҷорӣ намудани низоми муосири идоракунӣ ва назорати нерӯи барқ дар шаҳрҳои Душанбе, Бохтар, Кӯлоб, Панҷакент, Истаравшан, Исфара, Конибодом, Бӯстон ва ноҳияи Данғара пешбинӣ гардидааст.

Ҳоло корҳои вобаста ба асосноккунии техникиву иқтисодии нерӯгоҳи барқи обии “Шӯроб” ва ҷалби маблағ барои бунёди он, омӯзиш ва омодасозии ҳуҷҷатҳои зарурии нерӯгоҳҳои барқи обии “Санобод”, “Нуробод -1” ва “Нуробод -2” идома дошта, илова бар ин, вақтҳои наздик натиҷаҳои озмуни байналмилалӣ барои асосноккунии техникиву иқтисодии барқарорсозии пурраи нерӯгоҳи барқи обии “Бойғозӣ” бо ҷалби маблағҳои Бонки Ҷаҳонӣ эълон мегарданд.

Вале хотиррасон месозам, ки нерӯгоҳи барқи обии “Роғун”, яъне ояндаи дурахшони Тоҷикистон дар самти пурра таъмин намудани истиқлоли энергетикии кишвар нақши асосӣ ва бузург мегузорад.

Бинобар ин, ҷиҳати амалӣ гардидани ҳадафҳои дарпешистода масъулинро зарур аст, ки чораҳои зерин андешанд:

1. Ҷамъияти саҳҳомии кушодаи “Нерӯгоҳи барқи обии “Роғун” якҷо бо пудратчиёну зерпудратчиён, аз ҷумла Ширкати “Вибилд” корҳоро дар иншооти пешазшартномавӣ ва бунёди сарбанди нерӯгоҳ тибқи нақшаи тасдиқгардида тақвият бахшанд.

2. Ҷамъияти саҳҳомии кушодаи “Нерӯгоҳи барқи обии “Роғун” иҷрои нақшаи чорабиниҳои назорати вазъи санитариву эпидемиологиро дар иншооти нерӯгоҳ пурзӯр намояд.

3. Гурӯҳи кории ваколатдор корҳоро бо мақсади ҷалби маблағгузорӣ барои сохтмони иншооти нерӯгоҳ вусъати бештар бахшад.

4. Гурӯҳи кории ваколатдор доир ба дарёфти манбаи маблағгузорӣ ҷиҳати пешбурди корҳои сохтмони нерӯгоҳ барои соли 2021 ва солҳои минбаъда тадбирҳои мушаххас андешад.

5. Хадамоти назорати давлатии бехатарии корҳо дар саноат ва соҳаи кӯҳкории назди Ҳукумати мамлакат барои таъмин кардани бехатарии иншооти нерӯгоҳи “Роғун” чорабиниҳои иловагиро роҳандозӣ намояд ва назоратро дар ин самт тақвият бахшад.

6. Кумитаи меъморӣ ва сохтмон дар ҳамкорӣ бо Фармоишгари сохтмон назорати сифати корҳои сохтмонро тақвият бахшида, барои сари вақт аз ташхиси давлатӣ гузаронидани лоиҳаҳои пешниҳодшаванда чораҷӯӣ намояд.

7. Шӯрои нозирон ва Ситоди ҷумҳуриявӣ оид ба сохтмон ва ба истифода супоридани иншооти нерӯгоҳ назорати ҷараёни иҷрои корҳои сохтмонро тибқи ҷадвали тасдиқгардида дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда, масъалаҳои ҳалталаби иншоотро ба таври фаврӣ ҳаллу фасл созад.

Дар робита ба ин, ба роҳбарону мутахассисони соҳаи энергетика таъкид месозам, ки доир ба омодагии иншооти соҳа, аз ҷумла шабакаҳои интиқоли барқ ва таҷҳизоти он ба мавсими тирамоҳу зимистони дарпешистода, инчунин, корҳои фаҳмондадиҳӣ оид ба истифодаи сарфакоронаи нерӯи барқ дар байни аҳолии кишвар тадбирҳои иловагӣ андешанд.

Дар охир ба тамоми сохтмончиёни нерӯгоҳ, аз ҷумла ба ҳамаи шумо, ки бо фаъолияти созандаи худ кори бунёди иншооти тақдирсози миллат ва ба кор андохтани агрегатҳои минбаъдаи онро вусъат бахшида истодаед, аз номи мардуми Тоҷикистон ва Ҳукумати мамлакат изҳори сипос намуда, ба шумо саломатӣ ва дар фаъолияти минбаъдаатон барору комёбиҳо орзу менамоям.

Шумо – бунёдкорони иншооти бузурги аср ҳамеша дар хотир дошта бошед, ки амалӣ гардидани орзуи чандинсолаи сокинони кишвар ва таъмин намудани фардои ободи Тоҷикистон аз саъю талоши ватандӯстона ва кори софдилонаи шумо вобаста мебошад.

Бовар дорам, ки ҳар яки шумо бо заҳмати содиқонаи худ дар ин манбаи бузурги нур дар дилу дидаи мардуми тоҷик барои солиёни зиёд ҷой хоҳед гирифт.

**Ҳамеша саломату сарбаланд ва хонаобод бошед!**

# ГИРОМИДОШТИ ШАХСИЯТҲОИ БАРҶАСТАИ ШЕЪРУ АДАБ

**Суханронии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар Симпозиуми байналмилалӣ ба ифтихори 700-солагии Камоли Хуҷандӣ**

**Ҳамватанони азиз!**

**Ҳозирини гиромӣ!**

Дар оғоз кулли мардуми фарҳангдӯсту маърифатпарвари тоҷик ва ҳамаи шумо — ҳозирини муҳтарамро ба ифтихори ҷашни 700-умин солгарди чеҳраи тобноки Шарқ, шоири озодандеш ва мутафаккири барҷастаи тоҷик — Хоҷа Камолиддини Хуҷандӣ самимона табрик мегӯям.

Ҳукумати мамлакат ҳанӯз аз оғози Истиқлоли давлатӣ ба гиромидошти шахсиятҳои барҷастаи илму фарҳанг ва шеъру адаб, ки барои ҳифзи таърих, забон, фарҳанг ва тамаддуни тоҷикон хизматҳои мондагор анҷом дода, дар айни замон, дар рушду пешрафти тамаддуни ҷаҳонӣ саҳми арзишманд гузоштаанд, тавассути баргузории чорабиниву иқдомоти сатҳи баланд эътибори махсус медиҳад.

Дар тӯли бист соли охир доир гардидани ҷашнҳои солгарди Борбади Марвазӣ, Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосими Фирдавсӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ, Носири Хусрави Қубодиёнӣ, Мирсайид Алии Ҳамадонӣ, Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ, Мирзо Абдулқодири Бедил ва дигар симоҳои намоёни шеъру адаб ва илму фарҳанги халқамон аз ҷумлаи ҳамин иқдомоти Ҳукумати Тоҷикистон мебошанд.

Бо қаноатмандӣ изҳор менамоям, ки чорабиниҳои зикргардида дар боло рафтани ҳисси ифтихори миллӣ ва худшиносиву худогоҳии мардуми мо, бахусус, насли наврасу ҷавон нақши басо назаррас гузоштанд.

Мо ҳанӯз соли 1996 ҷашни 675-солагии Камоли Хуҷандиро дар сатҳи баланд таҷлил карда будем. Ин маъракаи муҳимми фарҳангӣ боис гардид, ки мероси гаронбаҳои Камоли Хуҷандӣ ба таври комилтар мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор дода шавад. Тайи ин солҳо аз тарафи олимони тоҷик нусхаҳои дастнависи девони шоир қариб аз тамоми китобхонаҳои бузурги дунё ҷамъ оварда шуд.

Девони ашъори Камол чандин маротиба ба нашр расида, доир ба зиндагӣ ва паҳлуҳои гуногуни эҷодиёти ӯ рисолаву мақолаҳои зиёде таълиф ва интишор ёфтанд. Яъне мардуми тоҷик шахсияти Камол ва офаридаҳои ҷовидонии ӯро боз ҳам беҳтар шинохтанд. Имрӯзҳо дар идомаи ҷашни истиқлолу озодии Ватани маҳбубамон 700 — солагии Камоли Хуҷандӣ таҷлил мегардад.

Ду сол пеш Ҳукумати мамлакат санадҳои заруриро доир ба ин санаи таърихӣ ба созмони байналмилалии ЮНЕСКО пешниҳод карда буд. Ва ин ташкилоти бонуфуз соли гузашта пешниҳоди моро дар хусуси баргузор намудани ҷашни 700-солагии Хоҷа Камол ҷонибдорӣ карда, доир ба ин масъала қарори дахлдор қабул намуд.

Боиси ифтихор аст, ки ин санаи фархундаро дар баробари мо ҷомеаи илмиву фарҳангии бисёр кишварҳои олам таҷлил мекунанд. Мо ба ҳамаи олимону донишмандоне, ки дар саросари олам шахсият ва эҷодиёти ин шоири барҷастаи тоҷикро мавриди таҳқиқ қарор дода, мақолаву рисолаҳои зиёди илмӣ навиштаанд, изҳори сипос менамоем.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Ман дар китобу мақолаҳои илмӣ, суханрониҳо ва мулоқоту воҳӯриҳои худ ҳамеша таъкид менамоям, ки халқи тоҷик аз қадим миллати фарҳангофарину тамаддунсоз мебошад ва ба ҷаҳониён шахсиятҳои бузург – олимону мутафаккирон, шоирону нависандагон ва ҳунармандони асилеро тақдим кардааст, ки онҳо дар амри ғанӣ гардониданн тамаддуни башар саҳми босазо гузоштаанд.

Мо бо чунин фарзандони фарзонаи халқи худ ифтихор мекунем, зеро онҳо барои миллати хеш ва аҳли башар ганҷинаи гаронбаҳову пуркимат, яъне осори ҷовидонаи илмиву адабиро ба ёдгор гузоштаанд.

Дар робита ба ин, хотирнишон месозам, ки дар баробари ифтихор доштан бо ин мероси пурғановат ба ҳар яки мо зарур аст, ки онро амиқ омӯзем, ҳамаҷониба таҳқиқ кунем ва барои тарбияи ахлоқиву фарҳангии наврасону ҷавонон васеъ истифода намоем. Зеро омӯзишу таҳқиқ ва тарғиби эҷодиёти ниёгони некноми мо беҳтарин восита ва пули пайвандкунандаи гузашта бо имрӯз мебошад.

Ба имрӯзиён фаҳмонидани моҳияти аслӣ ва арзиши офаридаҳои ҷовидонии гузашта роҳи бисёр муассири ба камол расониданн насли ояндаи бедору ҳушманд ва худшиносу худогоҳ ба ҳисоб меравад.

Воқеан, худи Хоҷа Камоли Хуҷандӣ, ки имрӯз мо 700 – солагии ӯро ҷашн мегирем, аз ин мактаби бузурги адабиёти гузашта сабақи маънавӣ ва адабӣ гирифта, то ба дараҷаи шоири бузурги Шарқ расидааст. Ҳаёту фаъолияти ин сухансарои беназир ба замони хеле пурталотуми сиёсӣ ва ноороmiҳои иҷтимоӣ рост омадааст.

Чунонки аз осори таърихии асримиёнагӣ бармеояд, дар асри XIV дар сарзамини Мовароуннаҳр парокандагии сиёсӣ падид омада, дар натиҷа дар гӯшаҳои гуногуни он суботу оромӣ аз байн рафта будааст.

Чунин вазъи номусоиди сиёсӣ боис мегардад, ки дар нимаи дуюми асри XIV бисёр шоирон ва олимону нависандагон маҷбур шудаанд дар ҷустуҷӯи гӯшаи амну ором қаламрави Мовароуннаҳрро тарк карда, ҷойҳои дигарро макони истиқомат ихтиёр намоянд. Камоли Хуҷандӣ низ тарки зодгоҳ карда, Табрезро ҷойи зист интихоб менамояд.

Сабаби аз ҷониби Камол ҳамчун макони зист пазируфта шудани ин шаҳр чаҳор омил мебошад: якум, аз ҷиҳати амну осоиш Табрез машҳур шуда буд; дигар, ин шаҳр дар он даврон яке аз марказҳои бузурги фарҳангӣ ва адабӣ ба ҳисоб мерафт; сеюм, яке аз шоҳаҳои Шоҳроҳи абрешим аз ин мавзеъ мегузашт ва он ҷо маҳалли робита ва омезиши тамаддунҳои гуногун гардида буд. Чаҳорум, аҳолии асосии Табрезро тоҷикон ташкил мекарданд.

Таърихнависи бузурги ҳамасри Камоли Хуҷандӣ – Ҳамдуллоҳ Мустафии Қазвинӣ, ки бештар дар Табрез умр ба сар бурдаасту шоҳиди ҳол будааст, дар яке аз рисолаҳои худ чунин хабар медиҳад: — "Аксари мардуми бумии Табрез тоҷиконанд".

Яъне Камол он ҷо дар байни ҳамқавмон ва дар иҳотаи муҳити забони модарии худ қарор дошт ва бо хурду бузург дар муошират буд. Камол шаҳри Табрез ва табрезиёни ҳунармандро дӯст медошт. Он ҷо издивоҷ карда, соҳиби якчанд фарзанд шудааст. Мувофиқи маълумоти сарчашмаҳои мӯътамад ва ишораҳои шахсӣ донишмандону адибони маъруф Ризоқулихони Ҳидоят ва Содиқ Ҳидоят аз ҷумлаи аберагони Камоли Хуҷандӣ мебошанд.

Камоли Хуҷандӣ дар муддати кӯтоҳ дар шаҳри Табрез ҳамчун донишманди бузург ва шоири тавоно шуҳрат пайдо карда, ҳамзамононаш ӯро бо сифатҳои «саромади рӯзгор», «марҷаи хосу ом» ва «сархайли акобири айём» тавсиф кардаанд. Вай дар замони зиндагии худ соҳиби эътибору обрӯи баланд гардида, муриду шогирдони зиёд доштааст. Ҳатто навиштаанд, ки Камол сардории доираи адабии Табрезро низ ба ӯҳда доштааст.

Бо ин ҳама эътибори баланд Камоли Хуҷандӣ шоири озодманиш, соҳиби истиқлоли фикриву эҷодӣ ва шахси сарбаланду боғурур будааст.

Аз иттилооти маъхазҳои адабиву таърихӣ маълум мешавад, ки Камол доим дар миёни мардуми заҳматкаш қарор дошта, аз аҳволи онҳо ҳамеша бохабар будааст ва ба ин хотир халқ ҳам иззату эҳтироми шоири маҳбуби худро сидқан ба ҷо меовардааст.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Камоли Хуҷандӣ аз шоирони пешин Шайх Аттор, Низомии Ганҷавӣ, Ҷалолуддини Балхӣ, Саъдӣ, Амир Хусрав ва Ҳасани Деҳлавиро бо камоли муҳаббат ёд кардааст. Ӯ, инчунин, аз шоирони ҳамзамонаш Маоэии Табрезӣ, Ассори Табрезӣ, Мағрибии Табрезӣ, Салмони Соваҷӣ ва Ҳофизи Шерозиро бисёр ёд намудааст. Вай, махсусан, бо шоири бузурги ғазалсарои ҳамзамонаш — лисонулғайб Ҳофизи Шерозӣ дӯстӣ ва ҳамкории эҷодӣ доштааст.

Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ дар "Баҳористон" овардааст: "Баъзе орифон, ки ба суҳбати Шайх Камол ва Ҳофиз — ҳар ду расида буданд, чунин фармудаанд: суҳбати Шайх беҳ аз шеъри вай бувад ва шеъри Ҳофиз беҳ аз суҳбати ӯ". Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки агар эътибору ҷойгоҳи Камол дар шоирӣ баланд намебуд, ӯро маҳз бо Ҳофиз муқоиса намекарданд ва Ҷомӣ низ ин санади ҷолибро дар асари худ намеовард.

Камоли Хуҷандӣ шоири ғазалсарост. Ӯ беш аз ҳазор ғазал эҷод карда, дар такмули ин навъи адабӣ саҳми ниҳоят бузург гузоштааст. Камол дар ғазалҳояш, пеш аз ҳама, ишқро тараннум карда, инсонҳоро ба хушбинӣ, бохабардорӣ аз ҳар лаҳзаи ҳаёт ба суди пешрафти ҷомеа ва ахлоқи писандида даъват мекунад. Ӯ мехоҳад инсон аз ҳар гуна қайду банд озод бошад ва мегӯяд:

*Олами озодагон хуш оламест,*
*Эй дил, он ҷо рав, ки он ҷо*
*хуштар аст!*

Камол каҷрафторӣ, ҳилаву тазвир ва авомфиребии мутаассибону риёкоронро ҷасурона фош карда, бо онҳо ҳаргиз созиш накардааст. Бисёр муҳаққиқон бар ин назаранд, ки ҳеҷ шоире ниқоб аз чеҳраи зоҳидони дурӯяву риёкор мисли Камол барнакандааст.

**Дӯстони азиз!**

Тавре дар оғози сухан зикр кардам, ҳоло аз ҷониби Ҳукумати мамлакат ҷиҳати омӯзиши ҳамаҷонибаи мероси адабии Камоли Хуҷандӣ ҳамаи шароити зарурӣ фароҳам оварда шудааст.

Чанд сол пеш дар маркази шаҳри Хуҷанд боғи зебои Камоли Хуҷандӣ, мақбара, пайкара ва хонаи ӯ бо дарназардошти фарҳанги меъморӣ ва боғдории замони зиндагии шоир бунёд гардид, ки имрӯз воқеан ба макони зиёрати ҳазорон нафар мухлисону мухлисону мухлисону мутахассисон шоир табдил ёфтааст. Илова ба тадбирҳои муҳимми зикршуда, Ҳукумати мамлакат ба таъсиси Муассисаи давлатии «Маркази илмии Камоли Хуҷандӣ» мусоидат намуд.

Қобили зикр аст, ки тайи панҷ соли фаъолияти ин марказ беҳтарин нусхаҳои хаттии девони шоир ҷамъоварӣ гардида, бо иловаи ашъори то замони мо номаълуми ӯ аз рӯйи нусхаҳои хаттии мӯътабари девони шоир бо пешгуфтори мо аз нашр баромад ва фикр мекунам, ки он яке аз беҳтарин туҳфаҳои ҷашнӣ ба шумор меравад. Вобаста ба ин, таъкид месозам, ки ҳарчанд қисмати асосии мероси маънавии Камоли Хуҷандӣ гирдоварӣ шуда, то кунун ба хонандагон дастрас шудааст, аммо бо ҳамин ҷустуҷӯи осори бозмондаи ин шоири шаҳир ба поён намерасад.

Аз ин хотир, зарур аст, ки Академияи миллии илмҳо, «Маркази илмии Камоли Хуҷандӣ», вазоратҳои фарҳанг, маориф ва илм дар самти ҷамъоварӣ, омӯзишу таҳқиқ ва нашри осори шоир тадбирҳои иловагӣ андешанд.

Мусаллам аст, ки яке аз ҳадафҳои асосии баргузор намудани ҳама гуна чорабиниҳои вобаста ба бузургдошти чеҳраҳои маъруфи адабу фарҳанг ба зеҳни ҷомеа расониданн афкори созанда ва андешаҳои тарбиятгаронаи онҳо мебошад. Хусусан, дар шароите, ки имрӯз ҷомеаи ҷаҳонӣ дар ҳоли бархӯрдҳои шадиди мафкуравӣ қарор дорад ва таъсири номатлубу хатарноки ин мубориза ва мухолифатҳо ба тафаккури наврасону ҷавонон тарафт афзуда истодааст, омӯхтану таблиғ кардани мероси созандаи гузаштагон ва андешаҳои ватандӯстонаи онҳо аҳаммияти бештар касб мекунад.

Андешаҳои ватандӯстонаи Камоли Хуҷандӣ ва дигар фарзандони фарзонаи халқамон сарчашмаи муҳимми тарбияи ойини ватанпарварӣ барои насли имрӯз ба шумор меравад, зеро ин суханвари мумтоз ҳарчанд ҳаёти худро дур аз зодгоҳ сипарӣ намуд, аммо ҳамеша ба ёди Ватан зист ва орзуманди дидор бо диёри хеш буд:

*Орзуманди диёри хешаму*
*ёрони хеш,*
*Дар ҷаҳон то чанд гардам*
*бесару бепо ғариб?*

Бо истифода аз фурсати муносиб, мехоҳам як нуктаи дигарро таъкид намоям. Соли дуюм аст, ки дар мамлакат озмуни «Фурӯғи субҳи доноӣ» ҷараён дорад. Нахустин натиҷаҳои озмуни мазкур нишон медиҳанд, ки он ба тафаккури маънавии ҳама қишрҳои ҷомеаи мо таъсири мусбат гузошта истодааст.

Вобаста ба ин, Вазорати маориф ва илм, Академияи миллии илмҳо, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои кишвар вазифадор карда мешаванд, ки дар ҷараёни баргузории давраҳои мухталифи озмуни «Фурӯғи субҳи доноӣ» ҷиҳати баргузор кардани маҳфилу озмунҳои «Мавлавихонӣ», «Камолхонӣ», «Саъдихонӣ», «Ҳофизхонӣ» ва «Бедилхонӣ» бо мақсади тарғиби афкори созандаи ин бузургон чораҷӯӣ намоянд.

Ҳамчунин, таъкид месозам, ки омӯхтану таблиғи осори гузаштагон ва ба наврасону ҷавонон фаҳмониданн моҳияту муҳтавои онҳо на ба таври мавсимӣ, яъне дар доираи баргузории чорабиниҳои ҷашнӣ ва ҳамоишу озмунҳо, балки доимӣ ва бо истифода аз ҳама роҳу воситаҳо бояд ба роҳ монда шавад.

Бовар дорам, ки андешаҳои инсонсозу ватандӯстонаи Камоли Хуҷандӣ ва дигар суханварони адабиёти оламшумули тоҷик дар роҳи эҷоди монеаҳои устувор барои муқовимат бо мафкураи бегонаву харобиовар нақши муассир мегузоранд.

Дар марҳалаи нави таърихие, ки ҳоло кишвари мо дар он қарор дорад, рисолати шумо — донишмандону олимон, аҳли зиё, аз ҷумла шоирону нависандагон ба сатҳи ҷаҳонӣ бардоштани корҳои илмӣ, ба василаи забонҳои мухталифи дунё тарғибу ташвиқ намудани мероси пурғановати адабиёти миллиамон дар арсаи олам ва тарҷумаву нашри таҳқиқоти донишмандони ҷаҳонӣ ба забони тоҷикӣ ба шумор меравад.

Дар ҷодаи расидан ба ин ҳадафи наҷиб ба ҳамаи шумо — олимону донишмандон ва адибону суханварон барори кор орзу намуда, бори дигар ин рӯйдоди фараҳбахши таърихӣ, яъне 700-солагии фарзанди арҷманди миллати тоҷик Хоҷа Камолиддини Хуҷандиро ба тамоми ҳамватанон ва мухлисону иродатмандони ин шахсияти барҷаста самимона табрик мегӯям.

**Ба кори симпозиуми илмии имрӯза барору муваффақият мехоҳам.**

**Доим саломату сарбаланд бошед, дӯстони азиз!**

# АРСАИ КОРҲОИ СОЗАНДАГӢ БА ИСТИҚБОЛИ ҶАШН

**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ—Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вилояти Суғд як қатор корхонаҳои навро ифтитоҳ намуда, ба бунёди корхонаҳои нави саноатӣ санги асос гузоштанд.**

## Маркази ташхисӣ-табобатии «Шифобахши Аср» дар шаҳри Хуҷанд

Хатҳои муосири технологӣ дар ин корхонаи истеҳсолӣ дар заминаи татбиқи ҳадафи чоруми миллӣ — саноатикунонии босуръати мамлакат ба истиқболи сазовори ҷашни 30-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ширкатҳои бонуфузи хориҷи мамлакат дастрас ва васлу насб гардидаанд.

Ба Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ дода шуд, ки тамоми номгӯи маҳсулоти истеҳсолнамудаи корхона сифати баланд дошта, ба меъёрҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ мебошад.

Дар Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди “Сайҳун” 30 нафар мутахассиси маҳаллӣ фаъолият карда, бо маоши баланд таъмин мебошанд. Бо фаъол гардидани хатҳои нави технологӣ 25 ҷойи нави корӣ таъсис ёфта, теъдоди кормандон ба 55 нафар расонида шуд.

Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди “Сайҳун” соли 1997-ум таъсис ёфта, марҳала ба марҳала иқтидори истеҳсолӣ зиёд карда мешавад. Қаблан дар корхонаи саноатӣ як хатти технологӣ, ки танҳо машруботи спиртӣ истеҳсол мекард, мавҷуд буд. Акнун се хатти нави тавлидотӣ ба кор доромад, ки барои васеъ намудани самти фаъолият ва афзоиши истеҳсоли маҳсулоти баландсифат, хусусан маҳсулоти хамирӣ ва маҳлули антисептикӣ қадамҳои устувор гузошта шуд.

Фаъолияти корхона бо истеҳсоли машруботи спиртии брендҳои “Араќи Сайҳун” ва “Араќи Хуҷанд” дар зарфҳои 0,5-литра шурӯъ шудааст. Ҳоло машруботи спиртӣ ва шароб аз ангур дар зарфҳои гуногунҳаҷм истеҳсол мегарданд. Асосан, фаъолияти корхона ба истеҳсоли машруботи спиртӣ равона шудааст.

Ба Сарвари давлат иттилоъ доданд, ки бо афзоиши иқтидори истеҳсолӣ дар баробари таъмини бозорҳои дохилӣ содироти маҳсулоти хушсифат ба хориҷи кишвар низ ба роҳ монда хоҳад шуд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ташаббуси масъулони ширкат дар самти истеҳсоли маҳсулоти босифат изҳори сипос намуда, иқдоми мазкурро ҷонибдории амиқ аз сиёсати пешгирифтаи роҳбарони олии давлату Ҳукумати мамлакат арзёбӣ намуданд.

Дар маҷмӯъ, бо фаъол гардидани хаттҳои нави технологӣ дар Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди “Сайҳун” иқтидори корхона бамаротиб афзуда, истеҳсоли беш аз 30 номгӯй маҳсулот, аз ҷумла шароб аз ангур, маҳлулҳои безараргардонӣ ва маҳсулоти хамирӣ ба роҳ монда шуд.

## Мавриди истифода қарор додани хати нави технологӣ оид ба истеҳсоли 10 намуд кулчақанд дар ҶДММ «Маҳмудов Ғ» дар шаҳри Хуҷанд

Коргоҳи истеҳсолӣ дар доираи нақшаи чорабиниҳо ба истиқболи ҷашни 30-солагии Истиқлоли давлатӣ, дар заминаи татбиқи ҳадафи чоруми миллӣ — саноатикунонии босуръати мамлакат дар шаҳри Хуҷанд бунёд гардида, бо номи “Азизи ман” 10 номгуи кулчақанди дорои сифати баландро истеҳсол менамояд.

Хатти муосири технологӣ аз Федератсияи Россия ворид шуда, васлу насб гардидааст, ки бо фаъол шудани он 20 нафар занону бонувони маҳаллӣ бо ҷойи кори доимӣ ва маоши хуб таъмин гаштанд.

Арзиши хатти истеҳсолӣ 1 миллиону 150 ҳазор сомонӣ буда, иқтидори истеҳсолӣ дар як шабонарӯз 2 тонна кулчақанд мебошад. Асосан, барои омода кардани кулчақанд орд, равған ва шакар истифода мегардад, ки дар бозори истеъмолӣ ин навъи маҳсулот талабгорони зиёд дорад.

Дар Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди “Маҳмудов Ғ” 60 нафар коргар фаъолият дошта, беш аз 50 намуд маҳсулоти ивазкунандаи воридот, аз ҷумла кулчақанди “Президент”, ҳасибҳои дуд ва буғкардашуда, ҳасибчаҳо, майонез ва дигар намуди маҳсулоти истеъмолӣ истеҳсол шуда, ба бозорҳо бароварда мешавад.



Пас аз ифтитоҳи хатти муосири технологӣ ва шиносой бо фаъолияти коргоҳ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз намоиши маҳсулоти истеҳсолнамудаи Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди “Маҳмудов Ғ”, ки дар саҳни корхона ташкил карда шуд, дидан карданд.

## Ифтитоҳи коргоҳи истеҳсоли шоколад дар минтақаи саноатии шаҳри Хуҷанд

Маҳсулоти шоколадӣ дар корхона бо истифода аз таҷҳизоти муосири истеҳсолӣ тавлид гардида, дорои сифати баланд мебошад.

Дастгоҳу таҷҳизоти истеҳсолии корхона аз Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Мардумии Чин дастрас гардида, иктидори истеҳсолии корхона дар як шабонарӯз то 400 киллограмм маҳсулоти ғизоӣ мебошад.

Дар корхонаи нави саноатӣ, ки аз ҷониби соҳибкори ватанӣ Юсуфҷон Абдураҳимов таъсис ёфтааст, 40 нафар ба кор ҷалб гардидаанд. Аксари онҳоро занону бонувон ташкил медиҳанд.

Пас аз шиносоӣ бо фаъолияти корхона ва истеҳсоли маҳсулоти шоколадӣ Сарвари давлат аз намоиши маҳсулоти тавлиднамудаи ин корхонаи хурди саноатӣ дидан карданд.

## Ифтитоҳи гармхонаи замонавии «Бӯйи Баҳор» ва иштирок дар намоиши гулҳои ороишии хризантема дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров

Зимни боздид иттилоъ дода шуд, ки хоҷагии мазкур дар назди гармхона парвариши гулҳои ороишии навъи хризантемаро роҳандозӣ кардааст, ки айни замон нашъунамои хуб доранд. Дар маҷмӯъ, майдони умумии парвариши гулҳо 15 садяк заминро ташкил дода, дар он нуҳ намуди хризантема нигоҳубин карда мешавад.

Ба Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ доданд, ки шурӯъ аз 15 октябр ин навъи гул мешукуфад ва то анҷоми моҳи декабр зебову шукуфон боқӣ мемонад. Хризантема, асосан, барои зебу зиннат додани кӯчаву гулгашт ва майдонҳои фароғатӣ истифода гардида, аллакай, барои дастрас намудани он аз саросари ҷумҳурӣ дархост фиристода шудааст.

Айни замон, дар хоҷагии деҳқонӣ 5 ҳазор бех ин навъи гул парвариш меёбад ва хоҷагидорон ният доранд, ки майдони парвариши онро зиёд намоянд, зеро дар ҳоли авҷи корҳои сохтмонӣ ва бунёди гулгашту фароғатгоҳҳо дар Тоҷикистони соҳибистиқлол талабот ба чунин гулҳои ороишӣ сол то сол зиёд мегардад.

Дар ин баробар “Бӯйи Баҳор” дар масоҳати 30 садяк замин парваришу нигоҳубини навъҳои гуногуни арчаи ороишӣ низ роҳандозӣ кардааст. Айни замон 15 ҳазор бех сӯзанарча, кипарис ва мажавини дар хоҷагӣ парвариш ёфта, аллакай барои фурӯш омодаанд. Имкон аст, ки дар як сол то 5 ҳазор бех навъҳои гуногуни арчаи ороишӣ ба талабгорон пешниҳод карда шавад.

Зимни боздид Президенти мамлакат ба тарзи нигоҳубини хризантема дар хоҷагӣ баҳои баланд дода, ба масъулон дастур доданд, ки майдони парвариши онро васеъ намоянд.

Роҳбар давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни боздид ба фаъолияти хоҷагӣ баҳои баланд дода, таъкид доштанд, ки дастгирии чунин хоҷагиҳо омили муҳими таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти барвақтӣ ва муътадил нигоҳ доштани нархи навои маҳсулот дар бозорҳои мамлакат ба ҳисоб меравад.

## Огози бунёди марҳалаи дуюми гармхонаи замонавии Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди “ММК-Агро” дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров

Иттилоъ дода шуд, ки дар доираи дастуру супоришҳои Пешвои миллат гармхонаи мазкур дар масоҳати 3 гектар замин бунёд гардида, тибқи лоиҳа, дар он парвариши маҳсулоти кишоварзӣ бо усули гидропоникӣ роҳандозӣ мегардад. Дар гармхонаи нав парвариши помидору бодиринг ба роҳ монда мешавад ва тибқи баҳогузории олимон, ҳар сол аз он то 6 тонна бодиринг ва 6 тонна помидор ҷамъоварӣ мегардад.

Маҳсулоти он дар баробари қонеъсозии талаботи бозори дохилӣ, ҳамчунин ба содирот нигаронида мешавад, ки ин иқдом иқтидори содиротии мамлакатро боло бардошта, ҷойҳои нави корӣ фароҳам меорад.

Дар маҷмӯъ Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди “ММК-Агро” дар се марҳала дар масоҳати 10 гектар гармхонаҳои замонавӣ бунёд мекунад, ки ин иқдом ҷиҳати таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти тару тозаи ватанӣ дар фасли зимистон низ мусоидат хоҳад кард. Пас аз анҷоми корҳои сохтмонӣ 30 нафар соҳиби ҷойи кори доимӣ ва 20 нафари дигар соҳиби кори мавсимӣ хоҳанд гашт.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пас аз гузоштани санги асоси марҳалаи дуюм ба масъулон дастур доданд, ки корҳои сохтмониро бо сифати баланд ва дар муҳлати муқарраргардида анҷом дода, парвариши маҳсулоти кишоварзиро бо истифода аз тухмиҳои хушсифат роҳандозӣ намоянд.

Гармхона ба ду қисм: гидропоникӣ ва органикӣ ҷудо гардида, тамоми таҷҳизоти он аз Кореяи Ҷанубӣ ворид шудааст. Барои таъмини сифати хуби маҳсулот ва бардоштани ҳосили баланд тариқи обёрии қатрагӣ ба растанӣ 13 намуди элемент расонида мешавад. Муътадилии ҳарорати гармхонаи гидропоникӣ тариқи системаи буғӣ ва ба таври автоматӣ дар ҳама мавсими сол нигоҳ дошта мешавад ва барои иҷрои ин амалҳо ду деги калонҳаҷм низ насб гардидааст.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бунёди гармхонаҳои замонавӣ ва роҳандозии усулҳои нави парвариши маҳсулоти кишоварзиро омили асосии рушди соҳа номида, ҳамчунин ба масъулон дастур доданд, ки дар вазъияти пандемияи ҷаҳонӣ ҳар порча заминро ба хотири таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти кишоварзӣ самаранок истифода кунанд.

## Боздид аз қитъаи таҷрибавии Филиали Институти боғпарварӣ дар вилояти Суғд

Зимни боздид иброз гардид, ки бо дарназардошти ҳосили хуб ва сифати баланд дар қитъаи таҷрибавӣ навъҳои “Кулчахурмо”, “Серҳосили Вахш”, “Болаззати Деҳмой” ва “Пешпази ширин” парвариш карда мешаванд. Аллакай, ҷамъоварии ҳосил аз қитъаи мазкур шурӯъ гардида, маҳсулоти тару тозаи он ба бозорҳои дохили кишвар ба фурӯш бароварда мешавад.

Дар ҳамин ҷо Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз намоиши кишоварзӣ, ки дар он навъҳои гуногуни хурмо манзур карда шуд, дидан намуда, барои рушди фаъолият ва рӯёнидани ҳосили хуб ба кишоварзон дастуру маслиҳатҳои муфид доданд.

Иброз гардид, ки дар баробари рушди дигар бахшҳои соҳаи кишоварзӣ дар ноҳия боғпарварӣ низ ба нишондиҳандаҳои чашмраси рушд ноил гардидааст. Дар ин замина дар доираи барномаҳои давлатӣ майдони боғи хурмо низ зиёд гардида, айни замон масоҳати умумии он дар саросари вилояти Суғд 300 гектарро ташкил медиҳад.

Зимни намоиши кишоварзӣ иброз гардид, ки дар баробари таъмини эҳтиёҷоти худӣ бо ин навъи маҳсулот бояд содироти он ба дигар кишварҳо низ густариш дода шавад, зеро меваҳои шаҳдбори Тоҷикистон дар саросари ҷаҳон харидорони худро доранд. Дар ин самт Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба кишоварзону масъулон дастуру маслиҳатҳои муфид дода, иштирокчиёнро вазифадор намуданд, ки ҳар қитъаи заминро самаранок истифода намоянд.

## Ба истифода додани 4 бинои нав барои парвариши 80 ҳазор сар мурғ ва корхонаи банду басти маҳсулот дар шаҳри Гулистон

Фабрикаи парандапарварии “Мурғи аълосифат” дар асоси дастуру супоришҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ҷониби соҳибкори ватанӣ Парвиз Бобоев моҳи апрели соли 2019 таъсис ёфта, биною иншооти махсуси соҳавӣ барои парвариши парандаи гӯштии бройлерӣ, забҳ, коркарду банду баст ва нигоҳдории гӯшти парҳезии паранда муҷаҳҳаз бо хату таҷҳизоти технологии муосир сохта шудааст.

Ба фаъолияти марҳалаи аввали фабрикаи парандапарварӣ 22 марти соли равон Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон расман оғоз бахшида, ба соҳибкори ватанӣ ва роҳбарони вилояти Суғду шаҳри Гулистон дастуру супориш дода буданд, ки саршумори парандаи гӯштиро зиёд намуда, коркарду банду басти гӯшти парҳезии парандаро дар технологияи пешрафта дар дохили корхона ба роҳ монанд ва ба бозори истеъмолӣ гӯшти парандаро дар банду басти ҷолиб мутобиқ ба стандарту сифат пешниҳод намоянд.

Дар муддати 6 моҳи гузашта масъулону мутахассисон ва кормандони Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди “Мурғи аълосифат” боз 4 иншооти нави парандапарвариро бо сарфи 1 миллиону 700 ҳазор сомонӣ сохтаю муҷаҳҳаз намуданд, ки дар онҳо 80 ҳазор сар чӯҷа парвариш меёбад.

Дар коргоҳ барои 75 нафар коргарону мутахассисон ҷойи нави корӣ таъсис ёфт. Иқтидори корхона дар 1 сол ба истеҳсоли зиёда аз 2 ҳазор тонна гӯшти паранда расонда мешавад.

Аснои шиносоӣ ба Пешвои миллат иттилоъ доданд, ки аз тарафи ин корхонаи парандапарварӣ аввалин шуда, дар баробари гӯшти паранда, бисёр навъу намуди маҳсулоти аз гӯшти паранда истеҳсолшуда дар коркарду банду басти хосса пешниҳод гардидаанд, ки барои истеъмол мувофиқ мебошанд.

# БАРРАСИИ МУФАССАЛИ ФАЪОЛИЯТ ДАР ДАВРАИ ПУРМАСЪУЛИЯТ

**Гузориши фишурда аз ҷараёни ҷаласаи Мушовараи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи натиҷаи фаъолияти мақомоти андоз дар нуҳ моҳи соли 2020 ва вазифаҳо барои давраҳои минбаъда**

**(Аввалаш дар саҳ.1)**

Дар ҳисобот қайд гардид, ки мақомоти андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нуҳ моҳи соли 2020 дастурҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва қарору фармоишҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро роҳнамои кори худ қарор дода, ҷиҳати таъмини иҷрои нишондиҳандаҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2020», ҳамчунин супоришҳое, ки аз Маҷлиси ҷамъбастии солонаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеоянд, чораҷӯӣ намуданд.

Дар идома қайд гардид, ки сарфи назар аз чораҳои зиёди аз ҷониби мақомоти андоз тибқи дастуру супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон андешидашуда дар нуҳ моҳи соли 2020 нақшаи андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ, ки ҷамъоварии онҳо ба зиммаи мақомоти андоз гузошта шудааст, дар маҷмӯъ таъмин нагардид. Иҷрои нақша ба андозаи 92,1% таъмин шуда, ба ҷойи 8 млрд 143,3 млн сомонии пешбинишуда, ба буҷети давлатӣ 7 млрд 497,0 млн сомонӣ ворид гардид, ки нисбат ба нишондиҳандаҳои пешбинишуда 646,2 млн сомонӣ кам мебошад.

Иҷрои нақшаи воридоти андозҳо ва пардохтҳо дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ба андозаи 104,8%, вилояти Хатлон 100,6%, вилояти Суғд 100,2%, шаҳри Душанбе 100,1% ва Раёсати андози андозсупорандагони калон, ки воридоти маблағҳо аз ин ҳисоб ба буҷети ҷумҳуриявӣ пешбинӣ шудааст - 53,0% таъмин карда шуд.

Дар баробари ин, дар давраи ҳисоботӣ дар 13 шаҳру ноҳияҳо иҷрои нишондиҳандаҳои буҷети давлатӣ таъмин нагардид: Бохтар 88,2%, Кушониён 94,4%, Вахш 93,0%, Хуросон 94,0%, Қубодиён 97,6%, Ҷомӣ 90,0%, Панҷ 93,6%, Шаҳритуз 97,4%, Леваканд 83,0%, Хуҷанд 95,6%, Роғун 91,5%, Турсунзода 84,6% ва Рӯдакӣ 91,2% ки дар натиҷа, аз ин ҳисоб ба буҷет 91,0 млн сомонӣ ворид нашуд.

Илова бар ин, дар давраи ҳисоботӣ як қатор мақомоти андоз бо сабабҳои гуногун иҷрои сифатноки нақшаи ҷамъоварии андозҳо ва пардохтҳои ҳатмиро таъмин карда натавонистанд. Таъмин нагардидани иҷрои сифатии нақшаи андозҳо, пеш аз ҳама, ба аз ҷониби кормандони мақомоти андоз дар сатҳи зарурӣ иҷро накардани уҳдадориҳои мансабӣ, аз ҷумла, пурра татбиқ накардани муқаррароти қонунгузории андоз, супоришҳои роҳбарияти Кумита оид ба пешгирии қонунвайронкуниҳо, сари вақт ва дар сатҳи дахлдор анҷом надодани корҳои назоратӣ ва тавзеҳотию фаҳмондадиҳӣ вобаста мебошад.

Дигар омиле, ки таъмин нашудани иҷрои қисми даромади буҷети давлатӣ ба он вобаста аст, ин бо дарназардошти дар аксарияти давлатҳои ҷаҳон ва минтақа ба миён омадани ҳолати фавқулода вобаста ба паҳншавии сирояти нави коронавирус мебошад, ки таъсирашро бевосита ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон низ расонида истода, боиси нокифоя афзоиш ёфтани манбаъҳои андозбандӣ дар аксарияти шаҳру ноҳияҳо, коҳиш ёфтани хизматрасониҳои ширкатҳои ҳавопаймоӣ, фурудгоҳҳо ва ширкатҳои хизматрасонӣ ба ҳамин соҳаҳо, ширкатҳои сайёҳӣ, меҳмонхонаҳо, коҳиш ёфтани гардиши савдои чакана ва ногувор шудани вазъи молиявии баъзе аз корхонаҳо гардидааст.

Сабаби дигаре, ки ба таъмин нашудани иҷрои нақшаи қисми даромади буҷети давлатӣ таъсир расонида истодааст, ин дар сатҳи зарурӣ афзоиш наёфтани музди меҳнат ва шумораи коргарон дар баъзе корхонаю ташкилотҳо мебошад, ки манбаи андозбандии андоз аз даромад ва андози иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад.

Бинобар сабаби пурра таъмин нашудани иҷрои қисми даромади буҷет давлатӣ ва мутаносибан кам шудани маблағгузориҳо аз ҳисоби буҷети давлатӣ ба иншоотҳои муҳими давлатӣ ва сармоягузориҳо, воридоти маблағи андозҳо ба буҷети давлатӣ коҳиш ёфта, боиси таъмин нашудани иҷрои қисми даромади буҷет дар як қатор минтақаҳои ҷумҳурӣ гардид.

### Доир ба масъалаи бақияи қарзи андозҳо

Бақияи қарзи андозҳо ба ҳолати 1 октябри соли 2020 дар маҷмӯъ 1021,0 млн. сомониро ташкил дод, ки нисбат ба 1 январи соли 2020 ба андозаи 440,0 млн сомонӣ зиёд мебошад. Маблағи қарзи андозҳо дар ин давра, асосан, аз ҳисоби ҶСК "НБО Сангтуда 1" ба маблағи 115,6 млн сомонӣ, ҶСК "НБО Роғун" 43,2 млн сомонӣ, КВД "Ширкати Алюминийи Тоҷик" 22,0 млн сомонӣ, ҶСК "Тоҷиктелеком" 18,8 млн сомонӣ, КВД "ММЭР" 6,7 млн сомонӣ, фурудгоҳҳо ва ширкатҳои ҳавопаймоӣ 67,8 млн сомонӣ ва дигар корхонаҳо афзоиш ёфтааст.

Новобаста аз чораҳои зиёди аз ҷониби мақомоти андоз андешидашуда яке аз сабабҳои дар ин давра зиёд шудани бақияи қарзи андозҳо ба сари вақт ва дар ҳаҷми пурра пардохт нагардидани маблағи андозҳои ҳисобшуда аз тарафи баъзе субъектҳои хоҷагидор мебошад.

Бо мақсади пешгирӣ аз зиёдшавии маблағи бақияи қарзи андозҳо ва ҷиҳати тибқи тартиби муқарраршуда маҷбуран рӯёнидани онҳо, дар давраи ҳисоботӣ аз тарафи мақомоти андоз нисбати 6600 андозсупорандаи қарздор 10600 адад қарор оид ба маҷбуран ситонидани андозҳо ба маблағи 756,8 млн сомонӣ қабул гардид, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта, шумораи қарорҳо 4640 адад ва маблағи қарорҳо 104,6 млн сомонӣ зиёд мебошад. Аз ин ҳисоб ва аз ҳисоби қарорҳои дар соли 2019 қабулгардида, дар маҷмӯъ, ба буҷет 711,0 млн сомонӣ ворид карда шуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 163,3 млн сомонӣ зиёд мебошад. Дар ин самт чораҳои иловагӣ андешида шуда истодааст.

### Оид ба масъалаи риояи интизоми меҳнат ва иҷроия

Риояи интизоми меҳнат аз ҷониби кормандон яке аз омилҳои самаранокии фаъолияти мақомоти андоз маҳсуб ёфта, бо ин мақсад дар дастгоҳи марказии Кумитаи андоз ва мақомоти ҳудудии он пайваста санҷишу корҳои назоратӣ гузаронида мешавад. Мутаассифона, баъзе аз кормандони мақомоти андоз новобаста аз таъкидҳои доимии роҳбарияти Кумитаи андоз ва сардорони мақомоти ҳудудии андоз, бар хилофи талаботи меъёрҳои муқарраршудаи соҳаи меҳнат ва хизмати давлатӣ амал намуда, интизоми меҳнатро вайрон менамоянд.

Дар нуҳ моҳи соли 2020 барои вайрон намудани интизоми меҳнатӣ, ба таври дахлдор иҷро накардани уҳдадориҳои мансабӣ ва роҳ додан ба дигар камбудиҳо, бо фармоишҳои Раиси Кумитаи андоз нисбати 1043 нафар корманди мақомоти андоз муҷозотҳои интизомӣ татбиқ карда шудааст, ки аз ин 357 нафарро ҳайати роҳбарикунанда ташкил медиҳад.

### Корҳои тавзеҳотию фаҳмондадиҳӣ

Таҷрибаи ҳаррӯзаи маъмурикунонии андоз ва муносибатҳои андозӣ бо андозсупорандагон гувоҳӣ медиҳанд, ки анҷом додани корҳои фаҳмондадиҳию тавзеҳотӣ бо андозсупорандагон, аз ҷумла гузаронидани семинар-машваратҳо, вохӯриҳо, таҳияи намоишҳо бояд самти афзалиятноки фаъолияти соҳа боқӣ монда, ба он таваҷҷуҳи бештар зоҳир карда шавад.

Солҳои охир мақомоти андоз кӯшиш намуда истодаанд, ки бо мақсади сарфа намудани вақти андозсупорандагон аз технологияи иттилоотӣ ва барномаҳои компютерӣ бештар истифода кунанд ва тамоми хизматрасониҳои худро дар шакли электронӣ, бидуни ташриф овардани андозсупоранда ба мақомоти андоз, ба роҳ монда, корҳои тавзеҳотию фаҳмондадиҳиро на танҳо зиёд, балки сифатан низ беҳтар намоянд.

Дар 9 моҳи соли 2020 дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ бо иштироки андозсупорандагон зиёда аз 780 семинар-машварат ва вохӯриҳо дар мавзӯъҳои дуруст татбиқ намудани тағйиру иловаҳои ба Кодекси андоз воридшуда, тартиби дуруст пешниҳод намудани эъломияҳои андозҳо аз арзиши иловашуда, аз фоида, низоми соддакардашуда, рафти таъмини иҷрои муқаррароти қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба андозбандии андоз аз суди саҳмияҳо, андозбандӣ дар манбаи пардохт ва ба иҷора додани қитъаҳои замини таъиноти кишоварзӣ, татбиқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 июни соли 2020 "Дар бораи пешгирии таъсири бемории сироятии COVID-19 ба соҳаҳои иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва дигар масъалаҳои марбут ба маъмурикунонии андоз баргузор карда шуд.

Дар баробари ин, дар ин давра аз ҷониби мақомоти андоз ба воситаи шабакаҳои телевизиони давлатӣ, марказҳои иттилоотӣ, радио ва рӯзномаю маҷаллаҳои даврӣ, дар маҷмӯъ, зиёда аз 390 барнома ва эълонҳо пахш ва мақолаҳо нашр карда шуданд.

Бояд қайд намуд, ки бо мақсади ба роҳ мондани назорати гузаронидани семинар-машваратҳо ва корҳои фаҳмондадиҳӣ модули алоҳидаи компютерӣ таҳия ва мавриди истифода қарор гирифтааст ва вобаста ба ин, мақомоти ҳудудии андоз вазифадор карда шуданд, ки пас аз гузаронидани семинар-машваратҳо маълумоти дахлдорро ба махзани барномаи мазкур дохил кунанд ва мониторинги ҳисоботро оид ба корҳои фаҳмондадиҳӣ ташкил намоянд.

Татбиқи барномаи компютерии бақайдгирии семинар-машваратҳо дар шакли электронӣ имкон медиҳад, ки маълумот оид ба семинар-машваратҳои гузаронидашуда ба он ворид карда шуда, мақомоти ҳудудии андоз аз мавзӯъҳои семинарҳо ва вохӯриҳои баргузоргардида, барномаҳои телевизионӣ ва пахши ахбор тавассути радио ва рӯзномаю маҷаллаҳои даврӣ, иттилоъ дошта бошанд.

**(Давомаш дар саҳ.6)**

# БАРРАСИИ МУФАССАЛИ ФАЪОЛИЯТ ДАР ДАВРАИ ПУРМАСЪУЛИЯТ

**Гузориши фишурда аз ҷараёни ҷаласаи Мушовараи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи натиҷаи фаъолияти мақомоти андоз дар нуҳ моҳи соли 2020 ва вазифаҳо барои давраҳои минбаъда**

**(Аввалаш дар саҳ.5)**

Қобили қайд аст, ки дар ин давра тибқи фармоиши дахлдори Раиси Кумитаи андоз (аз 21.02.2020, №100) бо кормандони як қатор вазорату идораҳо, аз ҷумла вазоратҳои нақлиёт, фарҳанг, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маркази дастгирӣ ва рушди соҳибкории шаҳри Душанбе оид ба низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, рушди маъмурикунонии андоз, хизматрасониҳои мақомоти андоз, бақайдгирии субъектҳои соҳибкорӣ ва дигар масъалаҳои вобаста ба фаъолияти мақомоти андоз семинар-машваратҳо ва корҳои фаҳмондадиҳӣ баргузор карда шуд.

Бояд қайд намуд, ки гузаронидани баъзе аз семинар-машваратҳо дар нуҳ моҳи соли 2020, бинобар вазъияти бамаломада вобаста ба пешгирии паҳншавии бемории сироятии COVID-19 ва дар карантин қарор доштани баъзе субъектҳои хоҷагидорӣ, мавқуф гузошта шуд. Бинобар ин, сарраёсатҳо ва раёсатҳои дастгоҳи марказӣ ва мақомоти ҳудудии андозро зарур аст, ки бо баробари ба эътидол омадани вазъият гузаронидани семинар-машваратҳоро дар маҳаллҳо ва вазорату идораҳо бештар намоянд.

### Дар бораи хизматрасониҳои мақомоти андоз

Масъалаи баланд бардоштани сатҳи хизматрасонӣ ба шаҳрвандону андозсупорандагон ва пайваста беҳтар намудани сифати онҳо яке аз самтҳои муҳими фаъолияти Кумитаи андоз ба ҳисоб рафта, барои баррасии муроҷиатҳо сомона, почтаи электронӣ, рақамҳои содакардашудаи телефонии “151”, “152” ва рақами телефони боварии Раиси Кумитаи андоз мавриди истифода қарор дода шудааст.

Дар 9 моҳи соли 2020 ба Шуъбаи иттилоотӣ, дар маҷмӯъ, зиёда аз 20800 адад муроҷиати телефонӣ оид ба масъалаҳои андоз ва андозбандӣ, тартиби дуруст истифода кардани хизматрасониҳои электронӣ ва модулҳои компютерии барномаи Системаи муттаҳидаи иттилоотии идоракунии андозҳо ворид гардидааст.

Мониторинги муроҷиатҳои андозсупорандагон муайян намуд, ки аз шумораи умумии муроҷиатҳо ба шаҳри Душанбе 57,5%, вилояти Суғд 14,2%, вилояти Хатлон 15,3% ба шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, дар маҷмӯъ, 12,1% ва Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 1,0% рост меояд. Бояд қайд намуд, ки зиёда аз 20 фоизи муроҷиатҳо вобаста ба татбиқ ва дуруст истифода кардани барномаи компютерии “Утоқи шахсии андозсупоранда”, 4,4 фоизи муроҷиатҳо вобаста ба таҳия ва дуруст пешниҳод намудани эъломияҳо ва ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда, 4,0 фоизи муроҷиатҳо оид ба татбиқи модули компютерии “Анбори электронӣ”, 7,0 фоиз нисбати тартиби пешниҳоди маълумот оид ба андоз аз фоида, 3,3 фоиз оид ба хоҷагиҳои деҳқонӣ, 4,6 фоизи муроҷиатҳо доир ба тартиби дуруст ҳисоб ва пардохт намудани маблағи патент, имтиёзҳо ва бақияи қарзи он ва 3 фоиз оид ба тартиби дуруст ҳисоб ва пардохт намудани андозҳо аз молу мулки ғайриманқул мебошанд. Дар маҷмӯъ, 32,4%-и муроҷиатҳо вобаста ба истифода ва татбиқи барномаҳои компютерӣ ворид шудаанд.

Таҳлили гузориши андозсупорандагон ба тартиби тариқи электронӣ пешниҳод намудани эъломияҳои андоз нишон медиҳад, ки дар баъзе мақомоти ҳудудии андоз гузариши андозсупорандагон ба тартиби мазкур ҳоло ҳам пурра ба талабот ҷавобгӯй нест, зеро корҳои тавзеҳотӣ ва фаҳмондадиҳӣ миёни андозсупорандагон дар ин самт ҳоло ҳам дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда нашудааст. Аз ҷумла, дар шаҳру ноҳияҳои Ваҳдат ҳамагӣ 20,7%, Рашт 31,7%, Муъминобод 29%, Нуробод 19,4%, Рӯдакӣ 19,0%, Сангвор 22,0%, Хуроғ 28,6%, Ванҷ 10,7%, Дарвоз 12%, Роштқалъа 16,4 фоизи андозсупорандагон ба тариби электронии пешниҳоди ҳисобот гузаштаанду халос.

Ҳол он ки бо мақсади иҷрои Нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар мулоқот бо кормандони мақомоти молия, андоз, гумрук, сармоягузорӣ ва бонкҳо баён доштанд ва тибқи мактуби дастурии Кумитаи андоз аз 25 апрели соли 2019 мақомоти ҳудудии андоз вазифадор карда шуда буданд, ки бо андозсупорандагон оид ба моҳияти гузариш ба шакли электронии пешниҳоди эъломияҳо семинар-машваратҳо гузаронида, барои бақайдгирии андозсупорандагон ҷиҳати ба тариқи электронӣ пешниҳод намудани эъломияҳои андоз чораҷӯӣ намоянд.

Бинобар ин, мақомоти ҳудудии андозро зарур аст, ки тибқи муқаррароти моддаи 51 Кодекси андоз ва “Тартиби пешниҳоди ҳисоботи андоз дар шакли электронӣ”, ки бо Фармоиши Раиси Кумитаи андоз аз 26 январи соли 2013 тасдиқ гардидааст, ҷиҳати гузариши ҳамаи андозсупорандагон ба тартиби пешниҳоди эъломияҳои андоз дар шакли электронӣ чораҷӯӣ намоянд.

Таҳлили муроҷиатҳои андозсупорандагон шаҳодат медиҳад, ки сарфи назар аз талаботи қонунгузорӣ, таъкидҳои пайваста ва дастуру супоришҳои бевоситаи роҳбарияти Кумитаи андоз, ҳоло ҳам кормандони мақомоти ҳудудии андоз дар муносибат бо шаҳрвандон ва андозсупорандагон дар баъзе ҳолатҳо талаботи муқарраршуда ва одоби хизматиро риоя наменамоянд.

Дар нуҳ моҳи соли 2020 тавассути рақами телефонии “151” ва рақами телефони боварии Раиси Кумитаи андоз 185 адад арзу шикоят ворид шудаанд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 71 адад ва ё 38,4% кам гардидааст. Шикоятҳо бештар оид ба масъалаҳои сари вақт иҷро накардани уҳдадориҳои мансабӣ аз ҷониби кормандони мақомоти андоз ва дағалона рафтор намудани онҳо, шикоятҳои беном оиди бе қайди мақомоти андоз анҷом додани фаъолияти соҳибкорӣ ва аз тарафи соҳибкорон ҳангоми муомилоти пулӣ истифода нашудани мошинҳои назоратӣ-хазинавӣ, инчунин, мавҷуд будани ҳолатҳои ришвасitонӣ аз ҷониби кормандони мақомоти андоз ворид гаштаанд.

Шумораи шикоятҳои воридгардида ба мақомоти ҳудудии андози шаҳри Душанбе 45 адад (24,3%), вилоятҳои Суғд 39 адад (21,1%), Хатлон 57 адад (30,8%), шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, дар маҷмӯъ, 38 адад (20,5%) ва дастгоҳи марказии Кумитаи андоз 6 адад (3,2%) рост меояд. Инчунин, дар ин давра аз ҷониби андозсупорандагон нисбати 11 корманди мақомоти андоз думаротибагӣ шикоят ворид гардидааст.

Дар нуҳ моҳи соли 2020 барои дар сатҳи дахлдор риоя ва иҷро накардани уҳдадориҳои мансабӣ, дағалона вайрон намудани муқаррароти Кодекси одоби касбии кормандони мақомоти андоз ва роҳ додан ба дигар камбудиҳо, дар асоси 100 арзу шикоят ба 58 корманди мақомоти андоз муҷозоти гуногуни интизомӣ татбиқ карда шуд.

Бинобар ин, Мушовара мақомоти ҳудудии андозро таъкид намуд, ки ҳангоми муошират бо андозсупорандагон хуб рафтор кунанд ва риояи муқаррароти Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва “Кодекси одоби касбии корманди мақомоти андоз”, ҳамчунин, Стандарти ягонаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон ва дигар талаботи муқарраргардидаи соҳаи андозро таъмин намоянд.

Дар ҷаласаи васеи ҳайати Мушовараи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон инчунин, як қатор масъалаҳои муҳим ва ҳалталаби соҳа мавриди таҳлил ва баррасии муфассал қарор гирифта, доир ба онҳо хулосабарорӣ гардид ва ҷиҳати ислоҳи камбудиҳо дастуру супоришҳои мушаххас дода шуд.

Дар охир зикр шуд, ки сарфи назар аз паҳншавии сирояти нави коронавирус дар аксарияти давлатҳои ҷаҳон ва минтақа, ки таъсиршро бевосита ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон низ расонида, аз ин ҳисоб дар бисёр субъектҳои хоҷагидорӣ гардиши савдои чакана ва хизматрасониҳо коҳиш ёфта истодааст, чунонҳе таҳлилу омӯзишҳо гувоҳӣ медиҳанд, барои боз ҳам самараноктар ташкил намудани фаъолияти мақомот, дуруст ва дар сатҳи мутақобилан судманд ба роҳ мондани ҳамкориҳо бо вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва таъмин намудани нишондиҳандаҳои қисми даромади буҷети давлатӣ имкониятҳо мавҷуданд. Аз ин рӯ, мақомоти андоз бояд дастуру супоришҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, аз ҷумла дастуру супоришҳои Сардори давлатро, ки аз Паёми навбатӣ ба Маҷлиси Олӣ ва аз маҷлиси ҷамъбастии солонаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеоянд, роҳнамои фаъолияти худ қарор диҳанд ва низоми фаъолияти субъектҳои хоҷагидорро халалдор накарда, аз манбаъҳо ва захираҳои воқеан мавҷуда самаранок истифода намуда, ҷиҳати таъмини нишондиҳандаҳои қисми даромади Буҷети давлатӣ чораҳои иловагӣ андешанд.

Хотирнишон менамоем, ки як рӯз пеш аз ҷаласаи Мушовара - 16 октябр дар ҷаласаҳои алоҳида, ки аз ҷониби сарраёсатҳо ва раёсатҳои дахлдори Кумитаи андоз тавассути видеоконференсия сурат гирифт, проблемаҳои муҳими фаъолияти соҳа, аз ҷумла, маъмурикунонии андозҳо аз фоида, аз арзиши иловашуда, аз даромад, иҷтимоӣ, андози тибқи низоми содакардашуда, масъалаҳои азнавбаҳисобгирии молу мулки ғайриманқул ва андозбандии иҷораи молу мулки ғайриманқул, натиҷагирии фаъолияти гурӯҳҳои хизматрасонӣ ба соҳибкорони инфиродии тибқи патент ва шаҳодатнома фаъолияткунанда, рафти тартиб додани санадҳои муқоисавӣ бо андозсупорандагон, риояи тартиби ба рӯйхати “Андозсупорандаи бемасъулият” дохил ва хориҷ намудани субъектҳо, ҳолати иҷрои қарорҳо оид ба чораҳои маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо ва якчанд масъалаҳои дигар мавриди баррасии муфассал қарор дода, ба мутасаддиён ҷиҳати ислоҳи камбудиҳо дастурҳо дода шуданд.

# ЭҲСОСИ МАСЪУЛИЯТ

**Санаи 12 октябри соли 2020 дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаласа доир гардид, ки дар он муовини якуми Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Солеҳзода Аюбҷон Маъруф, сардори Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе Мизроб Асадуллозода, сардори Нозироти андоз дар ноҳияи Исмоили Сомонӣ Ҷамшед Довудов, сардорони шуъбаҳо, бахшҳо ва кормандони нозироти андози ноҳия иштирок карданд. Дар ҷаласа натиҷаҳои фаъолияти Нозироти андоз дар ноҳияи Исмоили Сомонӣ дар 9 моҳи соли 2020 ва вазифаҳо барои давраҳои минбаъда мавриди баррасӣ қарор гирифт.**

Зимни ҷаласа Ҷамшед Довудов иттилоъ дод, ки кормандони Нозироти андоз дар ноҳияи Исмоили Сомонӣ ҷиҳати иҷрои нишондиҳандаҳои қисми даромади буҷет, беҳтар намудани сатҳи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон ва дарёфти манбаъҳои иловагии андозбандӣ як қатор корҳоро анҷом доданд. Аз ҷумла, нозироти андоз дар нуҳ моҳи соли 2020 нақшаи қисми даромади буҷетро (бо дарназардошти андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ) ба андозаи 101,3 фоиз таъмин намуда, ба ҷойи 270,6 млн сомонӣ, ба буҷет 273,3 млн сомонӣ ворид кард, ки нисбат ба нишондиҳандаҳои пешбинигардида 2,7 млн сомонӣ зиёд аст.

Ба гуфтаи Ҷ. Довудов шумораи шахсони ҳуқуқии ба қайдгирифташуда дар ин давра 2462 ададро ташкил менамояд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 65 адад (2397) зиёд мебошад. Нақшаи пешбинишудаи ҷамъоварии маблағи андозҳо аз ҳисоби шахсони ҳуқуқӣ дар 9 моҳи соли 2020 ба андозаи 101,2 фоиз таъмин гардида, ба ҷойи 216,9 млн сомонии пешбинишуда, ба буҷет 219,5 млн сомонӣ ворид гардид, ки нисбат ба нақша 2,6 млн сомонӣ зиёд аст.

Рафти омӯзиши ҳисоботи андоз нишон додааст, ки камшавии андозҳо, аз як тараф, бинобар таъсири буҳрони иқтисодии молиявӣ ва паҳншавии бемории сироятии коронавирус бошад, аз ҷониби дигар, коҳиш ёфтани фаъолияти андозсупорандагон, инчунин, аз пурра фаъолият накардани ширкатҳое, ки ба сохтмони иншоотҳо ва бунёди хонаҳои истиқоматӣ машғуланд, ба вуҷуд омадааст.

Чуноне қайд гардид, зиёдшавии маблағҳои ҳисобшудаи ААИ нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта вобаста ба тағйиру иловаҳои ба қисми 9 моддаи 183 Кодекси андоз воридшуда мебошад, ки таъсири худро расонидааст. Яъне, аз тарафи корхонаҳо эъломияи тасҳеҳӣ (иловагӣ) оид ба бақияи молу маҳсулот ба маблағи умумии 85,3 млн сомонӣ, ки маблағи ААИ –и он 15,3 млн сомониро ташкил медиҳад, пешниҳод шудааст ва аз ин ҳисоб, ба буҷет 1,3 млн сомонӣ ворид гардидааст. Рафти омӯзиши ҳисоботи андоз нишон медиҳад, ки нововбаста аз зиёдшавии маблағҳои ААИ, дар як қатор корхонаҳои дигар, аз ҷумла дар 110 адад субъекти хоҷагидор камшавии андозҳои ҳисобшуда ба маблағи 7761,6 ҳазор сомонӣ ва маблағҳои пардохтшуда 5211,0 ҳазор сомонӣ ба назар мерасад.

Иттилоъ дода шуд, ки аз тарафи супорандагони андоз аз арзиши иловашудае, ки дар қайди нозироти андози ноҳия мебошанд, дар 9 моҳи соли 2020 ба маблағи 681,4 млн сомонӣ ва дар 9 моҳи соли 2019 -ум 682,6 млн сомонӣ амалиёти андозбандишаванда анҷом ёфтааст, ки маблағи умумии хариди мол ва хизматрасониҳо дар 9 моҳи соли 2020 –ум 389,6 млн сомонӣ ва дар 9 моҳи соли 2019 –ум 636,9 млн сомониро ташкил менамояд, ки 247,3 млн сомонӣ маблағҳои тарҳшаванда кам гардидааст.

Тибқи махзани маълумоти барномаи компютерии СМИИА дар 9 моҳи соли 2020 аз тарафи 66 адад андозсупоранда ба маблағи 86163,2 ҳазор сомонӣ ва дар 9 моҳи соли 2019-ум 54 адад андозсупоранда ба маблағи 48749,3 ҳазор сомонӣ амалиёти озод аз андоз анҷом дода шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 12 адад ва ба маблағи 37413,9 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад.

Мутобиқи махзани маълумоти барномаҳои компютерӣ дар соли 2020 маблағҳои ҳисобшудаи андози низоми содакардашуда 6728,0 ҳазор сомонӣ ва 9 моҳи соли 2019-ум 7570,8 ҳазор сомониро ташкил додааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 842,8 ҳазор сомонӣ кам мебошад. Дар ин давра маблағҳои пардохтшудаи андози низоми содакардашуда 23,3 млн сомониро ташкил додааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 2,7 млн сомонӣ зиёд гардидааст.

Рафти омӯзиши барномаи компютерии Системаи муттаҳидаи иттилоотии идоракунии андозҳо нишон додаанд, ки даромади умумӣ дар шакли музди меҳнат дар 9 моҳи соли 2020-ум 283,8 млн сомониро ташкил намуда, нисбат ба даромади умумии ҳамин давраи соли 2019-ум 44,5 млн сомонӣ зиёд мебошад. Шумораи кargaрони кироя дар ин давра 12630 нафарро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 77 нафар зиёд мебошад.

Яке аз масъалаҳои ташвишовар дар мақомоти андози мамлакат ин афзоиш ёфтани бақияи қарзи андози андозсупорандагон ба ҳисоб меравад. Ин масъала солҳои тӯлонӣ аст, ки Кумитаи андози кишварро нигарон кардааст. Мақомоти андоз ҷиҳати кам кардани бақияи қарзи андозҳо ва пешгирӣ аз афзоиши он, тибқи муқаррароти қонунгузории андоз пайваста чораҷӯӣ менамоянд.

Ба ҳолати 1 октябри соли 2020, бақияи қарзи андозҳои андозсупорандагони Нозироти андоз дар ноҳияи Исмоили Сомонӣ 16967,9 ҳазор сомониро ташкил медиҳад ва нисбат ба аввали соли ҷорӣ 1995,0 ҳазор сомонӣ зиёд гардидааст. Аслан, яке аз сабабҳои асосии зиёдшавии бақияи қарзи андозҳо, ин ба таври дахлдор иҷро нашудани уҳдадориҳои андозӣ аз ҷониби андозсупорандагон мебошад, ки онҳо маблағҳои андози худро сари вақт ба буҷет пардохт накардаанд.

Дар ҷаласа зикр шуд, ки дар ин давра, оид ба маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо нисбати 215 адад андозсупоранда 480 адад қарор қабул шудааст. Аз қарорҳои қабулгардида 288 адади он пурра таъмин шудааст ва бояд гуфт, ки кор дар самти иҷрои таъмини қарорҳои боқимонда идома дорад.

Дар интиҳои ҷаласа Ҷамшед Довудов қайд намуд, ки кормандони Нозироти андоз дар ноҳияи Исмоили Сомонӣ донишу таҷрибаи худро барои иҷрои вазифаҳои ба зиммаашон гузоштashуда равона сохта, кӯшиш ба харҷ дода истодаанд, ки нишондиҳандаҳои қисми даромади буҷети давлатиро дар ҷамъбасти соли 2020 босифат таъмин намоянд.

**Тоҳир ЧИЛАЕВ**

# МУОИНАИ ХРОНОМЕТРАЖӢ ЧӢ НАТИҶА ДОД?

**Тибқи муқаррароти моддаи 40 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон муоинаи хронометражӣ шакли назорати андоз буда, бо мақсади муқаррар намудани даромади воқеии андозсупоранда ва хароҷоти воқеии вобаста ба фаъолияти барои гирифтани даромад равонашуда дар даврае, ки мавриди муоина қарор мегирад, гузаронида мешавад.**

Кормандони нозироти андози шаҳру навоҳии минтақаи Кӯлоб бо мақсади ошкор намудани маблағҳои пинҳонӣ ҳангоми гузаронидани муоинаи хронометражӣ дар фаъолияти андозсупорандагон як қатор корҳоро ба сомон расониданд.

Тибқи маълумоти Нозироти андоз дар ноҳияи Восеъ дар 9 моҳи соли 2020 аз тарафи мутахассисони нозироти андози ноҳия дар фаъолияти 18 андозсупоранда муоинаи хронометражӣ гузаронида шудааст. Бояд гуфт, ки даромади умумии андозсупорандагон пеш аз муоинаи хронометражӣ 143 ҳазору 118 сомониро ташкил медод. Ҳангоми гузаронидани муоинаи хронометражӣ маълум гардид, ки даромади умумии андозсупорандагон 185 ҳазору 807 сомониро ташкил медиҳад, ки фарқ 42 ҳазору 689 сомонӣ мебошад. Ҳамчунин, дар ҳолати гузаронидани муоинаи хронометражӣ нисбати 3 нафар андозсупоранда ба маблағи 8 ҳазору 280 сомонӣ протоколҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб дода шудааст.

Нозироти андоз дар шаҳри Кӯлоб дар фаъолияти 20 андозсупоранда муоинаи хронометражӣ гузаронидааст, ки даромади умумии андозсупорандагон то давраи муоинаи хронометражӣ 264 ҳазору 558 сомонӣ ва баъд аз гузаронидани муоинаи хронометражӣ 404 ҳазору 860 сомониро ташкил додааст, ки фарқ 140 ҳазору 302 сомонӣ мебошад. Ҳамчунин, нисбати 2 андозсупоранда ҳангоми гузаронидани муоинаи хронометражӣ ба маблағи 6 ҳазору 960 сомонӣ протоколҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб дода шудааст.

Ба Нозироти андоз дар ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар ин давра 36 муоинаи хронометражӣ рост омадааст, ки даромади умумии андозсупорандагон то давраи муоинаи хронометражӣ 345 ҳазору 195 сомонӣ ва баъди муоинаи хронометражӣ 478 ҳазору 324 сомониро ташкил медиҳад. Фарқ 133 ҳазору 129 сомонӣ буда, ба ҳар як муоинаи хронометражӣ 3 ҳазору 698 сомонӣ рост омадааст.

Кормандони Нозироти андоз дар ноҳияи Балҷувон дар ин давра 3 адад муоинаи хронометражӣ гузаронидаанд, ки даромади умумуии андозсупорандагон то давраи муоинаи хронометражӣ 111 ҳазору 327 сомонӣ ва баъд аз муоинаи хронометражӣ 165 ҳазору 950 сомониро ташкил намудааст, ки фарқ 54 ҳазору 623 мебошад. Дар ин давра нисбати 2 андозсупоранда ҳангоми гузаронидани муоинаи хронометражӣ ба маблағи 6 ҳазору 960 сомонӣ протоколҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб дода шудааст.

**И. РАҶАБАЛӢ,**
**шаҳри Кӯлоб**

# ҲОЛАТИ АНДОЗБАНДИИ ХОҶАГИҲОИ ДЕҲҚОНӢ

**Пурра ба қайди давлатӣ гирифтани хоҷагиҳои деҳқонӣ, аз ҷумла хоҷагиҳои нави дар заминаи хоҷагиҳои калон таъсисёфта ва ба андозбандӣ ҷалб намудани онҳо яке аз самтҳои фаъолияти мақомоти андоз ба ҳисоб меравад.**

Бино ба иттилои мутахассиси пешбари Сарраёсати маъмурикунонии андози Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдуғанӣ Исоҷонов дар микёси ҷумҳурӣ ба ҳолати 1 октябри соли 2020, дар маҷмӯъ, 164174 адад хоҷагии деҳқонӣ (аз ҷумла, 159705 адад хоҷагии деҳқонии бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ фаъолияткунанда ва 4469 адад кооперативи тиҷоратӣ) ба қайди давлатӣ гирифта шудааст. Дар 9 моҳи соли 2020 нақшаи андози ягона барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ дар микёси ҷумҳурӣ ба андозаи 97,0 фоиз таъмин гардида, аз нишондиҳандаҳои пешбинишуда 2267,7 ҳазор сомонӣ кам ва нисбат ба маблағҳои дар ҳамин давраи соли гузашта ҷамъоваригардида 2928,5 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад. Нишондиҳандаи рафти иҷрои нақшаи андози ягона дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ба андозаи 112,9 фоиз, вилояти Хатлон 100,7 фоиз, вилояти Суғд 96,3 фоиз ва нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, дар маҷмӯъ, ба андозаи 92,9 фоиз таъмин шудааст.

Мутаассифона, иҷрои нақшаи андози ягона дар ин давра аз ҷониби нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои Панҷакент ҳамагӣ 89,7%, Айнӣ 82,0%, Деваштич 95,1%, Ҷаббор Расулов 66,2%, Бохтар 59,8%, Кушониён 84,4%, Дӯстӣ 87,6%, Абдураҳмони Ҷомӣ 97,0%, Шаҳритус 95,2%, Леваканд 91,4%, Данғара 88,6%, Шуғнон 60,4%, Турсунзода 74,5%, Ҳисор 85,1%, Нуробод 88,8%, Рӯдакӣ 83,7%, Файзобод 97,3% ва Шаҳринав 80,1% таъмин гардидааст, ки дар натиҷа, аз ин ҳисоб ба буҷет 3615,1 ҳазор сомонӣ андоз ворид нашуд.

Мутахассисони мақомоти андоз сабабҳои таъмин нагардидани нақшаи андози ягонаро, пеш аз ҳама, дар сатҳи дахлдор назорат нашудани фаъолияти хоҷагиҳои деҳқонӣ, аз рӯи масоҳати воқеии қитъаи замини ҷудошуда пешниҳод накардани эъломияи андоз, пурра таъмин накардани эъломияҳои хоҷагидорон ва сари вақт ба қайд нагирифтани хоҷагиҳои деҳқонии навтаъсис маънидод мекунанд.

Ба гуфтаи Абдуғанӣ Исоҷонов маблағҳои ҳисобшудаи андози ягона дар 9 моҳи соли 2020, дар маҷмӯъ, 56,3 млн сомниро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 5,1 млн сомонӣ зиёд мебошад. Ҳиссаи маблағҳои ҳисобшудаи андози ягонаи хоҷагиҳои деҳқонии бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ фаъолияткунанда 40,6 млн сомониро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 4249,1 ҳазор сомонӣ ё 11,6 фоиз бештар мебошад. Ҳаҷми маблағҳои ҳисобшудаи андози ягонаи кооперативҳои тиҷоратӣ дар ин давра, дар маҷмӯъ, 15,7 млн сомониро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 884,7 ҳазор сомонӣ ё 5,9 фоиз бештар мебошад.

Ҳарчанд маблағҳои ҳисобшуда ва воридоти андози ягона дар 9 моҳи соли 2020 нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта, дар маҷмӯъ, афзоиш ёфтааст, аммо рафти ҷамъоварии маблағи андозҳо дар баъзе аз шаҳру ноҳияҳо ба талабот ҷавобгӯ нест ва воридоти он нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта кам шудааст. Аз ҷумла, камшавии маблағи воридоти андози ягона аз ҳисоби хоҷагиҳои деҳқонии бе таъсиси шахсони ҳуқуқӣ фаъолияткунанда дар нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои Хуросон 161,9 ҳазор сомонӣ, Ҷайҳун 340,5 ҳазор сомонӣ, Вахш 20,8 ҳазор сомонӣ, Панҷ 95,7 ҳазор сомонӣ, Дӯстӣ 8,7 ҳазор сомонӣ, Носири Хусрав 25,1 ҳазор сомонӣ, Мастчоҳ 110,7 ҳазор сомонӣ, Ҷаббор Расулов 65,2 ҳазор сомонӣ, Ашт 139,6 ҳазор сомонӣ, Айнӣ 10,9 ҳазор сомонӣ ва Лахш 29,4 ҳазор сомонӣ коҳиш ёфтааст.

- Рафти ҷамъоварии маблағи андози ягона аз ҳисоби кооперативҳои тиҷоратӣ низ ба талабот ҷавобгӯ нест, - мегӯяд Абдуғанӣ Исоҷонов. - Дар 9 моҳи соли 2020 нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта камшавии маблағи андози мазкур дар нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои Турсунзода 123,8 ҳазор сомонӣ, Рашт 15,2 ҳазор сомонӣ, Ҳисор 209,4 ҳазор сомонӣ, Тоҷикобод 28,3 ҳазор сомонӣ, Файзобод 24,1 ҳазор сомонӣ, Шаҳринав 338,0 ҳазор сомонӣ, Восеъ 174,2 ҳазор сомонӣ, Ҳамадонӣ 56,0 ҳазор сомонӣ, Муъминобод 6,0 ҳазор сомонӣ, Темурмалик 68,2 ҳазор сомонӣ, Балҷувон 11,6 ҳазор сомонӣ, Бохтар 12,3 ҳазор сомонӣ, Вахш 271,7 ҳазор сомонӣ, Дӯстӣ 140,4 ҳазор сомонӣ, Хуросон 60,7 ҳазор сомонӣ, Қубодиён 288,9 ҳазор сомонӣ, Ҷайҳун 45,6 ҳазор сомонӣ, Панҷ 87,6 ҳазор сомонӣ, Шаҳритус 139,5 ҳазор сомонӣ, Ёвон 103,9 ҳазор сомонӣ, Носири Хусрав 24,7 ҳазор сомонӣ, Мастчоҳ 132,9 ҳазор сомонӣ, Истаравшан 17,6 ҳазор сомонӣ, Ашт 176,6 ҳазор сомонӣ ба назар мерасад, ки ҳолати мазкур боиси нигаронӣ мебошад.

Яке аз манбаъҳои иловагии таъмини иҷрои нақшаи пешбинишудаи андози ягона дар мақомоти ҳудудии андоз ситонидани бақияи қарзи андозҳо ба ҳисоб меравад. Сабабҳои камшавии воридоти андозҳо, ин аз як тараф, агар аз ҳисоби таҷдиди хоҷагиҳо бошад, сабаби дигар, ин аз ҷониби нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳои зикршуда сари вақт ба андозбандӣ ҷалб накардан ва наситонидани маблағи қарзи хоҷагиҳои таҷдидгашта мебошад.

А. Исоҷонов афзуд, ки ба ҳолати 1 сентябри соли 2020 бақияи қарзи андози ягона барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ 30,7 млн сомониро ташкил медиҳад. Ҳаҷми бақияпулиҳои андоз дар ВМКБ 63,4 ҳазор сомонӣ, вилояти Суғд 16,8 млн сомонӣ, вилояти Хатлон 8,9 млн сомонӣ ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, дар маҷмӯъ, 4,8 млн сомониро ташкил медиҳад.

Ёдовар мешавем, ки гарчанде дар давраи ҳисоботӣ нисбат ба аввали соли ҷорӣ ҳаҷми бақияпулиҳои андози ягона дар аксарияти нозиротҳои андоз дар ҳаҷмҳои гуногун кам гардида бошад ҳам, аммо нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои Ҳисор, Рӯдакӣ, Шаҳринав, Леваканд, Хуросон, Айнӣ, Бобоҷон Ғафуров ва Ашт ба зиёдшавии бақияи қарзи андозҳо роҳ доданд.

Тибқи муқаррароти моддаи 304 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ ухдадоранд ҳар сол то 1 март эъломияи андози ягонаро ба мақомоти андози маҳалли ҷойгиршавии қитъаҳои замини худ пешниҳод кунанд ва пардохти маблағи андозро тибқи тартиб ва андозаи муқарраргардида ба буҷет таъмин намоянд. Таҳлили пешниҳоди эъломияи андози ягона аз ҷониби истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ дар микёси ҷумҳурӣ нишон медиҳад, ки муқаррароти зикршуда аз ҷониби на ҳамаи андозсупорандагон риоя мегардад. Ғайр аз ин, корҳои анҷомдодаи баъзе аз нозиротҳои андози мамлакат дар ин самт нокифоя аст.

Ба ҳолати 1 октябри соли 2020 шумораи умумии супорандагони андози ягона аз 159705 адад хоҷагии деҳқонии бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ фаъолияткунанда, дар ин давра танҳо 146037 адади онҳо ё 91,4 фоизи хоҷагиҳои деҳқонӣ эъломияи андози ягонаи худро барои соли 2020 ба мақомоти андоз пешниҳод намудаанд, ки тафовути шумораи хоҷагиҳои деҳқоние, ки эъломияҳои худро пешниҳод накардаанд, 13668 адад ё 8,6 фоизро ташкил медиҳад.

Аз шумораи умумии хоҷагиҳои деҳқоние, ки барои соли 2020 эъломияи андози ягонаи худро ба мақомоти андоз пешниҳод накардаанд, (13668 адад) 7519 адад ба вилояти Суғд, 3819 адад ба вилояти Хатлон, 228 адад ба ВМКБ ва 2102 адад ба шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ рост меояд. Нишондиҳандаҳои мазкур дар баъзе аз шаҳру ноҳияҳо аз ин ҳам зиёдтар мебошад.

Вобаста ба ин, Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти ҳудудии андозро вазифадор кардааст, ки камбудиҳои дар ин самти фаъолият вуҷуддоштаро бартараф карда, ба хотири баланд бардоштани маърифати андозии андозсупорандагон ва риояи дурусти муқаррароти қонунгузории андоз миёни андозсупорандагон, бахусус, истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ, корҳои фаҳмондадиҳӣ, аз ҷумла семинар-машваратҳо вохӯриҳоро тақвият бахшанд.

**Тоҳир ЧИЛАЕВ**

## СУОЛИ АНДОЗСУПОРАНДА ВА ПОСУХИ МУТАХАССИС

### Санади муқоисавӣ чӣ гуна ва дар кадом мухлат тартиб дода мешавад?

Санади муқоисавӣ ин ҳуҷҷати тасдиқнамудаи мақомоти андоз ва андозсупоранда оид ба иҷрои ухдадориҳои андоз дар назди давлат барои давраи муайян ё соли тақвимӣ дониста мешавад.

Бояд қайд намуд, ки бо мақсади иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҷиҳати боз ҳам беҳтар намудани хизматрасониҳо ба андозсупорандагон, инчунин, ҳадалимкон маҳдуд намудани алоқаи бевоситаи кормандони мақомоти андоз бо андозсупорандагон, аз 1 июни соли 2019 дар Кумитаи андоз шакли нави хизматрасонӣ - тавассути модули "Утоқи шахсии андозсупоранда" дар шакли электронӣ тартиб додани санади муқоисавӣ мавриди истифода қарор дода шуд.

Дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 2 январи соли 2020, №1676 ба моддаҳои 18 ва 19 Кодекси андоз тағйирот ворид шуда, ҳуқуқ ба дастрасии санади муқоисавӣ ба андозсупорандагонро муқаррар намуд. Ҳамзамон, дар ин замина, ухдадории андозсупорандагонро ҷиҳати дар мухлатҳои муқаррааргардида бо мақомоти андоз тартиб додани санади муқоисавиро мушаххас муайян намуд, аз ҷумла:

*- хоҷагиҳои деҳқонии инфиродӣ – ҳар сол як маротиба;*

*- андозсупорандагоне, ки дар низоми содакардашудаи андозбандӣ қарор доранд – як маротиба дар ҳар шаш моҳ;*

*- андозсупорандагоне, ки дар низоми умумии андозбандӣ қарор доранд, - як маротиба дар ҳар се семоҳа.*

Инчунин, барои соҳибкорони инфиродии дар асоси патент фаъолияткунанда, тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои андозбандии фаъолияти соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолият менамоянд" аз 31 августи соли 2012, №451 мухлати тартиб додани санади муқоисавӣ ҳамасола на дертар аз 1 март муқаррар гардида, санади муқоисавӣ бо пешниҳоди расидҳои бонкӣ тартиб дода мешавад.

Бояд қайд намуд, ки дар барномаи компютерӣ, хизматрасонии электронии «Утоқи шахсии андозсупоранда» барои андозсупорандагон тартиби ташаккул додани санади муқоисавӣ пешбинӣ шудааст. Бинобар ин андозсупорандагон метавонанд бо истифода аз он санади муқоисавиро дар шакли электронӣ ташаккул дода, дар сурати ҷой доштани номутобиқатии маълумот, ба мақомоти андози маҳалли қайди худ муроҷиат карда, камбудии ҷойдоштаро ислоҳ намоянд.

# ОМИЛҲОИ ИҶРО НАШУДАНИ НИШОНДИҲАНДАҲО

**- Агарчи дар шаҳру навоҳии вилояти Хатлон аз ҳисоби сифатан таъмин нашудани иҷрои нақшаи андозҳо ба буҷет 90 млн сомонӣ ворид нагардид, вале аз ҳисоби нақшаҳои пешбинишудаи дигар намуди андозҳо 98 млн сомонӣ барзиёд ҷамъоварӣ шуд, - гуфт мутахассиси Раёсати андоз дар вилояти Хатлон Зокир Бобоев. - Хусусан, андоз аз даромад ба андозаи 100,6 дарсад таъмин гардида, аз тарафи 11 шаҳру ноҳия 21,1 млн сомонӣ кам ва аз ҷониби 15 шаҳру ноҳия 23 млн сомонӣ зиёд иҷро карда шуд.**

Иттилоъ дода шуд, ки низомҳои махсуси андозбандӣ 100,1 фоиз, аксизҳо ба андозаи 100,2 фоиз, андозҳо аз молу мулки ғайриманқул ба андозаи 102,6 фоиз таъмин гардиданд.

Ягона мушкилӣ дар иҷрои нақшаи андози иҷтимоӣ дида мешавад. Андози иҷтимоӣ аз ҳисоби корхонаҳои ғайрибуҷетӣ ҳамагӣ 96 фоиз, андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард 70 фоиз ва андоз аз воситаҳои нақлиёт 83 фоиз таъмин гардид, ки дар натиҷа, аз ин ҳисоб ба буҷет 29,3 млн сомонӣ ворид нашуд.

Сармутахассиси Раёсати андоз дар вилояти Хатлон Сангин Саидзода, изҳор дошт, ки сабабҳои асосии таъмин нагаштани иҷрои нақшаи андози иҷтимоӣ аз ҳисоби корхонаҳои ғайрибуҷетӣ ва буҷетӣ дар нуҳ моҳи соли ҷорӣ, ин дар як қатор субъектҳои хоҷагидор кам шудан ё афзоиш наёфтани музди меҳнат ва кам гардидани шумораи коргарон ба ҳисоб мераванд.

- Тибқи маълумоти эъломияҳои андозсупорандагон, ки ба мақомоти андоз пешниҳод шудаанд, бинобар пурра ё умуман фаъолият накардани баъзе субъектҳои хоҷагидор дар миқёси вилоят шумораи коргарон 628 нафар ё 1,2 фоиз, даромад дар шакли музди меҳнат 105,2 фоиз ва музди миёнаи моҳона 6,1 фоиз афзоиш ёфтааст, ки он барои таъмини иҷрои нақшаи андози даромад ва андози иҷтимоии корхонаҳои ғайрибуҷетӣ, ки мутаносибан 25 фоиз ва 9,2 фоиз афзоиш ёфтаанд, нокифоя мебошад, - афзуд С.Саидзода.

– Коҳишёбии шумораи коргарон дар 13 шаҳру навоҳӣ ба мушоҳида мерасад, ки 1924 нафар нишондиҳандаи мазкурро кам намудаанд. Асосан, коҳишёбии коргарон ба шаҳру ноҳияҳои Кӯшониён 215 нафар, Хуросон 138 нафар, Дӯстӣ 100 нафар, Абдураҳмони Ҷомӣ 78 нафар, Ҷайҳун 150 нафар, Восеъ 163 нафар, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ 53 нафар, Фархор 261 нафар, Ховалинг 21 нафар, Темурмалик 119 нафар, Балҷувон 170 нафар ва Норак 339 нафар ҷой дорад. Инчунин, аз ҳисоби 551 адад андозсупоранда 7198 нафар шумораи коргарон ва аз ҳисоби 528 адад андозсупоранда 45,7 млн сомонӣ даромади умумӣ дар шакли музди меҳнат коҳиш дода шудааст.

Муовини сардори Раёсати андоз дар вилояти Хатлон Абдурозиқ Солеҳзода, дар робита ба ин қайд намуд, ки сабаби дигари коҳишёбии нишондиҳандаҳои шумораи коргарон, инчунин, фонди музди меҳнат ва музди миёнаи моҳона ин аз ҷониби як қатор корхонаю ташкилотҳо бо иқтидори пурра фаъолият накардан ё анҷом ёфтани объектҳои корӣ мебошад, ки дар натиҷа, нишондиҳандаҳои шумораи коргарон, фонди музди меҳнат ва музди миёнаи моҳонаро аз 30 фоиз то 100 фоиз ихтисор намудаанд.

Омили дигари коҳишёбии нишондиҳандаҳои мазкур ин иваз намудани шакли ташкилии шахсони ҳуқуқӣ, аз ҷумла кооперативҳои тиҷоратӣ мебошад. Аз 1 июни соли 2016 то инҷониб 1538 адад кооперативи тиҷоратӣ шакли ташкили ҳуқуқиашонро иваз намуда, дар заминаи онҳо ҳамчун соҳибкори инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда (хоҷагиҳои деҳқонӣ бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ) таъсис дода шудаанд, ки аз ин ҳисоб тибқи ҳисобҳои шартӣ дар як моҳ 1,8 млн сомонӣ фонди музди меҳнат ва 461 ҳазор сомонӣ маблағи андози иҷтимоӣ коҳиш меёбад.

Гуфта шуд, ки яке аз сабабҳои иҷро нагардидани нақшаи андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард дар он аст, ки дар алоҳидагӣ дар шаҳру навоҳии вилоят даромади умумӣ нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта аз ҳисоби нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳо 730,1 млн сомонӣ кам шудааст. Ин нишондиҳанда, хусусан, дар шаҳру ноҳияҳои Кӯлоб 306,5 млн сомонӣ, Балҷувон 126,4 млн сомонӣ, Фархор 74,9 млн сомонӣ, Данғара 71,4 млн сомонӣ, Восеъ 31,1 млн сомонӣ, Норак 26,9 млн сомонӣ, Вахш 31,2 млн сомонӣ, Левакант 19,8 млн сомонӣ, Муъминобод 17,2 млн сомонӣ ва Хуросон 24,7 млн сомонӣ мебошад.

**С. РУСТАМ,**
**вилояти Хатлон**

# БРИТАНИЯИ КАБИР НИЯТ ДОРАД АНДОЗ БАРОИ УГЛЕРОДҲО ҶОРӢ НАМОЯД

**Тадбири мазкур барои то соли 2030 ба таври илова ба даст овардани 25 млрд фунт стерлинг имкон фароҳам месозад**

Вазорати молияи Британияи Кабир нақша дорад дар кишвараш андоз барои углеродҳо ҷорӣ намояд. Тавре дар вазорат шарҳ додаанд, тадбири мазкур барои ба таври иловагӣ бо мақсади барқароргардонии иқтисодиёт ба даст оварди миллиардҳо фунт стерлинг имкон фароҳам месозад.

Тавре гуфта мешавад, вазири молияи кишвар Риши Сунак ният дорад тавассути ҷорӣ намудани андози нав барномаи дар Британияи Кабир амалкунандаи коҳидшдиҳии газҳои гулхонаиро баъд аз соли 2020 қатъ намояд. Андози нав ба соҳаҳои мухталифи иқтисод, аз ҷумла ба соҳаи истихроҷи газ ва кишоварзӣ дахл дошта, тибқи ҳисобҳои коршиносон ба давлат имкон медиҳад то соли 2030 ба таври иловагӣ 25 млрд фунт стерлинг (зиёда аз 32 млрд доллари ИМА) даромад гирад.

Дар ҳукумати Британия чунин меҳисобанд, ки ҷорӣ гаштани андози нав аз назари сиёсӣ ҳам нафъовар хоҳад буд. Андози нав имкон медиҳад, ки воридоти маблағҳо ба буҷети кишвар зиёд шуда, меъёрҳои андоз аз даромад ё ААИ баланд бардошта нашаванд.

**Манбаъ: http://taxpravo.ru**

# КОРҲОИ НАЗОРАТӢ – САМТИ МУҲИМИ ФАЪОЛИЯТ

**Корҳои назоратӣ яке аз самтҳои муҳими фаъолияти мақомоти андоз буда, бо мақсади роҳ надодан ба қонуншиканиҳои андоз ва пешгирӣ аз ҳолатҳои саркашӣ намудан аз пардохти андозҳо гузаронида мешаванд.**

- Дар нуҳ моҳи соли 2020 аз тарафи кормандони Раёсати андоз дар вилояти Суғд ва мақомоти ҳудудии андози вилоят дар фаъолияти 423 андозсупоранда муоинаи хронометражӣ гузаронида шудааст, - мегӯяд сардори гурӯҳи санҷишҳои амалиётӣ ва назорати фаврӣ оид ба пешгирии қонуншиканиҳои андози шуъбаи санҷиши андозҳои Раёсати андоз дар вилояти Суғд Саидбек Каримзода. - Даромади умумии ин андозсупорандагон пеш аз гузаронидани муоинаи хронометражӣ 17 млн 433 ҳазор сомониро дар бар мегирифт, аммо баъд аз гузаронидани муоинаи хронометражӣ даромади умумии онҳо 25 млн 138 ҳазор сомонӣ муайян карда шуда, фарқияти манбаи ошкоршуда 7 млн 704 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад. Ҳамчунин, ҳангоми гузаронидани муоинаи хронометражӣ 209 нафар коргари кироя, ки бе шартномаи меҳнатӣ фаъолият менамуданд, ошкор карда шуданд. Дар вақти гузаронидани муоинаи хронометражӣ нисбати 377 нафар ба маблағи 1 млн 271 ҳазор сомонӣ ҷаримаҳои маъмурӣ татбиқ карда шуда, ин маблағҳо пурра ба буҷети давлатӣ пардохт гардиданд.

Манбаъ афзуд, ки бевосита аз тарафи гурӯҳи санҷишҳои амалиётӣ ва назорати фаврӣ оид ба пешгирии қонуншиканиҳои андози шуъбаи санҷиши андозҳои Раёсати андоз дар вилояти Суғд дар ин давра дар фаъолияти 157 нафар андозсупоранда муоинаи хронометражӣ гузаронида шудааст. Агар даромади умумии моҳонаи ин андозсупорандагон пеш аз гузаронидани муоинаи хронометражӣ 10 млн 745 ҳазор сомониро ташкил дода бошад, баъд аз гузаронидани муоинаи хронометражӣ даромади умумии моҳонаи онҳо 15 млн 320 ҳазор сомонӣ муайян гардид. Яъне, фарқияти манбаи андозбандишавандаи зиёдгардида ба 4 млн 287 ҳазор сомонӣ расид. Ҳамзамон, 54 нафар коргари кироя, ки бе шартномаи меҳнатӣ ба фаъолият машғул буданд, ба андозбандӣ ҷалб гардиданд. Дар рафти гузаронидани муоинаи хронометражӣ, нисбати 136 нафар ба маблағи 339 ҳазор сомонӣ ҷаримаи маъмурӣ татбиқ шудааст.

Омӯзиш ва таҳлили фаъолияти мақомоти ҳудудии андоз дар вилояти Суғд дар самти гузаронидани муоинаи хронометражӣ нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта муайян намуд, ки шумораи умумии объектҳои тахти муоинаи хронометражӣ қароргирифта дар чанде аз нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳои вилоят коҳиш ёфтааст.

Доир ба самти дигари фаъолияти гурӯҳи санҷишҳои амалиётӣ ва назорати фаврӣ оид ба пешгирии қонуншиканиҳои андози шуъбаи санҷиши андозҳои Раёсати андоз дар вилояти Суғд Саидбек Каримзода зикр дошт, ки дар нуҳ моҳи соли 2020, маҷмӯан, дар фаъолияти 3008 нафар андозсупоранда санҷиши амалиётӣ гузаронида шудааст. Дар натиҷа, ба маблағи 4 млн 900 ҳазор сомонӣ андозҳои иловагӣ ҳисоб карда шуда, аз ин 4 млн 754 ҳазор сомониаш пурра ба буҷети давлатӣ ворид гардидааст. Инчунин, дар ҷараёни гузаронидани санҷишҳои амалиётӣ 691 нафар андозсупоранда бо ҳуҷҷатҳои соҳибкорӣ таъмин шудаанд. Нисбати 846 нафар соҳибкор, шахсони мансабдор, шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ протоколҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба маблағи 1 млн 919 ҳазор сомонӣ татбиқ гардида, ин маблағҳо ба буҷет пардохт шудаанд. Санҷиши амалиётӣ 375 нафар коргари кирояро ошкор намуд, ки бе бастани шартномаи меҳнатӣ фаъолият доштанд. Нисбати онҳо ба маблағи 1 млн 176 ҳазор сомонӣ андозҳои иловагӣ ҳисоб ва маблағи мазкур ба буҷет ворид карда шуд.

Тавре аз гуфтаҳои Саидбек Каримзода бармеояд, гурӯҳи санҷишҳои амалиётӣ ва назорати фаврӣ оид ба пешгирии қонуншиканиҳои андози шуъбаи санҷиши андозҳои Раёсати андоз дар вилояти Суғд бо мақсади пурзӯр намудани маъмурикунонии андоз ва таъмини риояи қонунгузории андоз дар нуҳ моҳи соли 2020 нисбати 1063 адад андозсупоранда протоколҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба маблағи 2 млн 455 ҳазор сомонӣ тартиб дода, аз ин ҳисоб ба буҷети давлатӣ 2 млн 74 ҳазор сомонӣ ворид намудааст.

**Тоҳирҷон ИСКАНДАРЗОДА,**
**вилояти Суғд**

# ТАЪМИНИ БОСИФАТИ АНДОЗҲО

**Кормандони Нозироти андоз дар ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, дар нуҳ моҳи соли ҷорӣ ба натиҷаҳои назарраси меҳнатӣ ноил гардиданд. Онҳо дар ин давра нишондиҳандаҳои қисми даромади буҷети давлатиро ба андозаи 110,7 фоиз таъмин карда, ба ҷойи 23944,5 ҳазор сомонӣ, ба буҷети давлатӣ 26509,9 ҳазор сомонӣ ворид намуданд, ки нисбат ба нақша 2565,4 ҳазор сомонӣ зиёд аст.**

Иҷрои нақшаи андоз аз даромад 114 фоизро ташкил дод. Ба ҷойи 5 миллиону 556 ҳазору 266 сомонӣ, ба буҷет 6 миллиону 335 ҳазору 372 сомонӣ ворид шуд.

Бояд гуфт, ки дар асоси талаботи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нуҳ моҳ ба 1321 андозсупорандаи қарздор ба маблағи 3741,5 ҳазор сомонӣ огоҳинома дода шудааст. Аз ҳисоби огоҳиномаҳои ирсолгардида 2499,7 ҳазор сомонӣ ба буҷет ворид гардидааст.

Танҳо дар 9 моҳи соли ҷорӣ дар ноҳияи Ҳамадонӣ аз тарафи мутахассисони нозироти андози ноҳия 102 ҳолати ҳуқуқвайронкунии андозсупорандагон ба маблағи 151 ҳазору 505 сомонӣ ошкор гардида, шахсони дахлдор ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шуданд, ки аз ин ҳисоб, ба буҷети давлатӣ 110 ҳазору 386 сомонӣ ворид гардид. Нисбати маблағҳои боқимонда аз тарафи мақомоти андози ноҳия чораҳои зарурӣ андешида мешавад.

Ҳамчунин, дар ин давра 339 адад субъекти хоҷагидор ҳамчун андозсупоранда ба қайди давлатӣ гирифта шуданд, ки аз ин 191 адад хоҷагии деҳқонӣ, 24 нафар соҳибкори инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда, 114 соҳибкори бо патент фаъолияткунанда ва 10 шахси ҳуқуқӣ мебошад. Ҳоло дар ноҳия 4256 адад хоҷагии деҳқонӣ дар нозироти андоз ба қайд гирифта шудаанд.

Корҳои назоратӣ самти дигари фаъолияти кормандони мақомоти андоз ба ҳисоб меравад. Дар нуҳ моҳ аз тарафи мутахассисони нозироти андози ноҳия дар фаъолияти 36 андозсупоранда муоинаи хронометражӣ гузаронида шудааст. Даромади умумии андозсупорандагон то давраи муоинаи хронометражӣ 345 ҳазору 195 сомонӣ ва баъди муоинаи хронометражӣ 478 ҳазору 324 сомониро ташкил додааст. Фарқ 133 ҳазору 129 сомонӣ буда, ба ҳар як муоинаи хронометражӣ 3 ҳазору 698 сомонӣ рост меояд.

Таъмин ва насби мошини назоратӣ - хазинавии дорои хотираи фискалӣ дар фаъолияти андозсупорандагон ҳатмӣ буда, он яке аз воситаҳои хуби даромади воқеии андозсупорандагон ба ҳисоб меравад. Дар 9 моҳи соли ҷорӣ дар фаъолияти 53 андозсупоранда МНХ – дорои ТИЭ насб карда шудааст.

Назорати камералӣ шакли назорати андоз буда, аз ҷониби мақомоти андоз дар асоси омӯзиш ва таҳлили ҳисоботи андози пешниҳоднамудаи андозсупорандагон гузаронида мешавад. Ҳамин аст, ки тибқи моддаи 37 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фаъолияти 164 андозсупорандаи ноҳия назорати камералӣ гузаронида шудааст, ки дар натиҷа, 2326,3 ҳазор сомонӣ кам ҳисоб кардан ва пинҳонкунии андозҳо ошкор гардидааст. Инчунин, 209,9 ҳазор сомонӣ аз ҳисоби ҳақдорӣ пӯшонида ва 515,6 ҳазор сомонӣ ба буҷет таъмин шудааст.

**Фаридун НУРЗОДА,**
**муовини сардори Нозироти андоз дар ноҳияи Ҳамадонӣ**

**Нозироти андоз дар шаҳри Гулистон нишондиҳандаҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2020» аз рӯи натиҷаҳои нуҳ моҳи соли равон хуб ҷамъбаст намуд. Бино ба маълумоти расида, иҷрои нишондиҳандаҳои андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ дар ин давра ба андозаи 101,6% таъмин гардида, ба буҷет зиёда аз 114 миллиону 916 ҳазор сомонӣ ворид карда шуд, ки аз назардошт беш аз 1 миллиону 851 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад.**

198 нафар буда, аз он 144 нафараш эъломияи андозро пешниҳод менамоянд, ки ин 72,7%-ро дар бар мегирад. Шумораи умумии соҳибони молу мулки ғайриманқул 9967 нафар буда, аз он 3992 нафараш ба барномаи компютерии СМИИА ворид карда шудаанд, ки ин 40,1%-ро ташкил медиҳад.

# ФАЪОЛИЯТИ БОСАМАР

Яке аз вазифаҳои мақомоти андоз ин чораҳои маҷбуран ситонидани бақияи қарзи андозҳо мебошад. Ба санаи 1 сентябри соли 2020 бақияи қарзи андозҳо дар шаҳри Гулистон 558 ҳазору 143 сомониро ташкил додааст. Бақияи қарзи андозҳо танҳо аз хисоби як корхона - ҶДММ «Висол 2010» ба маблағи зиёда аз 490 ҳазор сомонӣ мебошад, ки 87,9%-и маблағи умумии қарзи андозҳоро дарбар мегирад.

Ҷиҳати маҷбуран ситонидани бақияи қарзи андозҳо аз тарафи кормандони нозироти андоз чораҳо андешида шуда, дар ин давра 188 огоҳинома ба маблағи беш аз 1 миллиону 86 ҳазор сомонӣ ба андозсупорандагон ирсол шудаанд. Дар натиҷа, аз ин ҳисоб, ба буҷети давлатӣ 934 ҳазору 185 сомонӣ андозҳо ворид гаштаанд, ки ин 86,0%-ро ташкил медиҳад. Дар нуҳ моҳи соли 2020 оид ба ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар 172 ҳолат ба маблағи умумии 207 ҳазору 663 сомонӣ протоколҳои маъмурӣ тартиб дода шуда, аз он 153 ҳазору 344 сомониаш ба буҷет рӯёнида шудааст.

Таҳлили вазъи ҷамъоварии андозҳо аз ҳисоби андозсупорандагони бо патент фаъолияткунанда нишон медиҳад, ки дар нуҳ моҳи соли 2020 ба буҷети давлатӣ 601 ҳазору 715 сомонӣ ворид карда шуд, ки ин нишондиҳанда аз нақшаи пешбинигардида ба маблағи 177 ҳазору 402 сомонӣ зиёд мебошад.



Ба санаи 1 октябри соли 2020 аз рӯи барномаи СМИИА дар шаҳри Гулистон 351 корхонаю ташкилот ба қайд гирифта шудаанд. Аз ин теъдод 123 адад ташкилотҳои буҷетӣ, 117 адад корхонаҳои тиҷоратӣ, 18 адад ташкилотҳои ҷамъиятӣ, 33 ададро корхонаҳои намояндагӣ ташкил медиҳанд.

Дар нуҳ моҳи соли ҷорӣ 4 адад шахси ҳуқуқӣ, 21 нафар соҳибкори инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда, 147 нафар соҳибкори бо патент амалкунанда ба қайди давлатӣ гирифта шудаанд. Шумораи умумии андозсупорандагони шахсони ҳуқуқӣ 351 адад буда, 293 адад эъломия пешниҳод менамоянд, ки ин 83,5%-ро ташкил медиҳад. Шумораи умумии соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси шаҳодатнома фаъолият мекунанд, аз рӯи барнома

Ба гуфтаи сардори Нозироти андоз дар шаҳри Гулистон Файзалӣ Фарҳодзода, дар ин давра дар фаъолияти 102 адад андозсупоранда назорати камералӣ гузаронида шудааст ва 2 миллиону 752 ҳазору 312 сомонӣ маблағҳои бариловаи андоз ҳисоб гардидааст. Инчунин, барои ислоҳи камбудиҳо ба андозсупорандагон огоҳинома бо маълумотномаи назорати камералӣ ирсол карда шудааст. Дар натиҷа, аз ҷониби андозсупорандагон ба маблағи 1 миллиону 940 ҳазору 859 сомонӣ эъломияҳои иловагии андоз пешниҳод ва 634 ҳазору 83 сомониаш ба буҷети давлатӣ пардохт гардидааст.

**Т. ШАРИФӢ,**
**вилояти Суғд**

# ШУМОРАИ СУБЪЕКТҲОИ ХОҶАГИДОР МЕАФЗОЯД

**Дар Раёсати андоз дар вилояти Хатлон ҷаласаи ҷамъбастии фаъолияти мақомоти андоз дар 9 моҳи соли 2020 баргузор гардид. Дар ҷаласа муовини Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Бахтиёр Султон, муовини раиси вилояти Хатлон Раҷабалӣ Раҷабов, муовинони раисони шаҳру навоҳӣ, роҳбарият ва сардорони шуъбаҳои раёсати андози вилоят, сардорони нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон ва дигар масъулони соҳаи андоз ширкат доштанд. Дар ҷаласа натиҷаи фаъолияти мақомоти андози вилояти Хатлон дар 9 моҳи соли 2020 ва вазифаҳо барои давраҳои минбаъда мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифт.**

Сардори Раёсати андоз дар вилояти Хатлон Соиб Раҷабов зимни баромадаш изҳор дошт, ки нақшаи андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ бо дарназардошти андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ ба андозаи 100,6 фоиз иҷро гардид. Ба ҷойи 1 миллиарду 102,2 миллион сомонӣ ба буҷет 1 миллиарду 109,1 миллион сомонӣ ворид карда шуд, ки нисбат ба нишондиҳандаҳои нақшавӣ 7,1 миллион сомонӣ ва нисбат ба маблағҳои дар ҳамин давраи соли 2019 ҷамъоваригардида ба андозаи 51,7 миллион сомонӣ бештар мебошад.

Бақияи қарзи андозҳо ба ҳолати 1 сентябри соли 2020 196 млн сомониро ташкил додааст.

Бо мақсади кам кардани бақияи қарзи андозҳо ва шумораи андозсупорандагони қарздор дар давоми нуҳ моҳ ба унвонии 16355 андозсупоранда огоҳиномаи қарздорӣ ба маблағи 158,6 млн сомонӣ ирсол гардида, аз ин ҳисоб 83,4 млн сомонӣ ба буҷет ворид карда шудааст.

Изҳор гардид, ки ба санаи 1 октябри соли равон, дар маҷмӯъ, 47536 андозсупоранда эъломияҳои андозро тариқи электронӣ пешниҳод менамоянд, ки 60,1 фоизи шумораи умумии андозсупорандагонро ташкил медиҳад. Аз ҷумла шахсони ҳуқуқӣ 9453 адад ва соҳибкорони инфиродӣ (бо дарназардошти хоҷагиҳои деҳқонӣ) 38130 нафарро дар бар мегирад.

Тибқи маълумот аз феҳристи ягонаи давлатӣ шумораи андозсупорандагон, дар вилояти Хатлон, ба ҳолати 1-уми октябри соли ҷорӣ 8970 адад шахси ҳуқуқӣ, 14 адад филиал ва намояндагиҳои шахсони ҳуқуқии хориҷӣ, 6575 нафар соҳибкори инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда, 62435 нафар хоҷагии деҳқонии фермерии бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ ва 26220 нафар соҳибкори инфиродии тибқи патент фаъолияткунандаро ташкил медиҳад.

**С. РУСТАМ,**
**вилояти Хатлон**

# ТАКМИЛ ДОДАНИ ДОНИШИ КАСБӢ

**Маркази такмили ихтисоси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бахшҳои он дар вилоятҳои Суғду Хатлон бо мақсади ба роҳ мондани бозомӯзӣ, такмил ва баланд бардоштани дараҷаи тахассусии кормандони мақомоти андоз дар нуҳ моҳи соли ҷорӣ як қатор корҳоро ба анҷом расонидааст.**

– Мақсад аз баргузор намудани машғулиятҳо, пеш аз ҳама, такмил додани дониши касбӣ, малакаи корӣ, омӯзонидани кор бо технологияҳои иттилоотӣ ва модулҳои нави барномаи компютерии Системаи муттаҳидаи иттилоотии идоракунии андозҳо, татбиқи мухтавои Консепсияи ҳукумати электронӣ, инчунин, дар сатҳи замонавӣ ба роҳ мондани хизматрасонӣ ба андозсупорандагон мебошад, – мегӯяд сардори Маркази такмили ихтисоси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Акбар Ҳалимхонов. - Мутаассифона, ба равандии муътадили баргузории машғулиятҳои тахассусӣ дар давоми моҳҳои апрел-июни соли ҷорӣ паҳншавии беморҳи сироятии «COVID-19» таъсири худро расонид. Бинобар ин, ҷиҳати андешидани чораҳои эпидемиологӣ ва ҳаддалимкон кам намудани эҳтимолияти сироятёбии кормандон ба ин беморӣ, шумораи машғулиятҳо кам гардида, онҳо бо риояи чораҳои бехдоштӣ, тариқи видеоалоқа, асосан, бо ҷавонон гузаронида шуданд. Аз ҳамин сабаб, дар Маркази такмили ихтисос ва бахшҳои он дар вилоятҳо нисбат ба ҳамин давраи соли 2019 шумораи машғулиятҳо ба миқдори 10 адад камтар гузаронида шуда, шумораи шунавандагони ба ин машғулиятҳо фарогирифташуда 488 нафар кам гардид.

Ба андешаи А. Ҳалимхонов, роҳбарияти Кумитаи андоз тамоми чораҳоро андешидаанд, то ин ки таъсири манфии вазъияти баамаломада ба салоҳияти касбии кормандон камтар карда шавад. Бо ин мақсад бо истифода аз толори алоқаи видеоӣ (видеоконфронс) ҳар ҳафта, на камтар аз як маротиба, аз ҷониби сарраёсату раёсатҳои дахлдори дастгоҳи маркази Кумитаи андоз бо кормандони мақомоти ҳудудии андоз машғулиятҳои омӯзишии мавзӯӣ, (аз 1,5 то 3 соат) тариқи фосилавӣ, ташкил ва гузаронида мешуданд.

Дар машғулиятҳои гузаронидашуда, асосан, ба омӯзиши мавзӯъҳои вобаста ба тартиби пешниҳоди эъломияи андоз аз фоида аз рӯи ҷамъбасти натиҷаи фаъолият барои соли 2019 ва тартиби ба таври электронӣ қабул намудани эъломия, масъалаҳои марбут ба маъмурикунонии андоз аз арзиши иловашуда ва оид ба татбиқи дурусти модулҳои нави барномаи компютерии Системаи муттаҳидаи иттилоотии идоракунии андозҳо ва хизматрасониҳои электронӣ ба андозсупорандагон аҳамият дода мешуданд.

– Аз ҷониби роҳбарияти Кумитаи андоз, – иброз медорад А. Ҳалимхонов, – барои донишомӯзии шунавандагон шароити мусоид фароҳам оварда шудааст. Дар доираи татбиқи Лоиҳаи ислоҳоти маъмурикунонии андоз барои шунавандагон дар Маркази такмили ихтисоси Кумитаи андоз ва бахшҳои он дар вилоятҳои Суғду Хатлон ҳамчунин, дар ВМКБ ва Нозироти андоз дар шаҳри Кӯлоб толорҳои нави муҷаҳҳаз бо навтарин таҷҳизоти ҳозиразамони компютерӣ ва дигар асбобҳои аёнии электронӣ амал мекунанд.

Ин аст, ки дар нуҳ моҳи соли равон дар 23 давр бо 453 нафар, аз ҷумла дар Маркази такмили ихтисоси Кумитаи андоз дар 9 давр 228 нафар ва бахшҳои он дар вилоятҳо дар 14 давр 225 нафар корманд ба машғулиятҳои бозомӯзӣ фаро гирифта шуданд. Ба тарбияи сиёсиву ҳуқуқии ҷавонон, тақвияти сатҳи тахассуснокии онҳо ва тарғибу ташвиқи масъалаҳои марбут ба баробарии гендерӣ, роҳ надодан ба табъиз (поймолкунии ҳуқуқҳои субъектҳои муносибатҳои гендерӣ), таҳкими таҳаммулпазирӣ, ташаккули фарҳанги ҳуқуқӣ, таъмини ҳуқуқ ба озодии инсон ва эътиқод диққати хоса дода мешавад.

Дар Маркази такмили ихтисоси Кумитаи андоз ва бахшҳои он дар вилоятҳо, дар баробари қонунгузории андоз, ҳамчунин, дар мавзӯъҳои баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, инкишофи тафаккури миллӣ ва тақвияти сатҳи маърифату ҷаҳонбинии кормандон, тарғибу ташвиқи меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, муаррифии мухтавои Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2019, дастуру супоришҳои Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар воҳӯрӣ бо кормандони соҳаҳои молия, андоз, гумрук ва бонкдории кишвар аз 10 майи соли 2019, Стандартҳои ягонаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, модулҳои нави барномаи компютерии Системаи муттаҳидаи иттилоотии идоракунии андозҳо, хизматрасониҳои электронӣ ба андозсупорандагон, қонунгузории ҷорӣ доир ба хизмати давлатӣ, кодексҳои одоби хизматчии давлатӣ ва одоби касбии кормандӣ мақомоти андоз, таҳкими ҳисси миллию ватандӯстӣ, фарҳанги муошират, таҳаммулпазирӣ, риояи либоспӯшии расмӣ ва тавсияшуда, муқовимат бо экстремизм ва терроризм, пешгирии шомилшавии ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои ифротӣ, танзими анъана ва ҷашну маросим, масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд, қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ, масъалаҳои гендерӣ, ташаккули маърифати ҳуқуқию сиёсии кормандон машғулиятҳо гузаронида шуданд.

**Зарина ШАФИЕВА**

# БАРОИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ ВА ҶАЛБИ САРМОЯ ДАР ТОҶИКИСТОН 109 ИМТИЁЗУ САБУКӢ ФАРОҲАМ ОВАРДА ШУДААНД

**Саҳми бахши хусусӣ дар Маҷмӯи Маҳсулоти Дохилӣ (ММД) аз 30 фоизи соли 2000 то 70 фоиз дар соли 2020 зиёд гардида, қариб 80 фоизи пардохтҳои андозии буҷети давлатӣ ва 67 фоизи аҳолии фаъоли иқтисодӣ аз ҷониби бахши хусусӣ бо шуғл таъмин карда мешаванд.**

Ин нуктаро Раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Фаррух Ҳамралиэода дар ҳамоише, ки дар Душанбе дар мавзӯи «Соҳибкориву сармоягузорӣ - асоси пешрафти иқтисодиёт» доир гардид, зикр кард.

Тавре дар ҳамоиш қайд гардид, дар солҳои Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар натиҷаи татбиқи сиёсати созандаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ–Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати мамлакат дар ҷумҳурӣ дар тамоми соҳаҳои ҳаёти иқтисодиву иҷтимоии мамлакат ислоҳоти куллӣ гузаронида шуда, ташаккули муносибатҳои нави иқтисодӣ, таъмини рушди босуботи иқтисодиёт, беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, дастгирии соҳибкорӣ ва ба ин васила, баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардум то ба имрӯз ҳадафи стратегии давлат ва Ҳукумати мамлакат қарор гирифт.

Қайд гардид, ки бо дарназардошти афзалияти муайяннамудаи Ҳукумати мамлакат тадбирҳои зарурӣ барои идомаи рушди татбиқи ислоҳоти иқтисодӣ дар самти дастгирии соҳибкорӣ дар ҷумҳурӣ, аз ҷумла бо дарназардошти пешгирӣ аз паҳншавии бемории сироятии COVID-19 ва хавфҳои эҳтимолии он ба иқтисодиёти миллӣ амалӣ карда мешаванд.

Дар ин росто, бо мақсади ҳалли бевоситаи мушкилоту масъалаҳои соҳибкорону сармоягузорон ва андешидани тадбирҳои саривақтӣ Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар мамлакат фаъолият менамояд, ки намояндагони бахши хусусӣ ва коршиносони ташкилоти байналмилалии молиявӣ ба ҳайати он шомиланд. Барои баррасии масъалаҳои муҳим дар сатҳи маҳал ҷиҳати татбиқи қонунгузории ҳимоя ва дастгирии соҳибкорӣ дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ 69 шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузориву соҳибкорӣ таъсис дода шудаанд. Ҳамзамон, барои дастгирии субъектҳои соҳибкорӣ пешниҳоди хизматрасонии давлатӣ бо истифода аз технологияи иттилоотӣ ба роҳ монда шуда, дар ин замина, хизматрасониҳои электронӣ зиёд карда шуданд.

Инчунин, бо мақсади дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ, аз ҷумла соҳибкории истеҳсолӣ ва бартараф кардани монеаҳои мавҷуда се маротиба - солҳои 2009-2010, 2012-2014 ва 2019-2020 ба ҳама гуна санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ, хусусан, соҳибкории истеҳсолӣ мораторий эълон гардидааст. Ҷорӣ намудани низоми «Равзанаи ягона» ҷиҳати барасмиятдарории амалиёти содиротиву воридотӣ ва транзитӣ дар гузаргоҳҳои сарҳадӣ, инчунин, механизми равзанаҳои ягона барои дастрас намудани иҷозати корҳои сохтмонӣ, пешниҳоди шартҳои техникӣ оид ба пайвастшавӣ ба шабакаҳои барқӣ, бақайдгирии амволи ғайриманқул ва дигар механизмҳои муосир бо истифодаи технологияҳои иттилоотӣ кори соҳибкоронро осон намуда, ба рушди муназзами фаъолияти соҳибкорӣ мусоидат намуда истодааст.

Дар ҳамоиш гуфта шуд, ки бо ташаббуси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои охир барои ҳимояву дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ ва ҷалби сармоя ба соҳаҳои саноати сабук, кишоварзӣ, дорусозӣ, парандапарварӣ, чорводорӣ, сайёҳӣ ва дигар бахшҳои афзалиятнок, дар маҷмӯъ, 109 имтиёзу сабукӣ фароҳам оварда шуда, танҳо солҳои 2016-2018 маблағи умумии имтиёзҳои ҷоришуда беш аз 15 миллиард сомониро ташкил дод, ки тибқи таҷрибаи муосири байналмилалӣ, аз дастгирии назарраси Ҳукумати мамлакат барои рушди соҳибкорӣ шаҳодат медиҳад.

Дар натиҷаи татбиқи сиёсати созандаи Пешвои миллат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи таъмини рушди босуботи иқтисодӣ ва таҳкими ҳамкорӣ бо шарикони байналмилалӣ ҳаҷми сармоягузории хориҷӣ ба иқтисоди мамлакат, ки барои ноил шудан ба ҳадафҳои стратегии Ҳукумати ҷумҳурӣ равона шудаанд, сол аз сол афзоиш ёфта, корхонаҳои азими саноатӣ бунёд ва мавриди истифода қарор дода мешаванд.

Ин нишондиҳанда дар ҳолест, ки мавқеи байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон устувор гардида, тибқи ҳисоботи «Пешбурди соҳибкорӣ» Тоҷикистон чор маротиба - солҳои 2010, 2011, 2015 ва 2019 ба даҳгонаи кишварҳои пешсафи ислоҳотгар шомил гардид.

Дар ҳамоиш масъалаҳои марбут ба ислоҳот вобаста ба беҳсозии фазои сармоягузориву соҳибкорӣ, имконоти нави сармоягузорӣ, ҷанбаҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии рушди соҳибкорӣ дар мамлакат монеаю мушкилоти соҳибкориву сармоягузорӣ ва роҳҳои бартараф намудани онҳо матраҳ гардид. Инчунин, вобаста ба натиҷаҳои таҳлил оид ба таъсири пандемияи COVID-19 ба соҳибкории хурду миёна дар мамлакат, лоиҳаи «Барномаи дастгирии давлатӣ ва рушди бахши хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030», идоракунии корпоративӣ ва дигар масъалҳои мубрам баррасӣ шуданд.

Таъкид гардид, ки намояндагони бахши хусусӣ, соҳибкорону сармоягузорон барои рушди истеҳсолоти ватанӣ, тавлиди маҳсулоти воридотивазкунанда ва ба содирот нигаронидашуда, таъмини бозори дохилӣ бо маҳсулоти рақобатпазир донишу малака ва имконоти худро равона намуда, барои дарёфти фишангҳои нави иқтисодӣ ҷиҳати ба бозори ҷаҳонӣ баровардани маҳсулоти ватанӣ саъю талош намуда, саҳми назаррас мегузоранд.

**«Боҷу хироҷ»**

# ОШКОР ШУДАНИ КАМБУДИҲО ЗИМНИ САНҶИШҲОИ АМАЛИЁТӢ

**Барои боз ҳам хубтар ба роҳ мондани фаъолияти соҳибкорон мақомоти андоз дар фаъолияти онҳо пайваста корҳои фаҳмондадиҳӣ ва назоратӣ мегузаронанд. Яке аз чунин корҳои назоратӣ гузаронидани санҷиши амалиётӣ ба ҳисоб меравад, ки мақсади он боз ҳам хубтар ба роҳ мондани фаъолияти соҳибкорон ва пешгирии қонунвайронкуниҳои андоз аз тарафи андозсупорандагон мебошад. Санҷишҳои амалиётӣ самти афзалиятноки фаъолият буда, дар раванди иҷрои қисми даромади буҷет омили таъсиррасон ба ҳисоб меравconfigured.**

Бояд гуфт, ки санҷишҳои андоз, асосан, бо мақсади пешгирии қонунвайронкуниҳои андоз, бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта, таъмини воридоти сариваќтии маблағи андози дар рафти санҷиш ошкоршуда ва анҷом додани корҳои фаҳмондадиҳӣ ҷиҳати минбаъд ба қонунвайронкуниҳои андоз роҳ надодани андозсупорандагон гузаронида мешавад. Корҳои назоратӣ яке аз самтҳои муҳим ва назарраси фаъолияти мақомоти андоз буда, ҳамеша дар мадди назари роҳбарияти Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад.

Натиҷаи корҳои назоратӣ шаҳодат медиҳад, ки агарчи маданияти андозсупории андозсупорандагон нисбат ба давраҳои қаблӣ беҳтар гардида, сатҳи қонунвайронкуниҳои андоз нисбатан коҳиш ёфтааст, аммо корҳои назоратӣ дар фаъолияти андозсупорандагони алоҳида ҳоло ҳам қонунвайронкуниҳои андозро ошкор менамояд.

Тавре сардори шуъбаи Раёсати санҷишҳои амалиётӣ ва назорати фаврии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Оятулло Каримзода иттилоъ дод, дар 9 моҳи соли 2020 дар асоси 197 амрнома кормандони мақомоти андоз барои гузаронидани санҷишҳои амалиётии андоз дар фаъолияти андозсупорандагон сафарбар гардидаанд. Дар натиҷаи гузаронидани санҷишҳои амалиётӣ фаъолияти 7097 андозсупоранда, аз ҷумла 976 шахси ҳуқуқӣ, 4661 соҳибкори инфиродӣ ва 1543 нафар шахси воқеӣ таҳти санҷиш қарор дода шудааст. Дар натиҷа, дар 1543 ҳолат ё ин ки 17,2 фоиз ҳолати бе қайд дар мақомоти андоз ба фаъолияти соҳибкории ғайриқонунӣ машғул гардидани шахсони воқеӣ ошкор карда шуда, онҳо қисман бо ҳуҷҷатҳои фаъолияти соҳибкорӣ таъмин гардидаанд.

- Дар маҷмӯъ, аз ҳисоби ҳамаи қонунвайронкуниҳои андоз дар давраи гузаронидани санҷишҳои амалиётӣ нисбати 1975 андозсупоранда протоколҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба маблағи умумии 6,3 млн сомонӣ татбиқ шудааст,- мегӯяд О. Каримзода. - Маблағи ҷаримаҳои татбиқгардида нисбати шумораи андозсупорандагоне, ки нисбаташон протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб дода шудааст, ба ҳисоби миёна ба ҳар як субъект дар Раёсати санҷишҳои амалиётии Кумитаи андоз 4,3 ҳазор сомонӣ, шаҳри Душанбе 2,3 ҳазор сомонӣ, вилояти Суғд 2,1 ҳазор сомонӣ, вилояти Хатлон 6,3 ҳазор сомонӣ, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 2,1 ҳазор сомонӣ ва Раёсати андози андозсупорандагони калон (РААК) 3,4 ҳазор сомониро ташкил намудааст.



Ба иттилои номбурда, шумораи протоколҳои татбиқнамудаи аксари мақомоти ҳудудии андоз нисбат ба шумораи андозсупорандагони бебайди мақомоти андоз ошкоргардида мутаассифона кам мебошад. Аз ҷумла, Нозироти андоз дар ноҳияи Шоҳмансур аз 135 андозсупорандаи бебайд ошкорнамуда, дар маҷмӯъ, бо дарназардошти дигар камбудиҳои ошкорнамуда танҳо 29 протокол татбиқ намудааст, ки ҳамагӣ 21,4 фоизро ташкил медиҳад. Нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои Бӯстон аз 31 андозсупорандаи бебайд 3 протокол (9,6%), Спитамен аз 61 бебайд 20 протокол (32,7%), Истаравшан аз 71 бебайд 14 протокол (19,7%), Файзобод аз 37 бебайд 7 протокол (18,9%) ва Рашт аз 76 бебайд 3 протокол (3,9%), тартиб додаанду халос.

Ба гуфтаи О. Каримзода ҳолати мазкур аз он шаҳодат медиҳад, ки баъзе нозиротҳои андоз ҳангоми гузаронидани санҷишҳои амалиётӣ нисбати ҳуқуқвайронкуниҳои ошкоршуда тибқи тартиби муқарраргардида чораҷӯӣ наменамоянд. Бояд гуфт, ки дар давраи гузаронидани санҷишҳои амалиётӣ 385 андозсупоранда бо мошини назоратӣ-хазинавии дорои таҷҳизоти интиқолдиҳандаи электронӣ (МНХ-и дорои ТИЭ) таъмин гардидаанд.

Инчунин, аз тарафи мақомоти ҳудудии андоз 307 ҳолати бе қайди мақомоти андоз ба иҷора додани объектҳои молу мулки ғайриманқул аз ҷониби шахсони воқеӣ ошкор шудааст. Аз ҷумла, аз ҷониби Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе 15 нафар, вилояти Суғд 48 нафар, вилояти Хатлон 40 нафар ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 90 нафар объекти молу мулки ғайриманқули худро бе қайд дар мақомоти андоз ба иҷора додаанд, ки дар маҷмӯъ, нисбат ба ҳамин давраи соли 2019 –ум 164 адад кам мебошад.

Ёдрас бояд кард, ки баъзе нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳо ҳангоми санҷишҳои амалиётӣ коргарони кирояи ба кор ҷалбшудаи бебайди мақомоти андозро ошкор ва пешгирӣ накардаанд, ки ҳолати мазкур ба иҷрои қисми даромади буҷети давлатӣ, бахусус, андози иҷтимоӣ таъсири худро гузоштааст. Масалан, нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои Исмоили Сомонӣ, Сино, Ашт, Истиқлол, Спитамен, Леваканд ва 3 мақомоти ҳудудии ВМКБ дар 9 моҳи соли ҷорӣ дар рафти санҷишҳои амалиётии андоз, умуман, коргарони кирояи бебайдро ошкор накардаанд. Дар ҳудуди шаҳру ноҳияҳо захира ва имкониятҳои зиёде мавҷуданд, аз ин рӯ, андозбандӣ фаро гирифтани манбаъҳо аз ҳар як корманди мақомоти андоз масъулияти баланд ва иҷрои босифати уҳдадориҳои мансабиро тақозо менамояд.

- Сарфи назар аз вуҷуд доштани қонунвайронкуниҳои андоз, бархе аз мақомоти ҳудудии андоз дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ санҷишҳои амалиётии андоз намегузаронанд ё онро дуруст ба расмият намедароранд, - мегӯяд, О. Каримзода. - Масалан, дар 9 моҳи соли ҷорӣ аз тарафи нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои Исмоили Сомонӣ, Сино, Ваҳдат, Рӯдакӣ, Лахш, Нуробод, Сангвор, Хуҷанд, Бӯстон, Ашт, Зафаробод, Панҷакент, Кушониён, Вахш, Абдураҳмони Ҷомӣ, Ёвон, Қубодиён, Данғара, Кӯлоб, Темурмалик, Муъминобод ва Восеъ ягон адад санҷиши амалиётӣ гузаронида нашудааст ё ҳамагӣ 1 - 2 ададӣ санҷиши амалиётӣ гузаронида шудааст, ки ин ғайриқаноатбахш мебошад.

Хотирнишон месозем, ки Кумитаи андоз бо мақсади ба низом даровардани санҷишҳои амалиётӣ, роҳ надодан ба такроръёбии санҷишҳои амалиётӣ, дар мӯҳлатҳои муқаррарнамудаи қонунгузорӣ гузаронидани онҳо нақшаи гузаронидани санҷишҳои амалиётиро барои нимсолаи якуми соли 2020 тасдиқ ва барои иҷро ба мақомоти ҳудудии андоз ирсол намудааст. Ҳамчунин, Раёсати санҷишҳои амалиётӣ ва назорати фаврӣ рафти иҷрои талаботи Фармоиши Кумитаи андозро аз 27 январи соли 2020, №34 «Оиди нақшаи ягонаи санҷишҳои амалиётӣ барои нимсолаи якуми соли 2020» дар баъзе нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳо мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор додааст.

Таҳлили ҳисоботи пешниҳоднамудаи нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳо нишон додааст, ки баъзе нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳо талаботи Дастурамал «Оид ба гузаронидани санҷиши андозҳо», яъне тибқи тартиби муқарраргардида ба расмият даровардани санҷишҳои амалиётиро риоя намекунанд. Чуноне мушоҳида мешавад, аз тарафи нозиротҳои андоз маълумотнома аз натиҷаи санҷишҳои амалиётии гузаронидашуда дар доираи як варақ таҳия гардидааст. Дар маълумотнома субъектҳои таҳти санҷиш қарордодашуда, андозҳои илова ҳисобшуда ва пртоколҳои татбиқгардида нисбати кадом субъект сурат гирифтааст, номуайян мондааст.

Оятулло Каримзода иброз дошт, ки Сарраёсати назорати андоз тасмим гирифтааст корҳои таҳлилӣ ва назоратиро нисбати фаъолияти мақомоти ҳудудии андоз дар самти гузаронидани санҷишҳои амалиётӣ пурзӯр намояд.

Ёдрас мешавем, ки санҷишҳои амалиётӣ самти афзалиятноки соҳа буда, дар раванди иҷрои қисми даромади буҷет омили таъсиррасон мебошад. Аз ин рӯ, мақомоти ҳудудии андозро зарур аст, ки ба ин самти фаъолият аҳамияти ҷиддӣ зоҳир намоянд.

**Мазҳаб ҶУМЪА**

# ТАДБИРҲО БАҲРИ КАМ КАРДАНИ ҚАРЗҲО

**Бо мақсади расонидани кӯмаки амалӣ дар таъмини иҷрои нақшаи қисми даромади буҷет, кам кардани бақияи қарзи андозҳо, аз ҷумла қарзҳои мушкилситон ва шумораи андозсупорандагони қарздор, татбиқ намудани чораҳои маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо, инчунин, пурра мавриди санҷиш қарор додани ҳолати иҷрои қарорҳои маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо, Гурӯҳи корӣ ба Нозироти андоз дар шаҳри Кӯлоб сафарбар гардид.**

- Мутобиқи маълумоти Нозироти андоз дар шаҳри Кӯлоб бақияи қарзи андозҳо ба ҳолати 1 сентябри соли 2020 маблағи умумии 19,0 млн сомониро ташкил намуда, нисбат ба аввали соли ҷорӣ ба андозаи 300,0 ҳазор сомонӣ кам гардидааст - мегӯяд роҳбари Гурӯҳи корӣ - мутахассиси пешбари Раёсати ситонидани қарзи андозҳои Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон М.Холназаров. - Аз маблағи умумии бақияпулиҳои андоз, ки 19,0 млн сомониро дар бар мегирад, 3,6 млн сомониашро (18,6%) фоизу ҷаримаҳо ва 8,5 млн сомониашро (44,7%) андози иҷтимоӣ, (буҷетӣ 4,8 млн сомонӣ ва ғайрибуҷетӣ 3,7 млн сомонӣ) ташкил медиҳад.

ҶДММ "Файз 2019" аз ҷумлаи андозсупорандагони қарздоре мебошад, ки айни замон нисбаташ дар суди шаҳри Кӯлоб парвандаи ҷиноӣ баррасӣ гардида истодааст. Ба ғайр аз ин, 3 адад андозсупоранда дар гурӯҳи қарздороне, ки роҳбаронашон фавтидаанд, қарор доранд, маблағи қарзи андозҳояшон 1032,5 ҳазор сомониро ташкил медиҳад. Нисбати ду адади онҳо - ҶДММ "Марҷона" ва ҶДММ "Суғдиён" чораҳои маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо татбиқ карда шудааст.

Инчунин, ФҶСП БСТ ТИСТ "Тоҷпромбонк" андозсупорандае мебошад, ки маблағи қарзи андозҳояш 10,9 ҳазор сомониро ташкил намуда, дар гурӯҳи андозсупорандагони муфлис эътирофшуда қарор дорад. Дар гурӯҳи қарзҳои мӯҳлати даъвояшон гузашта 13 андозсупоранда ба маблағи 22956,2 ҳазор сомонӣ қарор дошта, новобаста аз гузашти мӯҳлати мурури даъво нисбати аксарияти онҳо чораҳои маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо татбиқ гардидааст.

Мутобиқи ҳисобот, дар 9 моҳи соли 2020 дар Нозироти андоз дар шаҳри Кӯлоб ҳамагӣ 485 адад қарор нисбати 288 андозсупоранда доир ба маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо ба маблағи умумии 18719,2 ҳазор сомонӣ қабул гардида, аз ин ҳисоб ба буҷет 12955,3 ҳазор сомонӣ ворид гардидааст, ки 69,2%-и маблағи умумии қарорҳои қабулгардидаро ташкил медиҳад. Аз ҳисоби 32 адад қарори дар соли 2019, ки нисбати 14 адад андозсупоранда ба маблағи 3491,3 ҳазор сомонӣ қабулгардида, дар соли 2019 -ум 1978,4 ҳазор сомонӣ ва дар 9 моҳи сипаригардидаи соли 2020 667,4 ҳазор сомонӣ ба буҷет ситонида шудааст.

ҶДММ "Румайсо Ғ", Намояндагии корпоратсияи Хитой оид ба сохтмони роҳҳо ва купрукҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶДММ "Назри И" аз ҷумлаи корхонаҳоеанд, ки нисбаташон қарорҳои дахлдор қабул ва мавриди иҷро қарор гирифтаанд.

- Бояд ёдовар шуд, ки дар давраи фаъолияти Гурӯҳи корӣ андозсупорандагоне, ки нисбаташон дар бораи ситонидани қарзи андозҳо аз ҳисоби пули нақдӣ қарор қабул гардида буд, мавриди таҳлил қарор гирифт. Дар натиҷа, муайян гардид, ки аз ҷониби баъзе андозсупорандагон қарорҳои мазкур риоя нашудааст, – илова намуд М.Холназаров. - Масалан, Корхонаи фаръии обтаъминкунӣ ва канализатсияи шаҳри Кӯлоб, ки нисбаташ қарори Кумитаи андоз аз 10 августи соли 2020, №8-2-415, оид ба ситонидани қарзи андоз аз ҳисоби пули нақд ба маблағи 9991,9 ҳазор сомонӣ қабул гардидааст, барои таъмини иҷро ба андозсупоранда ирсол карда шудааст. Аммо, аз ҷониби Корхонаи фаръии обтаъминкунӣ ва канализатсияи шаҳри Кӯлоб иҷрои қарори мазкур риоя нашуда, маблағҳои ба хазина воридгардидаро ғайримақсаднок истифода намудааст. Муайян гардид, ки аз рӯзи қабули қарор то инҷониб, ба хазинаи корхона 276,4 ҳазор сомонӣ ворид гардида, аз ин 140,7 ҳазор сомонӣ барои музди меҳнат ва 35,2 ҳазор сомонӣ бархилофи талаботи қарори мазкур, яъне барои дигар хароҷоти худи корхона равона карда шудааст.

Ба ин монанд, аз рӯзи қабули қарор то инҷониб, ба хазинаи Муассисаи "Давлатии механиконидашудаи зудамали минтақаи Кӯлоб" 85,3 ҳазор сомонӣ ворид гардида, аз ин 41,5 ҳазор сомонӣ барои музди меҳнат ва пардохтҳои ба он барорбар ва 77,5 ҳазор сомонӣ бархилофи талаботи Дастури методӣ ба дигар самтҳо равона гардидааст.

Дар баробари ин, дар моҳи сентябри соли ҷорӣ, бевосита аз ҷониби Гурӯҳи корӣ дар якҷоягӣ бо кормандони Нозироти андоз дар шаҳри Кӯлоб дар натиҷаи татбиқи чораҳои маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо ва ба роҳ мондани дигар чораҳои таъсиррасон нисбати андозсупорандагоне, ки бақияпулиҳои андози нисбатан зиёд доштанд, пайваста корбарӣ шуда, (бе дарназардошти андозҳои ҷорӣ) аз ҳисоби бақияи қарзи андозҳои ҶСК "Сомон Кӯлоб таҷҳизот" 124,8 ҳазор сомонӣ, ҶСК "Фурудгоҳи Байналмилалии Кӯлоб" 249,0 ҳазор сомонӣ, ҶДММ "Комёр Б" 134,3 ҳазор сомонӣ, ҶДММ "Сафиямоҳ 2012" 82,0 ҳазор сомонӣ, Маркази Ёрии таъҷилии тибии шаҳри Кӯлоб 158,8 ҳазор сомонӣ, ҶДММ "Афроз ЛТД" 300,0 ҳазор сомонӣ, ҶДММ "Вента Рива" 60,0 ҳазор сомонӣ, Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Ширкати таъминоти сӯзишворӣ" 46,7 ҳазор сомонӣ, Беморхонаи вилоятии ба номи А. Ҳақназарови шаҳри Кӯлоб 113,0 ҳазор сомонӣ, Воҳиди алоҳидаи ҶСП «Индиго Тоҷикистон» 183,0 ҳазор сомонӣ, ҶДММ "Бунёди Роҳ" 38,3 ҳазор сомонӣ, Маркази саломати кӯдаконаи шаҳри Кӯлоб 49,2 ҳазор сомонӣ, ҶДММ "Фароиз" 100,0 ҳазор сомонӣ, ҶДММ "Лайло П" 39,1 ҳазор сомонӣ ва МДТ «Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб» 55,4 ҳазор сомонӣ ба буҷет ворид карда шуд.

Зикр кардан бамаврид аст, ки шумораи андозсупорандагони қарздор ба ҳолати 1 сентябри соли 2020 дар Нозироти андоз дар шаҳри Кӯлоб 965 ададро дар бар гирифта, нисбат ба аввали соли ҷорӣ 210 адад кам гардидааст. Аз шумораи умумии андозсупорандагони қарздор 276 адад ё 28,6%-и онро шахсони ҳуқуқӣ ва 689 нафар ё 71,4% - ро соҳибкорони инфиродӣ бо дарназардошти хоҷагиҳои деҳқонӣ ташкил медиҳанд.

Аз ҷониби Гурӯҳи корӣ дар якҷоягӣ бо кормандони Нозироти андоз дар шаҳри Кӯлоб дар ин давра бо татбиқи чораҳои маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо ва гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ миёни андозсупорандагони қарздор бақияи қарзи 80 андозсупорандаи қарздор ба маблағи 863,3 ҳазор сомонӣ пурра рӯёнида шуда, аз рӯйхати андозсупорандагони қарздор хориҷ гардиданд. Аз ҷумла аз ҳисоби шахсони ҳуқуқӣ 32 адад ба маблағи 836,6 ҳазор сомонӣ ва соҳибкорони инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда бо дарназардошти хоҷагиҳои деҳқонӣ 48 адад ба маблағи 26,7 ҳазор сомонӣ кам гардид.

Ҳамин тариқ, Гурӯҳи корӣ дар якҷоягӣ бо кормандони Нозироти андоз дар шаҳри Кӯлоб дар натиҷаи татбиқи чораҳои маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо ва дигар шаклҳои таъсиррасон, аз ҳисоби бақияпулиҳои андоз, (бе дарназардошти маблағҳои ҳисобшудаи ҷорӣ), дар моҳи сентябри соли 2020, дар маҷмӯъ, 2054,6 ҳазор сомониро ба буҷет ворид намуд.

**Ширинмоҳи МУҲАММАДӢ**

# ҲИСОБУ ПАРДОХТИ АНДОЗҲО

Дар Нозироти андоз дар шаҳри Бӯстон ба санаи 1 октябри соли 2020 аз рӯи барномаи компютерии СМИ-ИА 410 адад корхонаю ташкилот ба қайди давлатӣ гирифта шудаанд. Шумораи умумии андозсупорандагони шахсони ҳуқуқӣ 410 адад буда, аз он 274 ададаш эъломия пешниҳод менамоянд, ки ин 66,8%-ро ташкил медиҳад. Дар асоси эъломияҳои пешниҳодгардидаи 274 адад шахси ҳуқуқӣ дар ин давраи соли равон ба маблағи умумии 29,9 млн сомонӣ андозҳо ҳисоб шуда, аз ин 22,7 млн сомониаш ба буҷет ворид гардидааст. Дар нуҳ моҳи соли 2020, дар маҷмӯъ, маблағҳои ҳисобшудаи корхонаҳои пардохткунандаи ААИ маблағи 18,2 млн сомониро ташкил намуда, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ба маблағи 3,8 млн сомонӣ ё 26,0 фоиз афзоиш ёфтааст.

Дар 9 моҳи соли 2020 амалиёти андозбандишаванда 114,1 млн сомониро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2019 ба маблағи 235,7 млн сомонӣ кам мебошад. Сабаби асосии кам гаштани даромади умумӣ, ба гуфтаи мутахассисони нозироти андоз дар он будааст, ки дар нуҳ моҳи соли 2020 аз ҳисоби корхонаҳои супорандаи ААИ воридот ва содироти гумрукӣ низ кам шуда, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ба маблағи 177,4 млн сомонӣ коҳиш ёфтааст.

Гарчанде даромади умумӣ дар давраи мазкур кам гардидааст, аммо дар маҷмӯъ, вазни қиёсии андозҳои ҳисобшудаи корхонаҳои супорандаи ААИ ба андозаи 11,8%, аз ҷумла ААИ ба андозаи 1,1% ва маблағҳои пардохтшуда ба андозаи 6,3-%, аз ҷумла ААИ ба андозаи 1,5% дар нуҳ моҳи соли ҷорӣ назар ба нуҳ моҳи соли 2019 зиёд гардидааст.

Бояд қайд кард, ки Нозироти андоз дар шаҳри Бӯстон нишондиҳандаҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2020»-ро дар ҷамъбасти нуҳ моҳи соли 2020 бо дарназардошти андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ 100,4 фоиз таъмин намуд. Ба буҷети давлатӣ 72 миллиону 477 ҳазор сомонӣ ворид гардид, ки аз нақшаи пешбинишуда 317,1 ҳазор сомонӣ зиёд аст, аммо нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ба маблағи 1 миллиону 389 ҳазор сомонӣ кам мебошад.

**Тоҳирҷон ИСКАНДАРЗОДА, вилояти Суғд**

# АМАЛИ ХИЁНАТ НОБАХШИДАНИСТ!

**«Касе, ки ба иштибоҳ роҳ медиҳад, ӯро бахшидан мумкин аст, вале касе, ки хиёнат мекунад, бахшида нахоҳад шуд». Чунин оғоз мешавад филми мустанади «Хиёнат», ки аз ҷониби Муассисаи давлатии "Тоҷикфилм" таҳия ва тариқи шабакаҳои телевизионии кишвар намоиш дода шуд.**

Мутмаинам, пас аз тамошои филми мазкур, ки ҳеҷ нафаре наметавонад бетарафиро ихтиёр кунаду бобати он чизе нагӯяд. Филм хеле таъсиркунанда аст. Ҳангоми тамошои он ҳам ба эҳсосот дода шудам. Тайи солҳои ҷанги шаҳрвандӣ он чиро, ки дидам, ҳанӯз пеши назарам ҳувайдост. Даҳшату ваҳшоният, азобу машаққат, оҳу нола, доду фиғон, гурезагӣ...

Тибқи маълумот, кишвар дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ хисороти хеле зиёд дидааст. Мардум нахуст сулҳу амониро аз даст дод. Дар баробари ин, ҳазорон нафари дигар кушта шуданд. Яъне, нафарони зиёде қурбони дасисаву иғвогари душманони миллат гардиданд. Тавре таърих собит намуд, гурӯҳҳои иғвогар тайи солҳои зиёд дар кишвари тоҷикон худро мустаҳкам намуда, сипас, даст ба ҷиноят заданд.

Вақти тамошои филм баръало мушоҳида мешавад, ки мардум то чӣ андоза таҳти фишору бераҳмиҳои гурӯҳҳои ҷиноятпеша қарор мегирифтанд. Дар филм аён мегардад, ки ҳамаи ин бедодгарии гурӯҳҳои ифротӣ маҳз аз ҷониби роҳбарону намояндагони Ҳизби дар Тоҷикистон мамнӯи наҳзати ислом сурат мегиранд. Ин аст, ки санаи 29 сентябри соли 2015 бо қарори Суди Олии Тоҷикистон ҲНИ ташкилоти террористӣ-экстремистӣ эътироф гардида, фаъолияти он дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ карда шуд.

Шоҳидони асли воқеа иброз медоранд, ки чӣ гуна ба онҳо хоҷагони хориҷӣ таълимоти ғайридинию ғайриинсонӣ омӯзондаанд. Қатлу куштори садҳо нафар аз зиёиёну олимон, рӯзноманигорону сиёсатмадорон ва садҳо нафарони касбу кори дигар худ гувоҳи он аст, ки мақсади асосии ин гурӯҳҳои ҷиноятпеша, дар қабои ҲНИ, нахуст аз байн бурдани илму маориф аст, вагарна чаро ин қадар фозилону фарзонагонро куштанд? Аниқ аст, ки мақсади ин пастфитратон аз байн бурдани қудрати зеҳнии миллат, нест кардани арзишҳои дунявӣ дар ҷомеаи тоҷик, нооором сохтани кишвар ва мардумро пойбанд намудан ба ақоиди нодурусти даврони гузашта, аз қабили хурофотпарастӣ, зӯроварӣ ба занону бонувон, мебошад.

Муҳаммадҷон Осимӣ - Президенти Академияи илмҳои Тоҷикистон, Минҳоҷ Ғуломов - Узви вобастаи АИ Итифоқи Шӯравӣ, Юсуф Исҳоқӣ - Ректори Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино, Сайф Раҳимзоди Афардӣ - Раиси Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кароматулло Қурбонов - Ҳунарманди хизматнишондодаи Тоҷикистон, рӯзноманигорон Отахон Латифӣ, Муҳиддин Олимпур, хушбахт Ҳайдаршо, Ҳомид Меликов, Ҷунайдулло Халифаев, Нафасбек Раҳмонов ва садҳо нафарони дигар аз зумраи онҳое буданд, ки аз ҷониби пайравони ТТЭ ҲНИ бераҳмона ба қатл расонида шудаанд. Ин як зарбаи сахту сангин аз ҷониби мардуми тоҷик бар ҳаммиллатони хеш аст. Чунин амали номардонаву разилонаи қотилон талафоти бузурги миллат ба ҳисоб меравад.

Тайи солҳои ноамнӣ дар кишвар беш аз сад нафар шаҳрвандони хориҷӣ низ қурбони амалҳои террористон шудаанд. Профессор Ютака Анико, Ришард Шевчик, Адолфо Шарпеге аз зумраи шаҳрвандони хориҷие мебошанд, ки аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид баҳри барқарор намудани сулҳ дар Тоҷикистон ширкат доштанд ва дар ин даргириҳо ҷони худро аз даст доданд.

Умаралӣ Миров, сокини ноҳияи Нуробод, ки шоҳиди воқеаи куштори шахсони мазкур буд, бо таассуф қайд мекунад, ки намояндагони ҲНИ шахсони хориҷӣ, журналистон, дипломатҳо, сиёсатмадорон ва дигар шахсонро ба гарав мегирифтанд, азоб медоданд, сипас онҳоро ба қатл мерасонданд. Мақсади чунин рафтор намудани террористон, пеш аз ҳама, дар он буд, ки онҳо намехостанд дар кишвар сулҳу субот ва оромӣ пойдор бошад. Агарчи намояндагони ҲНИ тоҷик буданд, аммо дар вуҷудашон ягон зарра инсофи ҷавонмардиву ҳисси миллӣ намонда буд. Ба хотири пулу моли хоҷагони хориҷии худ онҳо ба хиёнат нисбати халқу Ватани хеш даст зада буданд. Ютака Аникоро намояндагони Ҳизби наҳзати ислом ваҳшиёна кушта, ҷасади ӯро ба ғори лаби дарёи Сурхоб партофтанд, то ин ки нишоне аз ин амали разилонаашон боқӣ намонад. Яъне, амалҳои намояндагони ҳизби мазкур то андозае разилона буд, ки гӯё чашмони пасташонро пулу моли хоҷагони хориҷӣ кӯр карда буд.

Ҳодисаҳои тасарруф кардани дороии мардум аз ҷониби намояндагони ҲНИ хеле зиёд ба назар мерасид. Тавре зикр гардид, акнун чашми террористони хунхор на танҳо ба қатлу куштор ва халалдор намудани осудагии мардум, инчунин, ба тасарруфи амволи онҳо нигаронида шуда буд.

- Намояндагони ҲНИ бояд «БАЙТУЛМОЛ» дошта бошанд. Яъне, бо ҳар роҳе, ки бошад, онҳо молу дороиро дар ҳар минтақа ба даст оранд. Бароишон муҳим ҳамин буд, ки онҳо бояд амволи зиёдеро аз худ кунанд, - мегӯяд Айёмиддин Сатторов, яке аз муассисони ташкилоти экстремистӣ – террористии ҲНИ. - Фарқ надошт, ки онҳо ин пулу молро аз куҷо ва бо кадом роҳ ба даст меоранд. Рӯз аз рӯз сафи ҷиноятҳои намояндагони ҲНИ бештар мешуд. Акнун мардумро ба гарав гирифта, аз пайвандонашон маблағ талаб мекарданд.

Абдусаттор Ашӯров, сокини шаҳри Истаравшан зикр мекунад, ки ҳар ҳизбу ҳаракат ё гурӯҳе, ки давлату амнияти онро нооором мекунад, ҳатман онҳоро гурӯҳи фашистӣ мебояд ном бурд. Маҳз ҳамин наҳзатиҳо буданд, ки бо маслиҳати хоҷагони хориҷии худ давлатро вайрон, мулкро хароб ва мардумро нооором карданд. Бигузор чунин гурӯҳҳои ҷиноятпеша ба судҳои умумиҷаҳонӣ кашида шаванд ва ҷазо бигиранд...

Тавре дар филм таъкид мегардад, мо бояд фарзандонамонро эҳтиёт кунем ва нагузорем, ки ба барои таҳсили динӣ ба хориҷ раванд. Зеро, тавре дидем, онҳо фарзандони моро бо дигар роҳ таълим медиҳанд. Дар натиҷаи чунин таълими нодуруст, фарзандон бадхоҳу хоин ва душмани халқу миллат мегарданд.

**Тоҷинисои ЗАЙНИДДИН**

# КОРРУПСИЯ — ЯКЕ АЗ МОНЕАҲОИ АСОСӢ ДАР РОҲИ РУШД

**Коррупсия яке аз зуҳуроти мураккаби ҷамъиятиест, ки дар замонҳои қадим пайдо шуда, то имрӯз қариб дар ҳамаи давлатҳои ҷаҳон вуҷуд дорад. Ба андешаи олимон нишонаҳои аввалинро дар бораи коррупсияи амалдорон дар бойгониҳои Бобулистони қадим (нимаи дуюми асри XXIV то давраи мо), дертар дар қонунҳои машҳури Хаммурапи дучор омадан мумкин аст. Дар замонҳои қадим коррупсия ба истилоҳҳои фасод, вайронкунанда, зарарасонанда ва фурӯхтани мансаб маънидод ва ҳамчун рафтори истифода намудани имкониятҳои мансаб ба манфиатҳои шахсӣ фаҳмида мешуд. Афроди ба чунин амал дастзада дар ҳамаи давру замонҳо аз ҷониби аҳли ҷомеа маҳкум мегардиданд.**

Коррупсия аз мушкилоти замони муосир ба ҳисоб рафта, садди роҳи рушду инкишофи давлатҳо мегардад. Бинобар ин, ҷомеаи ҷаҳониро зарур омад, ки алайҳи ин зуҳуроти номатлуб чораҳои мушаххаси қонунӣ андешад. Мубориза бар зидди коррупсия дар ҷаҳони муосир ба як масъалаи глобалӣ табдил ёфтааст. Дар дунё кишваре нест, ки бо ин мушкилот рӯ ба рӯ нашавад ва алайҳи он муборизаи сартосарӣ набарад. Асоси ҳуқуқии мубориза бо ин зуҳуроти хавфнок аз Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид зидди коррупсия маншаъ мегирад, ки 31 октябри соли 2003 қабул гардидааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон 25 сентябри соли 2006 ба ин ҳуҷҷати муҳим имзо гузошта, ба узвияти Конвенсияи СММ пазируфта шуд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон низ баъди истиқлол ба даст овардан, дар қатори дигар душвориҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодию фарҳангӣ, ба проблемаҳои коррупсия рӯбарӯ гардид. Сабабҳо ва омили асосии густариши корупсия дар ҷомеаи мо, аз як тараф, паст будани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон ва сатҳи зиндагии мардум, аз тарафи дигар, омода набудани халқ ба иқтисодиёти бозаргонӣ ва дарк накардани қоидаҳои он буд. Албатта, паҳн гаштани коррупсия дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа Ҳукумати кишварро ба ташвиш оварда буд, зеро равандҳи демократикунонии ҷомеа дар рӯбарӯи коррупсия дар ҳолати осебпазирӣ қарор дошт. Аз ин рӯ, бо ибтикори Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон як қатор ислоҳоти ҳуқуқӣ дар самти танзими сохтори қонунҳо рӯйи кор омад ва барои мубориза бо коррупсия чораҳои зарурӣ андешида шуданд.

Ин зуҳуроти хавфноки ҷомеа дар микёси ҷаҳонӣ ҳамчун ҷинояти вазнин ва яке аз унсурҳои таҳдидкунанда ба амнияти миллӣ ва халалдоркунандаи рушди босуботи иҷтимоию иқтисодии давлат эътироф гаштааст, ки он ба пешрафти иқтисодиёт халал расонида, бунёди ҷомеаи демократиро заиф месозад ва ба рушди демократия таъсири манфӣ мегузорад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин қайд кардаанд: "Коррупсия зуҳуроте номатлубест, ки эътимоди мардумро ба давлат коста гардонида, обрӯву эътибори онро коҳиш медиҳад, барои рушди иқтисодиёти пинҳонӣ ва истифодаи ғайримақсадноки маблағҳои давлативу ҷамъиятӣ шароит фароҳам меорад, дар маҷмӯъ, боиси поймолшавии ҳуқуқи инсон ва заиф шудани пояҳои ахлоқии ҷомеа мегардад".

Бамаврид аст зикр намоем, ки мубориза бар зидди коррупсия ва коҳиш додани сатҳи он аз бисёр омилҳо ба мисли дастаҷамъӣ, ҳамдигарфаҳмӣ, савияи баланди донишу шуурнокӣ ва фаъолнокии ҳар як фарди ҷомеа, сатҳи воқеии зиндагӣ вобаста аст. Мубориза алайҳи коррупсия муборизаи тӯлонӣ ва маҷмӯӣ буда, самаранок гузаронидани он ба амалӣ сохтани як қатор чорабиниҳо вобастагӣ дорад. Барои ин, қабл аз ҳама, таҳияи стратегияи зиддикоррупсионӣ зарур аст.

Бояд тазаккур дод, ки яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ мондани пешгирии коррупсия мебошад. Муқовимат ба коррупсия кори дастаҷамъона буда, дар он мақомоти давлатӣ дар ҳамбастагӣ бо ҷомеаи шаҳрвандӣ ва бо иштироки ҳар як фарди ҷомеа метавонад натиҷаҳои дилхоҳро ба даст оварад ва болоравии коррупсияро коҳиш диҳад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз Паёмҳои худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид намудаанд: "Фаромӯш набояд кард, ки мубориза ба муқобили коррупсия фақат вазифаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ нест. Дар ин мубориза тамоми аҳли ҷомеа, ҳар як шаҳрванд ва ҷомеаи шаҳрвандӣ низ бояд бетараф набошад".

Тадбирҳои амаликунандаи Роҳбари давлат ва Ҳукумати ҷумҳурӣ барои аз байн бурдани зуҳуроти номатлуби ҷамъиятӣ моро водор месозад, ки дар ин кори муҳими давлатӣ бетараф набошем ва дар пешгирӣ аз ин зуҳуроти нангин ҳиссаи худро гузорем.

**Мавҷуда НУРОВА,**
**омӯзгори литсейи "Раҳнамо"**

# ВАЗЪИ ИСТИФОДАИ МНХ ДАР КИШВАР

**Дар асоси талаботи қонунгузории андоз соҳибкорон уҳдадоранд, ки ҳангоми ҳисоббаробаркунии нақдӣ аз мошинҳои назоратӣ-хазинавии дорои хотираи фискалии бо таҷҳизоти интиқолдиҳандаи электронӣ муҷаҳҳаз (МНХ-и дорои ТИЭ) истифода намоянд. Зеро МНХ яке аз воситаҳои муайян намудани даромади воқеии андозсупорандагон ба ҳисоб меравад. Дар қаламрави кишвар ҳисоббаробаркуниҳои пулӣ ҳангоми фурӯши мол, иҷрои кор ва хизматрасониҳо бо пули нақд, кортҳои пардохти бонкӣ, чиптаҳо, бо истифодаи ҳатмии МНХ ва додани чиптаи назоратӣ анҷом дода мешаванд.**

Имрӯзҳо кормандони мақомоти андози кишвар кӯшиш намуда истодаанд, ки давра ба давра ҳамаи марказҳои савдо ва хизматрасонии кишварро бо МНХ-и дорои ТИЭ таъмин намоянд. Инчунин, Кумитаи андоз назорати раванди истифодабарии мошинҳои назоратӣ-хазинавӣ ва додани чипта ба истеъмолкунандагонро зери назорат қарор дода, бо андозсупорандагоне, ки дар мавриди истифодаи мошинҳои назоратӣ-хазинавӣ ба қонунвайронкуниҳо роҳ медиҳанд, корҳои фаҳмондадиҳӣ мегузаронад. Истифодаи МНХ-и дорои ТИЭ имкон медиҳад, ки фаъолияти андозсупоранда ва интизоми ӯ оид ба истифодаи МНХ дар низоми мустақим зери назорат қарор гирифта, масъулияти андозсупоранда ҷиҳати риояи қонунгузории андоз баланд бардошта шавад ва сатҳу сифати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон беҳтар гардад.

Тибқи иттилои Раёсати санҷишҳои амалиётӣ ва назорати фаврии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нуҳ моҳи соли 2020 мақомоти андоз дар фаъолияти 3855 андозсупоранда МНХ - и дорои ТИЭ насб намудаанд, ки ин 90,1 фоизи нақшаи пешбининамударо ташкил медиҳад. Тибқи фармоишҳои Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 январи соли 2020, №8 ва аз 9 июли соли 2020, №331 мақомоти ҳудудии андоз вазифадор гардида буданд, ки дар семоҳаи сеюми соли 2020 дар фаъолияти 4285 андозсупоранда МНХ-и дорои ТИЭ насб намоянд.

Манбаъ илова намуд, ки новобаста аз таъкидҳои пайвастаи роҳбарияти Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷаласаҳои қаблан гузаронидашуда ва барқияномаҳои ирсолгардида нозиротҳои андози баъзе шаҳру ноҳияҳо аз уҳдаи иҷрои нақшаи таъмини МНХ дар нуҳ моҳи соли ҷорӣ набаромаданд. Аз ҷумла, шаҳру ноҳияҳои Шоҳмансур нақшаи таъмини МНХ-ро ҳамагӣ 51,1 фоиз, Исмоили Сомонӣ 65,2 фоиз, Сино 79,3 фоиз, Хуҷанд 97 фоиз, Рӯдакӣ 84,5 фоиз, Ваҳдат 97,3 фоиз, Турсунзода 80,6 фоиз, Айнӣ 83,3 фоиз, Зафаробод 88,9 фоиз, Конибодом 81 фоиз, Спитамен 73,6 фоиз, Панҷакент 65,8 фоиз, Истаравшан 74,1 фоиз, Бӯстон 87 фоиз, Истиқлол 26,7 фоиз, Ашт 83,3 фоиз, Восеъ 89,3 фоиз, Фархор 90 фоиз, Ховалинг 93 фоиз, Шамсиддин Шоҳин 77,8 фоиз, Вахш 42,5 фоиз, Дӯстӣ 59,3 фоиз, Қубодиён 71 фоиз, Ҷалолиддини Балхӣ 78,6 фоиз, Кӯшониён 72,2 фоиз, Панҷ 67,4 фоиз, Шаҳритус 98,5 фоиз, Леваканд 55,6 фоиз, Ёвон 95,1 фоиз, Носири Хусрав 44,4 фоиз, Рашт 58,3 фоиз, Нуробод 66,7 фоиз, Файзобод 90,9 фоиз, Варзоб 50 фоиз ва Сангвор 44,4 фоиз иҷро намуданд.

Масъулини Раёсат сабабҳои аз МНХ истифода накардани андозсупорандагонро, пеш аз ҳама, дар нишон надодани маҳсулоти савдокарда ва маблағи даромадашон маънидод намуд. Аммо соҳибкорон сабаби инро дар суст будани савдо, аҳамият надодани харидорон ба чипта, набудани барқ ва корношоям будани МНХ маънидод мекунанд. Ин дар ҳолест, ки истифодаи МНХ ҳангоми ҳисоббаробаркуниҳои пулӣ дар вақти фурӯши мол, иҷрои кор ва хизматрасониҳо бо пули нақд дар асоси қонунгузории андоз ҳатмӣ мебошад.

Манбаъ пешниҳод намуд, ки мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ низ бояд дар мавриди бо МНХ таъмин кардани нуқтаҳои савдо ва хизматрасонӣ бо кормандони мақомоти андоз ҳамкорӣ намоянд. Яъне дар таъмини МНХ ва таҳти назорат қарор додани онҳо нозиротҳои андоз наметавонанд дар танҳоӣ аз уҳдаи иҷрои ин кор бароянд ва дар ин маврид кӯмаки мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо ҳатмист. Ба ин кор, онҳо низ бояд диққат диҳанд, зеро ин амал ба ғанӣ гардидани буҷети маҳаллӣ таъсири мусбӣ мерасонад. Соҳибкор пеш аз он, ки дар ҳудуди шаҳр ё ноҳия дӯкони савдо ё нуқтаи хизматрасонӣ кушояд, аввал аз мақомоти иҷроияи маҳалли хеш иҷозат мегирад. Дар ин маврид, дар мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ба шахси ба фаъолияти соҳибкорӣ машғулшаванда, хуб мешуд, корҳои фаҳмондадиҳӣ анҷом диҳанд. Агар ин масъала роҳи ҳалли худро пурра ёбад, ба манфиати буҷети маҳаллӣ хоҳад буд.

Ёдовар мешавем, ки мутобиқ ба тағйироти ба моддаи 38 Кодекси андоз воридгардида, ки аз 1 январи соли 2017 мавриди амал қарор гирифтааст, МНХ бояд қобилияти интиқоли электронии маълумотро дошта бошад. Таъмини интиқоли электронии маълумот аз МНХ-и андозсупорандагон ба Кумитаи андоз имконият медиҳад, ки соҳибкорон ба мақомоти андоз ҳозир нашуда, нишондодҳои МНХ-ро ба мақомоти андоз пешниҳод намояд. Маълумоти аз МНХ ба Кумитаи андоз воридгардида, бо истифода аз технологияҳои муосир дар барномаҳои Системаи муттаҳидаи иттилоотии идоракунии андозҳо мавриди коркард қарор гирифта, дар ин замина, то ҳадди максималӣ дар фаъолияти андозсупорандагоне, ки аз МНХ истифода карда, қонунгузории андозро риоя менамоянд, корҳои назоратӣ гузаронида намешавад.

Тавре масъулон қайд мекунанд, истифодаи МНХ-и дорои ТИЭ ба пешрафти фаъолияти соҳибкор ҳамеша таъсири мусбат мерасонад. Чунки муштариён, аслан, ба сифати хизматрасонӣ ва арзиши маҳсулот диққат медиҳанд, ҳарчанд баъзан вонамуд намекунанд, ки маҳсулоти харидаашон гаронтар аст. Бахри таваҷҷуҳ зоҳир намудани муштариён, соҳибкорони асил кӯшиш мекунанд тавассути чипта нишон диҳанд, ки арзиши маҳсулот гарон нест. Дар Аврупо ва Амрико дар чиптаи мошини назоратӣ – хазинавӣ на танҳо арзиши маҳсулот, балки сабукиҳо (тахфифҳо), аксияҳо ва ҷоизаҳо барои хариди ин ё он маҳсулотро дарҷ менамоянд.

Тавре аз мушоҳидаҳо бармеояд, ҳарчанд соҳибкорон бо МНХ-и дорои ТИЭ таъминанд, аммо аз он ба таври зарурӣ истифода намекунанд. Вақте аз онҳо сабаби инро пурсон мешавем, набудани савдо, аҳамият надодани харидорон, набудани барқ ва корношоям будани МНХ-ро баҳона мекунанд.

Аз ин рӯ, соҳибкоронро зарур аст, ки зимни истифодаи МНХ масъулият эҳсос кунанд ва ба харидорон пайваста аз МНХ чипта пешниҳод намоянд. Ҳамзамон, ҷиҳати тақвият бахшидан ба раванди таъмини соҳибкорон бо МНХ мақомоти ҳудудии андоз бояд бо истифода аз таҳлили барномаҳои СМИИА корро дар ин самт вусъат диҳанд, пеш аз ҳама, нисбат ба он субъектҳое, ки бархилофи талаботи муқарраргардида дар фаъолияташон аз МНХ истифода намекунанд, инчунин, андозсупорандагонеро, ки аз оғози фаъолияташон 3 моҳ гузаштааст, бо МНХ-и дорои ТИЭ таъмин намоянд.

**М. ҶУМЪА**

## ЭЪЛОН

### БАРҲАМ МЕХӮРАД

- ҶДММ «Манзили Умед» (РЯМ-0210014228), воқеъ дар шаҳри Ваҳдат барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо ба муддати 2 моҳ қабул карда мешаванд.
- ҶДММ «Роҳи Ватан» (РЯМ-5210002050), воқеъ дар ноҳияи Айнӣ барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо ба муддати 2 моҳ қабул карда мешаванд.
- ҶСФ «Пиллаи Айнӣ» (РЯМ-5210000859), воқеъ дар ноҳияи Айнӣ барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо ба муддати 2 моҳ қабул карда мешаванд.
- Кооперативи тиҷоратии «Юсуфиён» (РМА-590005325), воқеъ дар ноҳияи Спитамен барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо ба муддати 2 моҳ қабул карда мешаванд.
- Кооперативи тиҷоратии «Сорбон» (РЯМ-1810004965), воқеъ дар шаҳри Кӯлоб барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо ба муддати 2 моҳ қабул карда мешаванд.
- Ассоциатсияи хоҷагиҳои деҳқонии «Иттифоқ» (РЯМ-3010000923), воқеъ дар ноҳияи Дӯстӣ барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо ба муддати 2 моҳ қабул карда мешаванд.

### ЭЪТИБОР НАДОРАД

- Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Қурбонов Дӯстназар (РЯМ-3230016946), аз ноҳияи Қубодиён бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.
- Патенти соҳибкори инфиродӣ Аҳмадова Гулбаҳор (РЯМ-0430020571), аз ноҳияи Сино бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.
- Патенти соҳибкори инфиродӣ Соатов Фарҳод (РЯМ-0430269694), аз ноҳияи Сино бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.
- Патенти соҳибкори инфиродӣ Қурбонов Муҳаммадшоҳ (РЯМ-1830079513), аз шаҳри Кӯлоб бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.
- Патенти соҳибкори инфиродӣ Назаралиева Гулнисо (РЯМ-7030009901), аз шаҳри Хоруғ бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.
- Патенти соҳибкори инфиродӣ Саркоров Хусрав (РЯМ-7230004201), аз ноҳия Рушон бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.
- Патенти соҳибкори инфиродӣ Наврӯзов Нуриддин (РЯМ-0730170210), аз шаҳри Турсунзода бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.
- Патенти соҳибкори инфиродӣ Бадридинова Ҳуринисо (РЯМ-0530193254), аз шаҳри Ваҳдат бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.
- Патенти соҳибкори инфиродӣ Раҳмонова Басгул (РЯМ-0530011213), аз шаҳри Ваҳдат бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.
- Патенти соҳибкори инфиродӣ Тоҳиров Парвиз (РЯМ-5130015954), аз шаҳри Хуҷанд бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.
- Патенти соҳибкори инфиродӣ Одинаев Абдурашид (РЯМ-6830101227), аз ноҳияи Ашт бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.
- Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Қирғизбоева Гулбаҳор (РЯМ-6130082897), аз ноҳияи Ҷаббор Расулов бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.
- Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Ҳикматуллоева Муқаддас (РЯМ-6130066067), аз ноҳияи Ҷаббор Расулов бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.
- Патенти соҳибкори инфиродӣ Хусаинов Фахриддин (РЯМ-3030027734), аз ноҳияи Дӯстӣ бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.
- Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Нуралиев Қурбоналӣ (РЯМ-3030037056), аз ноҳияи Дӯстӣ бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Мошини назоратӣ- хазинавии таҳти №2017597 тамғаи Миника 1105Ф мутаалиқ ба ҶДММ «Тоҷиндо» (РЯМ-0410032865), аз ноҳияи Сино бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Мошини назоратӣ-хазинавии таҳти №2014016 тамғаи Миника 1105Ф мутаалиқ ба соҳибкори ифиродӣ Мирзоалиев Файзалӣ Қурбоналиевич (РМА-045192570), аз ноҳияи Исмоили Сомонӣ бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

# АНДОЗҲОИ БУЛАҶАБ

### АНДОЗ АЗ ДУЧАРХА

Моҳи марти соли 1910 Думаи шаҳрии Симбирск қарор бароварда буд, ки ҳар шахси велосипеддор вазифадор аст, ки ҳангоми даромадан ба шаҳр бояд 50 копеек андоз супорад. Ба шахсоне, ки андоз месупориданд, китоби қоидаҳои велосипедронӣ дода мешуд. Соҳиби дучарха мебоист дар дучарха рақами давлатиро овезон карда, баъдан рафтуо кунад. Шахсоне, ки ин қонунро вайрон мекарданд, ҷарима мешуданд.

### АНДОЗ БАРОИ ВАННА

Дар Русия бо фармони Пётри 1 андоз аз ваннаҳои хона ҷорӣ карда шуд. Шахсоне, ки дар хонаҳояшон ванна доранд, бояд барои аз он истифода кардан ба хазинаи давлат андоз супоранд.

### ОЁ МЕДОНЕД?

Дар бисёр кишварҳои хориҷӣ бачаҳои синфҳои ибтидоӣ ташвиқ карда мешаванд, ки асосҳои андозбандиро дар мактабҳои миёна омӯзанд. Аз ҷумла, ин таҷриба дар Ҷопон вуҷуд дорад, ки дар он кӯдакон барои омӯзиши дастури «Ҳаёти мо ва андозҳо» даъват карда мешаванд.

**Таҳияи Шаҳзод ОРИФӢ**

## ДИҚҚАТ!!! ДИҚҚАТ!!!

**ОБУНА БА РӮЗНОМАИ «БОҶУ ХИРОҶ» БАРОИ СОЛИ 2021 ИДОМА ДОРАД**




Нашрияи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

НАРХИ ЯКСОЛАИ ОБУНА → 80 ← СОМОНӢ

СУРАТҲИСОБИ РӮЗНОМА:
р/сч 20202972000266101000
кор/сч 20402972316264
МФО 350101626
БДА ҶТ «Амонатбонк»
дар шаҳри Душанбе
РМА 030007408

СУРОҒАИ МО:
шаҳри Душанбе, хиёбони Н.Қарабоев 42/3, бинои Нозироти андоз дар ноҳияи Фирдавсӣ. **Телефон:** (2)33-08-41


## СУХАНОНИ ҲАКИМОНА

Ғамгин машав! Оё намебинӣ, ки абри сиёҳ чӣ тавр пароканда, шаби торик чӣ тавр равшан шуда, боди башӯромада чӣ тавр ором мегардад? Сахтиҳои ту низ ба фарохӣ, зиндагиат ба хушӣ ва оянддаат ба накӯӣ мубаддал хоҳад гашт!

x x x

Зиёрат кардан ва ҳадя додан, ду калиди зарринест, ки қуфли қалбҳоро мекушояд.

x x x

Заҳматкаш барои фикри бад кардан вақт намеёбад, аммо танбал худро аз бадӣ наҷот дода наметавонад.

x x x

Барои муваффақ шудан меҳнат бояд кард, то бахт аз тарафи ту бошад, барои танбалҳо бахт гуфтанӣ чиз вуҷуд надорад.

x x x

Фикр мекунӣ, ки нопурсида чизе аз худ мекунӣ ё фикр мекунӣ, ки бо хомӯш истодан, бедониш гузашта меравад, пас фиреб мехӯрӣ, наист, бипурс!

x x x

Муваффақият номи қасрест, ки барои ба он ворид шудан бояд босабру самимӣ ба роҳи ҳақиқат қадам гузорӣ.

## КӮҲИ САФЕД

Нақби мошингузар бо дарозии 11,6 километр дар даруни кӯҳи сафеде, ки Фаронса ва Италияро бо ҳам мепайвандад, аз берун бо ранги сафед хеле зебо кандакорӣ шудааст. Гузаштан аз ин нақб ройгон нест, зеро дар сохтмони он 41 миллион евро сарф шудааст.

## ОЁ МЕДОНЕД?



**Роҳҳои кишвари Гуам аз марҷон сохта шудаанд, зеро дар он ҷо рег нест. Аз ҳамин хотир, онҳо аз омехтаи нафт ва марҷон роҳ бунёд мекунанд.**

x x x

Дар асри XIX пулҳои аз пӯсти тюллен тайёршуда дар Аляска хеле маъмул буданд.

x x x



**Яке аз куҳансолтарин бонки дунё «Banca Montedei Paschidi Siena» мебошад, ки соли 1472 таъсис ёфтааст.**

x x x

То миёнаҳои асри XX дар бештари кишварҳои Африқо чорво вазифаи пулро ба ҷо меовард.

## ПАНДИ РӮЗГОР



Муҳаррики киштӣ аз кор монда буд ва касе онро бояд таъмир мекард. Ба ҳамин хотир нафареро, ки таҷрибаи зиёди корӣ дошт оварданд. Ӯ муҳаррикро бодиққат ташхис кард. Сипас, аз ҷузвдонаш болғаи хурдакакеро баровард. Пас бо эҳтиёт ба ҷойи муайяни муҳаррик зад ва муҳаррик дарҳол ба кор даромад. Муҳаррик таъмир шуд.

Баъди як ҳафта усто барои ҳаққи кораш аз моликони киштӣ 10000 доллари амрикоӣ талаб намуд.

«Чӣ қадар?!»- гуфтанд моликон. «Шумо қариб ҳеҷ кор накардед. Ба мо ҳисоботи пурра пешниҳод намоед».

Ӯ дар ҷавоб танҳо гуфт:

- Бо болға кӯфтан 2 доллар. Донистани он, ки ба куҷо бояд кӯфт 9998 доллар.

**Андарз: Ҳеҷ гоҳ набояд таҷрибаро нодида гирифт.**

## ММД ба ҳар сари аҳолӣ - 160 ҳазор доллар

Лихтенштейн, ки дар Аврупои Ғарбӣ ҷойгир аст, яке аз хурдтарин кишварҳои ҷаҳон буда, масоҳаташ ҳамагӣ 160 километри мураббаъро ташкил медиҳад. Бояд гуфт, ки он аз ҷиҳати иқтисодӣ давлати мутараққӣ мебошад ва маҷмӯи маҳсулоти дохилиаш ба ҳар сари аҳолӣ 160 ҳазор доллар (ҷойи аввал дар ҷаҳон) рост меояд. Пешрафти Лихтенштейн аз ҳисоби рушди саноат аст, яъне он аз ҳисоби коркарди металл, асбобҳои оптикӣ, технологияи вакуумӣ, системаҳои электронӣ, микропротсессорҳо ва амсоли инҳо таъмин мегардад.

## ТЕННИСБОЗИ САХОВАТПЕША



Серена Уилямси амрикоӣ яке аз муваффақтарин зани теннисбози ҷаҳон ба ҳисоб меравад. Тӯли фаъолияти касбиаш ӯ дар 23 мусобиқаи Кулоҳи бузург, ки дар теннис пурнуфузтарин мебошад, ғолиб омада, соли 2012 дар Англия чемпиони бозиҳои олимпӣ шудааст.

Маҳз маҳорати воло, заҳматписандӣ ва муҳаббати беандоза ба касби хеш боис шуданд, ки дар ин ҷода ба комёбиҳои камназир даст ёбад.

Серена, ҳамчунин, шахси саховатпеша аст. Ӯ муассиси фонди хайриявӣ мебошад ва тайи солҳои охир дар Кения, Сенегал ва Ямайка якчанд мактаб бунёд намудааст. Инчунин, фонд ба муҳассилини як қатор коллеҷҳо идрорпулӣ пардохт менамояд, ки шуҳрати ин бонуи муваффақро боз ҳам меафзояд.

## ТАЪРИХИ ҶОИЗАИ «ОСКАР»

**Ҷоизаи «Оскар» мукофоти ҳарсолаи Академияи санъат ва илми кинематографияи Иёлоти Муттаҳидаи Амрико буда, маъруфтарин ва мӯътабартарин ҷоизаи синамои ҷаҳон ба шумор меравад. Ин ҷоиза ҳайкалчаи зарҳалиест, ки 34 сантиметр баландӣ ва 3 килою 850 грамм вазн дорад.**



Маросими аввалини супурдани ҷоизаи «Оскар» соли 1929 дар меҳмонхонаи «Ҳолливуд Рузвелт Ҳотел» (Hollywood Roosevelt Hotel) баргузор гардида, ҳамагӣ 15 дақиқа давом кардааст. Уолт Дисней то ба ҳол 59 бор ба ҷоиза пешниҳод гардида, 26 бор соҳиби «Оскар» шудааст. Дар таърихи ҷоиза танҳо се филм: «Бен Гур» (1959), «Титаник» (1997), «Шоҳангуштарӣ: Бозгашти шоҳ» (2003) 11 маротиба соҳиби ҷоизаи «Оскар» шудаанд. Вале филми «Шоҳангуштарӣ: Бозгашти шоҳ» нисбат ба филмҳои «Бен Гур» ва «Титаник» барҷастатар мебошад. Филми мазкур ба 11 номгӯи ҷоиза пешниҳод гашта, 11 ҷоизаи «Оскар» гирифтааст. Дар номгӯи «Беҳтарин нақши мардона» Том Ҳэнкс ва Спенсер Трейси ду сол пайи ҳам соҳиби ин мукофот гардидаанд. Дар номгӯи «Беҳтарин нақши занона» Кэтрин Ҳёпберн чор бор сазовори ин мукофот шудааст. Филме, ки бо ин мукофот қадр мегардад, аз ҷиҳати тиҷоратӣ муваффақ хоҳад шуд. Масалан, пас аз он ки филми «Шекспири ошиқ» соҳиби ҷоизаи «Оскар» гашт, хазинаашро боз ба миқдори 100 миллион доллари дигар бештар кард. Бонуе, ки беш аз ҳама соҳиби ин ҷоиза гаштааст, тарроҳи либосҳо Эдит Ҳэд мебошад. Ӯ тайи солҳои 1950-1974 сазовори 8 ҷоиза шудааст.

Боҷу хироҷ
МУАССИС: КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
Сармуҳаррир
Фарзона ШАРИФӢ

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ ВА МУШОВАРА:
**ДАВЛАТЗОДА Н. М.** - Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; **ҚАҲҲОРЗОДА Ф. С.** - Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон; **СОЛЕҲЗОДА А. М.** - муовини аввали Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; **МЕЛИКЗОДА К.Н.** - муовини Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; **ЮСУФӢ П. С.** - ёрдамчии Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; **НУРЗОДА Ҷ.** - сардори Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; **ҶАЛИЛЗОДА Қ.** - сардори Сарраёсати баҳисобгирӣ ва таҳлили даромадҳо; **ВОҲИДОВ А.** - муовини сармуҳаррир - котиби масъули рӯзномаи «Боҷу хироҷ»; **НИГМАТОВ М.** - сардори шуъбаи иқтисод, буҷет ва андози рӯзномаи «Боҷу хироҷ».

Дар рӯзнома ба хотири гуногунандешӣ маталибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад.

Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги ҷумҳурӣ тахти рақами 597 номнавис шудааст.

Рӯзнома бо шаҳодатномаи №0310003650 дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шудааст.

**Тел:** 233-08-41, 233-55-31 (мухбирон), 44-600-41-76 (шуъбаи эълон ва обуна)

**Навбатдор:** Мазҳаб ҶУМЪА

**Тарроҳ:** Сафаралӣ САТТОРОВ

*Суроға: ш. Душанбе, х. Н. Қарабоев 42/3, бинои Нозироти андоз дар н.Фирдавсӣ*

► ***Индекс: 68930***

Рӯзнома дар нашриёти «Шарқи озод» чоп шудааст.

**Теъдод: 78404**